**ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ**

**АЛИШЕР НАВОИЙ НОМИДАГИ САМАРЌАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ**

**Ќўлёзма њуќуќида**

**УДК 891.709**

**НАРЗИҚУЛОВ МЕҲМОН ҚУРБОНАЛИЕВИЧ**

# ҲОЗИРГИ ЗАМОН ЎЗБЕКИСТОН ШОИРЛАРИ ИЖОДИДА ҒАЗАЛ ЖАНРИНИНГ ШАКЛЛАНИШ ТАМОЙИЛЛАРИ

**Мутахассислик: 5А120101-Адабиётшунослик**

**(тожик адабиёти)**

**Магистр академик даражасини олиш учун ёзилган**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**Иш кўриб чиќилди**
**ва њимояга**
**рухсат берилди:**
**Тожик тили ва**
**адабиёти кафедраси мудири**
**дотс. Њ.БЕРДИЌУЛОВ______**
**«______»____________2014 йил.**
**М.Ў.**

**Илмий рањбар:**
**проф. Ж.Ҳамроев**
**________________**

**САМАРЌАНД - 2014**

**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛЇ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ ЉУМЊУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН**

**ДОНИШГОЊИ ДАВЛАТИИ САМАРЌАНД БА НОМИ АЛИШЕР НАВОЇ**

**Дар асоси дастхат**

**УДК 891.709**

**НАРЗИҚУЛОВ МЕҲМОН ҚУРБОНАЛИЕВИЧ**

# ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛИ ЖАНРИ ҒАЗАЛ ДАР ЭЉОДИЁТИ ШОИРОНИ МУОСИРИ ЎЗБЕКИСТОН

**5А120101-Адабиётшиносї**

**(адабиёти тољик)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои гирифтани дараљаи академии магистрї навишта шудааст**

**Кор санљида ва ба**
**њимоя тавсия карда шуд:**
**Мудири кафедраи**
**забон ва адабиёти тољик**
**дотс.Њ.БЕРДИЌУЛОВ**
______________________

**Роњбари илмї:**
**проф. Ж.Ҳамроев**
____________________

**САМАРЌАНД - 2014**

## МУНДАРИЧА

**I. Муқаддима ............................................................................ ............ 3-10**

**II. Боби I. Ҷойгоҳи ғазал дар адабиёти тоҷикии замони Шӯравии Ӯзбекистон.................................................................................... 10**

I.1. Тағйироти мундариҷавӣ ва шаклии ғазал......................................10-25

I.2. Масъалаҳои маънӣ ва ғазали ин давра........................................... 25-34

**III. Боби II. Равишҳои тозаи ғазалсаройии шоирони имрӯзи тоҷикзабон.................................................................................... 35-46**

II.1.Таҳаввули ин навъи шеър дар замони истиқлол........................... 46-50

II.2. Мазмунҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фалсафӣ ва ирфонӣ дар ғазали ин давра ........................................................................ 50-60

II.3.Ғазали тасвирӣ ё худ тасвиргаройӣ дар эҷодиёти шоирони ҷудогона ……........................................................................... 60-76

**IV.Боби III. Суннатгаройӣ ва суннатшикании шоирони ғазалсаро (масъалаҳои балоғати тасвир ва вазну қофия).....................................77-99**

**V. Хулоса............................................................................ 100-109**

**VI. Феҳристи адабиёт, манобеъ ва осор………................................ 110-116**

## МУҚАДДИМА

**Рӯзмаррагии мавзӯъ:** Адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, мисли дигар адабиётҳои ҷаҳон таҳаввулоти зиёдеро паси сар гузоштааст. Хусусан, шеър ва шеърсароӣ дар ҳар давре бо сабку шеваи тозае зуҳур кардааст. Сабкҳое аз қабили "хуросонӣ", "ироқӣ", "ҳиндӣ", "бозгашт" ва "нав" беҳтарин далел дар баҳси як ҷараёни таҳаввулотӣ будани шеър мебошад. Зеҳн ва дидгоҳи зебошинохтии инсони имрӯз, ки атрофашро кайҳону коммуникатсия, мошину суръат фаро гирифтааст, мазмуну муҳтаво ва сохту шакли навро тақозо мекунад. Шеъри классикӣ бо ҳама шаҳомат ва зебоияш қасрҳое аз худ сохта, вале он қасрҳо на ҳамеша ба завқу диди инсони даврони дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва сиёсии асри имрӯз муносиб аст. Бархе аз шоирони равшанфикр ва истеъдодманд, бо равиши модернизм ва постмодернизм тавонистаанд шеъри нав ва тоза бисароянд.

Шеъри Нав (шеъри суннатии дорои мазмун ва маонии нав ва шеъри ғайрисуннатии дорои мазомин ва маъонии комилан нав), чӣ дар шакли «озод» (вазндор ва то ҳадде қофиядор) ва чӣ дар шакли «сапед» (бевазну қофия) истилоҳоти назарии адабиёти ғарбро низ ба осонӣ қабул намуд ва шоирони пешқадами Ирону Тоҷикистону Ӯзбекистон бо равишҳои романтизму сентиментализм, реализм ва ғайраҳо ба сурудани ашъори дархури замони худ пардохтанд. Албатта, дар фикри он нестем, ки адабиёти суннатии мо холӣ аз ин равишҳои адабӣ будааст, ҳаргиз ин тавр нест! Асарҳои суханварони бузурги мо чун Ҷаъфари Рудакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Умари Хайём, Мавлонои Балхӣ, Низомии Ганҷавӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Соиби Табрезӣ, Бедили Деҳлавӣ, Сайидои Насафӣ, Имлои Бухороӣ … ин равишҳои адабиро доштаанд. Вале мурочиат ба ин равишҳо, ки аз сӯи назарияпардозони аврупоӣ мусталеҳ шудаанд, баъд аз асри бист шурӯъ шуд.

Таи бист соли охир дар ҷумҳуриамон садҳо номгӯй китобҳои дарсӣ, даҳҳо маҷмӯъаҳои дастҷамъӣ ва алоҳидаи шеъру насри форсисароёни Ӯзбекистон табъу нашр гардид. Бист сол пеш, ин амр чизе бештар аз орзую омоли адибони пешқадами мо чун шодравон Ҷонибеки Қувноқ, набуд ва ҳоло, худоро шукр, ки ҳар сол чандин маҷмӯъаи назму насри адибони тоҷики мо аз тариқи нашриётҳои ватаниву хориҷа мунташир мешавад ва умедворем ин кор дар оянда низ идома хоҳад дошта бошад. Ҳамаи ин дастовардҳо бе

шакку шубҳа, каромат ва шарофати истиқлол аст. Зеро, ҳамин истиқлоли миллӣ, ҳамин истиқлоли фикрии мардуми мо буд, ки шароити хуберо дар рушду ривоҷи адабиёту ҳунари миллӣ, бахусус, дар соҳаи равобити илмиву адабии Ӯзбекистон бо кишварҳои хориҷӣ фароҳам овард ва ба шоирону нависандагони мо илҳом ва нафаси тоза бахшид.

Маълум аст, ки баъд аз истиқлол як силсила китобҳо, чӣ дарсӣ ва чӣ адабӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ чоп шуд. Дар давоми беш аз бист соли гузашта зиёда аз 200 номгӯй китоб ва маҷмӯъаи шеър ва камобеш ба ҳамон теъдод маҷмӯъаи осори мансур дастраси хонандагон гардид, ки низ мисоли равшан барои гуфтаҳои болост. Ҳамин истиқлол боис шуд, ки дарҳову даричаҳои баста ба рӯи эҷодкорони ҳар ҷабҳа васеътар боз гардад.

Адабиёти форс-тоҷик давраҳои зиёдеро аз сар гузаронидааст. Давраҳои қадиму (аз пайдоиш то ҳуҷуми Искандар) миёнаву (давраҳои Ашкониёну Сосониён; давраи паҳлавӣ) нав (аз футуҳоти аъроб то ба ҳол) даврабандии умумиест, ки мутахассисон қисмат намудаанд. Ҳар як аз ин давраҳо боз ба фаслҳо тақсим мешаванд, ки мо дар ин бобат ба яке аз он, яъне ба адабиёти давраи Истиқлол тавaққуф менамоем. Адабиёти давраи истиқлол маҳсули адабиёти давраи нави тоҷик аст, ки ин қисмат аз се фасли зерин иборат аст:

1. Давраи таҳаввул ва татаввури шеъри муосири форсӣ-тоҷикӣ (солҳои 1924-1970);

2. Давраи оғози худшиносӣ ва бозсозӣ дар шеър (солҳои 1970-1990);

3. Давраи Истиқлоли Ӯзбекистон (аз соли 1990 то кунун).

Фасли аввали адабиёти давраи нав бо хидматҳо ва талошҳои устод Садриддин Айнӣ дар раванди ташаккули адабиёти навини тоҷик, ҳамзамон, ҷойгоҳи адибони маъруфи мо чун Абулқосими Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ ва монанди инҳо сахт марбут аст.

Фасли дуввуми ин давра “Давраи оғози худшиносӣ дар шеъри солҳои 1970-1990” мебошад, ки он бо номҳои шоироне мисли Ҷонибек Кувноқ, Пиримқул Сатторӣ, Сулаймон Хоҷаназар, Паймон, Абдулло Субҳон, Шодӣ Карим, Нодир Нодирӣ, Абдулло Раҳмон, Салим Кенҷа, Ҳаёт Неъмат, Акбар Пирузӣ, Ҳамроқул Даврон, Равшан Эҳсон, Иззатуллои Кенҷаро ва монанди инҳо сахт марбут аст.

Фасли саввуми ин давра ташаккул ва сабзиши шеъру насри давраи

истиқлоли Ӯзбекистон (солҳои 1990 то кунун)-ро дар бар мегирад. Ба ибораи Ҳабиб Сафарзода ҷараёни адабии ин давра “мавҷи нав” аст ва аз шоирони ин ҷараёни нави адабӣ – Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ, Фозил Шукурзода, Зебо Тоҳириён, Шоҳид, Озармеҳр, Хоҷа, Парисо, Саидаи Синавӣ, Асадуллоҳ, Шаҳзода, Дилшоди Фарҳодзод, Олим Панҷизода, Садриддин Ҳушёрӣ, Солеҳ Муҳаммадҷон, Одили Комил, Файз Маҳмуд, Абдуқаюми Ҳасанзод, Хусрав Саъдуллоҳ ва монанди инҳоро ном бурда метавонем. Истиқлол имконоти фаровон барои шеъру шоирӣ ва чопи нашри осори онҳо фароҳам кард. Самараи истиқлол буд, ки мавзӯъоти таърихӣ, худшиносӣ, иҷтимоӣ ва ирфонӣ низ айнан дар шеъри ҳамин давра нашъунамо ёфт.

Дигар аз бурдҳои муҳими ин қисмати ошноӣ бо адабиёти имрузи форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон, ба фикри мо, аз лиҳози мухтаво ба панҷ қисмат тақсимбандӣ шудани шеъри давраи истиқлол (худшиносӣ, иҷтимоӣ, ирфонӣ, ишқӣ, тасвиргароӣ) мебошад.

Албатта, рӯи ин масъала баҳсе зиёде мешавад кард, чун ҳар назар боз назар металабад, ҳар кас аз дид ва писанди худ сухан мегӯяд.

Чун адабиёти давраи истиқлол сол ба сол дар таҳаввул ва рушду такомул аст, бинобар ин адабиёти форсии Ӯзбекистон нақд ва баррасии комилу доманадорро мехоҳад.

**Дараљаи омӯзиши мавзӯъ:** Чуноне ки таъкид намудем, доир ба таҳлилу тадқиқи осори назмии шоирони давраи истиқлол ба ҷуз муште мақолаву тақризҳои хурд-хурде, ки дар сафаҳоти рӯзномаҳо чоп шудаанд, ҳамчунин муқаддимаи маҷмӯъаҳои шеър дигар як тадқиқоти куллие дар шакли як китобе ё рисолае рӯи кор наомадааст. Хушбахтона соли 2011 чунин як тадқиқоте аз ҷониби муҳаққиқи эронӣ Ҳабиб Сафарзода бо забони форсӣ ва хати арабиасос ба дасти чоп расид, ки дар он то андозае шеъри давраи истиқлол таҳлилу баррасӣ шудааст.

Ҳабиб Сафарзода ки худ яке аз муҳаққиқони забон ва адабиёти форсӣ буда ва бинобар ҳусни таваҷҷӯҳе, ки ба вазъияти адабиёти форсии ин минтақа доштааст, ба ин кори захматталаб даст задааст. Китоб пас аз муқаддимаи муаллиф, қисматеро бо номи «Нақду таҳлил ва баррасии шеъри муосири форсӣ-тоҷикӣ» (саҳифаҳои 7- 57) дар бар мегирад, ки ба алоҳидагӣ як рисолаи кучакро мемонад. Ин кисмат аз се фасли зерин иборат аст:

Давраи таҳаввул ва татаввури шеъри муосири форсӣ-тоҷикӣ (солҳои 1924-1970);

Давраи оғози худшиносӣ ва бозсозӣ дар шеър (солҳои 1970-1990);

Давраи Истиқлоли Ӯзбекистон (аз соли 1990 то кунун).

Муаллиф дар фасли мақола (ё рисолаи кучак)-и худ гузорише умумӣ дар бораи вазъияти адабиёти асри бисти тоҷик медиҳад ва бештар дар бораи хидматҳо ва талошҳои устод Садриддин Айнӣ дар раванди ташаккули адабиёти навини тоҷик фикр меронад. Ҳамзамон, ба ҷойгоҳи адибони маъруфи мо чун Абулқосими Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Абдусалом Деҳотӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ низ ишора мекунад. Сафарзода низ мисли дигар адабиётшиносони тоҷик, «Марши ҳуррият»-и устод Айниро (1918) нахустин шеъри аз лиҳози қолаб нав дар таърихи адабиёти муосири тоҷик медонад. (муаллиф дар ин ҷо «Марши ҳуррият»-ро «Роҳпаймоии ҳуррият» номидаст, зеро дар Эрон истилоҳи «марш» фаҳмо нест). Муаллиф ин шеърро натиҷаи таъсирпазирӣ аз адабиёти рус, бахусус, шеърҳои шикастасатри Маяковский қаламдод кардааст. Ин фикр исбот талаб мекунад. Зёро дар соли 1918 Маяковский он қадар шӯҳрат надошт, ки Айнӣ аз ӯ мутаассир шавад. Ин ҷо Сафарзода ба таъсири адабиёти Аврупо ишора мекард, беҳтар мебуд.

Фасли дуввуми китоб «Давраи оғози худшиносӣ дар шеъри солҳои 1980-1990» мебошад, ки муаллиф чанд тан аз шоирони ин даврро ошно кардааст. Мунаққид ин давраро адабиёти навин хондааст ва фарқи ин даврро аз солҳои қаблӣ на бо нигоҳи омиёна, балки шоирона ба зиндагӣ ва ҷомеа нигоҳ кардани шоирони тоҷикро таъкид мекунад. Ҳабиб Сафарзода шоироне мисли Ҷонибек Қувноқ, Пиримқул Сатторӣ, Сулаймон Хоҷаназар, Паймон, Абдулло Раҳмон, Шодӣ Карим, Нодир Нодирӣ, Абдулло Субҳон, Салим Кенҷа, Ҳаёт Неъмати Самаркандӣ, Акбар Пирузӣ, Ҳамрокул Даврон, Равшан Эҳсон ва Иззатуллои Кенҷаро ном мебарад ва дар мавридҳое дар бораи эҷодашон низ изҳори назар менамояд. Зимнан, дар ҳошияи мулоҳизаҳо дар бораи осори эҷодкорони ин давр ҷиҳатҳои ба худ хосро ҳам зикр мекунад. Ба ғайр аз бурдҳо ва вижагиҳои шоиронро ироъа кардан, ноқисӣ ва камбудиҳои ашъори баъзе аз эҷодкоронро дар вазн ва радифу қофияҳо таъкид мекунад. Осори бархе аз шоирони ин даврро натиҷаи таъсирпазирӣ ё тақлид аз шоирони машҳури муосири эронӣ мисли Нодири Нодирпур, Сухроб

Сипеҳрӣ ва дигарон медонад, ки дар воқеият ҳам як амри табиӣ ба шумор меравад. Ҳатто шоирони бузурге чун Нодири Нодирпур ва ё Суҳроби Сипеҳрӣ ҳам, дар аввалҳои эҷодашон зери таъсири Нимо Юшич, Аҳмади Шомлу ё Фуруғи Фаррухзод шеър гуфтаанд ва бо мурури замон бо бештар шудани таҷриба ва маҳорати шеърӣ, тавонистаанд сухани хоси худро бигӯянд. Ҳар шоире ин ҷараёнро дар роҳи эҷоди худ тай мекунад ва рӯзе ба сарманзили мақсуд мерасад.

Фасли саввуми китоб баррасии кӯтоҳи шеъри давраи истиқлоли Ӯзбекистон (солҳои 1990 то кунун)-ро дар бар мегирад. Муаллиф, аввалин шахсест, ки ҷараёни адабии ин давраро “мавҷи нав” мехонад ва аз шоирони ин ҷараёни нави адабӣ – Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ, Фозил Шукурзода, Зебо Тохириён, Шоҳид, Озармеҳр, Хоҷа, Парисо, Саидаи Синавӣ, Асадуллоҳ, Шаҳзода, Дилшоди Фарҳодзод, Олим Панҷизода, Садриддин Ҳушёрӣ, Солеҳ Муҳаммадҷон, Одили Комил ва Хусрав Саъдуллоҳ ном мебарад, Бояд гуфт, ки муаллиф ин фаслро бо эътибори зиёдтар накд кардааст. Ӯ дуруст қайд кардааст, ки истиқлол имконоти фаровон барои шеъру шоирӣ ва чопи нашри осори онҳо фароҳам кард. Самараи истиқлол буд, ки мавзӯъоти таърихӣ, худшиносӣ, иҷтимоӣ ва ирфонӣ низ айнан дар шеъри ҳамин давра нашъунамо ёфт. Яке аз дастовардҳои бузурги китоби Сафарзода, ба назари мо дар ин аст, ки ӯ аввалин бор шеъри муосири Ӯзбекистонро ба се давраи таҳаввул ва такомул тақсимбандӣ карда ва вижагиҳои ҳар як давраро (гарчи ба таври мухтасар ва як миқдор ноқис) номбар намудааст. Муаллиф дар ташхис ва ҷобаҷогузории шоирон (аз рӯи мансубияташон ба ин давраҳо) низ то ҳадде муваффақ шудааст. Дигар аз бурдҳои муҳими ин қисмати ошноӣ бо адабиёти имрӯзи форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон, ба фикри мо, аз лиҳози мӯҳтаво ба чор кисмат тақсимбандӣ шудани шеъри давраи истиқлол (худшиносӣ, иҷтимоӣ, ирфонӣ, ишқӣ) мебошад. Ин тақсимбандӣ дар мазмуну мӯҳтавои шеъри давраи истиқлол бисёр ҷолиби диққат ва сазовори таҳсин аст. Аз он рӯ ки шинохти ин давра бештар аҳамият дорад, Сафарзода батартиб ба фаъолияти эҷодии шоироне чун Ҷаъфари Муҳаммад, Саидаи Синавӣ, Хоҷа, Фозил Шукурзод, Асадулло Шукуров, Озармехр, Шоҳид, Хусрав, Дилшода, Шаҳзода, Парисо, Маҳбуба Неъматзода, Зебо Тоҳириён, Адаш Истад, Файз Маҳмуд, Холбой Ҷалил,

Одили Комил, Олим Панҷизода, ва Солеҳ Муҳаммадҷон гоҳе муфассал ва гоҳе мухтасар баҳо медиҳад. Муаллиф шеъри Ҷаъфар Муҳаммадро хеле хуб дарк мекунад, аз ҳар лиҳоз мақбул хондааст. Албатта ин натиҷаи дорои ҷаҳонбинии васеъ ва ҳунармандии худи шоир дар калом ва андешаи пурбораш аст. Ҷаъфар Муҳаммад солҳои охир бо маҷмӯъаҳои шеъраш, ки аз дунёи зебояш сухани зебо ва пурмаънӣ месозад дар дилҳо ҷо дорад. Зимнан Сафарзода ҳам табъи шоирона дорад ва худ ҳам каму беш шеър мегӯяд, ки ин ҳолати асили шоиронаро бештар таваҷҷӯҳ мекунад.

Нашри китобҳои дарсӣ барои тамоми синфҳои мактабҳои тоҷикии Ӯзбекистон аз қадамҳои нахустини табъу нашри осори тоҷикӣ дар Ӯзбекистон ба шумор меравад. Баёзи назму насри адибони тоҷикзабони Ӯзбекистон бо унвони "Гулдастаи Самарқанд" [2.22], маҷмӯъаҳои дастҷамъии "Ҷилои ахтарони Сӯх" [2. 94], "Каҳкашони орзу" [2. 31], "Боғи бисёрдарахт" [2. 19], "Аз Самарқанди чу қанд" [2. 10], "Донишномаи забон ва адабиёти форсии Ӯзбекистон" [2. 26], "Гулистони Адаб" [2. 61;]., "Сарводаи Сурхон" [2. 68], "Армуғони Самарқанд" [2. 12] ва монанди инҳо, чопи рӯзномаҳои тоҷикӣ дар Тирмизу дигар навоҳии Сурхондарё, Самарқанду Сух ва Тошканд, ҳамчунин нашри аз як то панҷ маҷмӯъаи ашъори шоирони форсисарои Ӯзбекистон тавассути интишороти кишвар дар даврони истиқлол аз авомилест, ки шеъри муосири тоҷикии Ӯзбекистонро ба унвони ҳавзаи адабии мустақил муаррифӣ намоем.

Шоироне чун Ҷаъфар Муҳаммад, Паймон, Абдулло Субҳон, Нормурод Каримзода, Фозил Шукурзод, Зебо Тоҳириён, Шоҳид, Озармеҳр, Хоҷа, Парисо, Саидаи Синавӣ, Асадуллоҳ, Шаҳзода, Дилшоди Фарҳодзод, Олим Панҷизода, Садриддин Ҳушёрӣ, Солеҳ Муҳаммад, Одил Комил, Хусрави Саъдуллоҳ ва дигару дигарон мебошанд, ки аксари онҳо маҷмӯъаи ашъорашонро дар нашрияҳои гуногуни Ӯзбекистон чоп намудаанд.

Маҷмӯъаи интихобии асарҳои адибони муосири тоҷикони Ӯзбекистон таҳти унвони "Гулистони адаб", ки таҳиякунандааш устод Қамарзода мебошанд, ба унвони китоби омӯзишӣ барои омӯзгорони забон ва адабиёт ва донишомӯзони синфҳои V ва VI макотиби мутавассита дар назар гирифта

шудааст. Китоб дорои 688 саҳифа ва ду бахши бузург: адабиёти шифоҳӣ ва адабиёти хаттӣ мебошад.

**Мақсади ва вазифаҳои асосии тадқиқот.** Таҳқиқ ва таҳлили монографии ташаккул ва таҳаввули жанри ғазал дар ашъори шоирони тољикзабони Ўзбекистон, мақсади асосии тадқиқот аст.

Омўхтани масъалаҳои тағйироти мундарињаві ва шаклї, масъалаи маънї дар ғазал, равишҳои тозаи ғазалсароии шоирони имрўзи тољикзабонон, махсусан ғазалҳои Љаъфари Муҳаммад, Паймон, Абдулло Субҳон, инчунин таҳаввули ин навъи шеър дар давраи истиқлол ва мазмунҳои иљтимої, сиёсї, фалсафї ва ирфонї касб намудани ғазалҳои ин давра вазифањои асосии дисиртатсия буда, ба ин муносибат дар тадќиќот кўшиши њаллу фасли масъалањои зерини илмї пешбинї шудааст:

- омўзиш ва тадќиќи вазъи адабиёти тољикї ва мавқеи жанри ғазал дар ин давра;
- тањлили мушаххасоти жанрии ғазал аз лињози мавзўъ, мазмун, ѓоя, шакл ва услуб дар адабиёти тољикии замони Шўравии Ўзбекистон;
- муайян кардани равишҳои тозаи ғазалсароии шоирони имрўзи тољикзабон;
- омўзиш ва пажўҳиши суннатгарої ва суннатшикании шоирони ғазалсаро;
- омўзиш ва тадқиқи масъалаи балоғати тасвир ва вазну қофия дар ғазалҳои ин давра;

**Ањамияти илмї ва назарии натиљањои рисола.**

Дар рисолаи магистрї бори аввал ташаккул ва таҳаввули жанри ғазал дар ашъори шоирони тољикзабони Ўзбекистон ба таври алоҳида ва яклухт мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Аз ин љиҳат баррасии хусусиятҳои суннатї-анъанавї, навгониҳои шоиронии ин давра дар ин жанри ғазал, муайян кардани љиҳатҳои ба худ хоси ғазалиёти шоирони тољикзабони Ўзбекистон, омўзиш ва тадқиқи маҳорати поэтикии онҳо ҳамчун љиҳатҳои муҳими мавзўи баррасишаванда арзиш доранд.

**Сохтори диссертация.** Таркиби рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёти истифодагардида иборат буда, ҳаљми он 105 саҳифаро ташкил мекунад.

# БОБИ АВВАЛ.
# ҶОЙГОҲИ ҒАЗАЛ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКИИ ЗАМОНИ ШӮРАВИИ ӮЗБЕКИСТОН

## I.1. Тағйироти мундариҷавї ва шаклии ғазал

Андар ғазали хеш ниҳон хоҳам гаштан,
То бар ду лабат бӯса диҳам чун-ш бихонӣ!?

*Уммораи Марвазӣ*

**Ғазал чист?** Дар бораи ғазал, пайдоиш ва инкишофи он муҳаққиқони зиёде фикру ақидаҳои мутааддиду мутазоде изҳор намудаанд, ки ин ҷо аз такрори онҳо худдорӣ намуда, танҳо бо овардани номгӯи онҳо дар рӯйхати адабиёт иктифо менамоем.[2. 6,7, 37, 39, 40, 41, 58, 66, 99, 70, 71] Аз таҳқиқоти олимон бармеояд, ки ғазал дар луғат ба маънии ишқбозӣ ва сухан гуфтан бо занон аст ва дар истилоҳ яке аз қолабҳои шеъри суннатии форсӣ аст, ки маъмӯлан байни 5 то 14 байт дорад. Метавон дар тӯли беш аз ҳазор

соли равнақу нумўъи ин шакли шеърӣ ғазалҳоеро дарёфт намуд, ки ҳадди ақалли онҳо 3-4 байт ва аксари онҳо 26-27 байтро шомил аст. Дар як вазн, ки мисраи нахусти он аст, бо ҳамаи мисраъҳои завҷ ҳамқофия аст. Дар охирин байт низ шоир номи шеърӣ ё тахаллуси худро меоварад. Беҳтарин байти онро байт-ул-ғазал ё "шоҳбайт" гўянд. Абёти ғазали форсӣ аз лиҳози мазмун дорои истиқлоланд. Ақидаи машҳур он аст, ки баъд аз касоди қасида, бахши оғозини он, ки тағаззул ном дорад, мустақил шуд ва ба сурати ғазал даромад. Мавзўи аслии ғазал баёни авотифу эҳсосот, зикри зебоиву камоли маъшўқ ва шиква аз рўзгор аст. Қадимтарин намунаи ғазали мустақилу комилро дар осори Шаҳиди Балхӣ, Абўабдуллоҳ Рўдакӣ ва Дақиқӣ метавон ёфт. Дар авоили қарни дувоздаҳум қасида аз равнақ афтод ва ҷои худро ба ғазал дод. Анвоъи ғазали форсӣ-тоҷикиро ин гуна метавон табақабандӣ кард:

**1. Ғазали ошиқона:** Дар давраи оғозини шеъри форсӣ ғазалҳои зебои ошиқона камобеш суруда мешуд. Рўдакӣ ба он асос гузошт. Анварӣ ин навъи ғазалро ҷони тоза бахшид ва Саъдӣ онро ба камол расонд.

**2. Ғазали орифона:** Саноии Ғазнавӣ мафҳумҳои ирфониро дар ғазал овард ва ғазали орифонаро шакл дод. Пас аз вай Аттори Нишопурӣ, Мавлавии Балхӣ ва Ироқӣ ғазали орифонаро рушду такомул бахшиданд. Авҷи ғазали орифона дар кори Мавлавӣ аст ва пас аз вай ғазалҳои ирфонӣ маҳсули таҷрибаҳои шахсӣ нест, балки зарфе аст барои андешаҳои ирфони мударрисӣ ва калишаӣ (тасвирӣ).

**3. Ғазали талфиқӣ** (баҳам овардан, бо ҳам ҷўр кардан)**:** Дар садаҳои сездаҳу чаҳордаҳ ҷараёни тозае падидор шуд ва ду шохаи ғазал – ирфонӣ ва ишқӣ, ки дар канори ҳам ҷараён дошт, ба ҳамдигар паваст ва маониву мазомини ошиқонаву орифонаро дар ҳам омехт. Ғазалҳои Авҳадии Мароғаӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Имоди Фақеҳ, Салмони Соваҷӣ аз ин навъ аст. Комилтарин намунаи ин навъи ғазал дар шеъри Ҳофиз аст , ки онро усораи шеъри форсӣ то қарни ҳаштум хондаанд.

**4. Ғазали қаландарӣ:** Дар ин навъ ғазал шоир ба васфи риндӣ, тазоҳур ба бодапарастӣ, лоуболигарӣ (бебокиву бепарвоӣ), таъну киноя ба сўфиёну зоҳидони зоҳирпараст мепардозад ва худро дар мавзўъ маломат қарор медиҳад ва густохона эътирозоту ҳақоиқе, ки касе ҷуръати баёнашро надорад, бар забони маст, ё ринд, ё девона ва ё шўридае ҷорӣ мекунад. Дар

осори Саноии Ғазнавӣ, Хоқонӣ, Аттори Нишопурӣ, Ироқӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва шоирони сӯфимашраби аҳди темурӣ, монанди Мағрибӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Қосими Анвор, намунаҳои ғазали қаландариро метавон ёфт.

**5. Ғазали мазмун:** Ин навъи ғазал ба ғазали сабки ҳиндӣ машҳур аст. Дар ин навъи ғазал тамоми ҳиммати шоир сарфи ёфтани мазмунҳои тозаву нозук мешавад сабти лаҳзаҳову саҳнаҳои дақиқ ва кашфи иртиботҳои аҷиб миёни ашё аз вижагиҳои ин ғазал аст, ки дар асри сафавия 16 – 19 равнақи басазое дошт. Соиби Табрезӣ, Толиби Омулӣ, Калими Кошонӣ аз машоҳири ин шеваанд. Бархе аз шоирони ҳиндӣ ва эронӣ дар асари ифрот дар нозукхаёлӣ ва тахайюлоти аҷиб ин ғазалро ба сӯи бемаъноӣ ва зеҳниятҳои душвор савқ доданд, монанди Ҷалол Асири Исфаҳонӣ ва Мирзо Абдулқодири Бедили Деҳлавӣ онро ба авҷи ниҳоят расонид.

**6. Ғазали сиёсӣ-иҷтимоӣ (ватанӣ):** Мӯҳтавои ин ғазал масоили ҳодду тузутунди иҷтимоӣ аст. Бо ин васф метавон гуфт, ки бархе аз шеърҳои Ҳофиз ва Саъдӣ то андозае сиёсианд. Аммо тарҳи масоили шаффофи сиёсӣ-иҷтимоӣ дар ғазали машрута ба баъд боб шуд. Бархе шоирон андешаҳову ақидаҳои сиёсӣ-иҷтимоиро дар қолаби ғазал рехтанд ва мафоҳиме ҳамчун озодӣ, ватан, фақри иҷтимоӣ, накди ҳокимият, ҳуқуқи иҷтимоӣ, қонун ва ...ро дар ин ғазалҳо баён карданд. Орифи Қазвинӣ, Фаррухии Яздӣ, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ва дигарон аз ин ҷумлаанд.

**7. Ғазали тасвирӣ:** Дар рӯзгори муосир сабки тоза дар ғазал падид омад, ки бархе онро ғазали нав низ номидаанд. Ин навъи ғазал таҳти таъсири шеъри нав падид омад. Мушаххасаҳои умдаи ин ғазал иборат аст аз: забони тозаву имрӯзӣ, ғалабаи тасвирҳои ҷадид ва нав, вазнҳои арӯзии тоза, ваҳдати мӯҳтаво. Намунаҳои барҷастаи ғазали навро дар осори Ҳӯшанги Ибтиҳоҷ, Манучеҳри Найистонӣ, Симини Беҳбаҳонӣ, Ҳусайни Мунзавӣ, Муҳаммад Алии Баҳманӣ, Баҳмани Солеҳӣ метавон ёфт.

**8. Ғазали ҳамосӣ:** Авҷи рӯҳияи далериву диловарӣ ва ҷонбозии ошиқона дар дифоъ аз обу хок ва арзишҳои милливу динии асри XX ба баъд бо лаҳне ҳамосӣ дар ғазал мутаҷаллӣ шуд ва навъи тозае ба номи ғазали ҳамосиро офарид. Гарчи танини лаҳни ҳамосӣ аз бархе ғазалҳои Мавлавӣ ва дигар орифони қадим ва ё ғазалҳои сиёсӣ-ватинии шоирони асри машрута (дар Эрон), маорифпарварӣ ва ҷадидия (дар Осиёи Марказӣ) ва шоирони

миёнаҳои садаи XX Эрону Осиёи Миёна ба гӯш мерасад, аммо ғазали ҳамосӣ дар солҳои ҳаштодуми садаи гузашта ҳувияти хос пайдо кард ва мақбулияти ҳамагонӣ ёфт. Дар ин навъи адабӣ латофат ва нармии тағаззул ва фахомату ситабрӣ, бузургнишондеҳиву дуруштии ҳамоса дар ҳам омехта мешавад. Ба қавли шоир:

Миёни маърака лабханд мезанед ба ишқ,
Ҳамоса чун ба ғазал хатм мешавад, зебост.

Дар осори шоирони эроние, ҳамчун Ҳасан Ҳусайнӣ, Қайсари Аминпур, Саҳил Собити Маҳмудӣ, Ҳусайн Исрофилӣ, Симини Беҳбаҳонӣ ва дигарон, шоирони тоҷик Тошхоҷаи Асириву Мирзо Сироҷи Ҳаким, Тамкину Тамҳид, Аҷзиву Айнӣ, Лоҳутиву Ҳабиб Юсуфӣ ва чанде дигарон (дар шеъри тоҷикии Ӯзбекистон) намунаҳои барҷастае аз ғазали ҳамосӣ метавон ёфт.

Ғазали машҳури Рӯдакӣ:

Шод зӣ бо сияҳчашмон, шод,
Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод...

Дақиқӣ:

Шаби сиёҳ бад-он зулфакони ту монад,
Сапедрӯз ба покиййи рухони ту монад...

Анварӣ:

Эй дербадастомада, бас зуд бирафтӣ,
Оташ задӣ андар ману чун дуд бирафтӣ...

намунаи беҳтарини ғазали ошиқона; ғазали Саноӣ:

Ошиқ машавед, агар тавонед,
То дар ғами ошиқӣ намонед...

Саид Ҳасани Ғазнавӣ:

Эй орзуи дидаи бино, чӣ гунаӣ?
В-эй муниси дили мани танҳо, чӣ гунаӣ?..

Аттор:

Азми он дорам, ки имшаб ниммаст
Пойкӯбон кӯзаи дурдӣ ба даст,..

Ва ё:

Гум шудам дар худ, намедонам куҷо пайдо шудам?
Шабнаме будам зи дарё, ғарқа дар дарё шудам.

Мавлавӣ:

Гар равад дидаву ақлу хираду ҷон, ту марав!
Ки маро дидани ту беҳтар аз эшон, ту марав!..

намунаи ғазали орифона; ғазали Мавлавӣ:

Чу ғуломи офтобам, ҳам аз офтоб гӯям,
На шабам, на шабпарастам, ки ҳадиси хоб гӯям...

Ва ё:

Ҳила, навмед набошӣ, ки туро ёр биронад,
Гарат имрӯз биронад, на ки фардот бихонад?!..

Ба ғазалҳои талфиқӣ метавон аз Саъдӣ:

1. Шаби ошиқони бедил чӣ шабе дароз бошад,
Ту биё, к-аз аввали шаб дари субҳ боз бошад...
2. Дарахт ғунча бароварду булбулон мастанд,
Ҷаҳон ҷавон шуду ёрон ба айш биншастанд.
3. Ночор ҳар кӣ соҳиби рӯи накӯ бувад,
Ҳар ҷо, ки бигзарад, ҳама чашме дар ӯ бувад...
4. Ҳазор ҷаҳд бикардам, ки сирри ишқ бипӯшам,
Набуд бар сари оташ муяссарам, ки наҷӯшам.

Ҳофиз:

1. Ману инкори шароб? Ин чӣ ҳикоят бошад?
Ғолибан ин қадарам ақл кифоят бошад!..
2. Кай шеъри тар ангезад, хотир, ки ҳазин бошад?,
Як нукта дар ин маънӣ гуфтему ҳамин бошад...
3. Хезу дар косаи зар оби тарабнок андоз,
Пештар з-он ки шавад косаи сар хокандоз...
4. Манам, ки шӯҳраи шаҳрам ба ишқ варзидан,
Манам, ки дида наёлудаам ба бад дидан... намуна овард.

Фурӯғи Фаррухзод:

Чун сангҳо садои маро гӯш мекунӣ,
Сангиву ношунида фаромӯш мекунӣ.

ғазали "Гули сурх"-и Айнӣ, як қатор аз ғазалиёти Лоҳутӣ, аз қабили:

Гитлери нокас ҳунар ҷуз қатлу вайронӣ надорад,

Дар тамоми ҳастияш осори инсонӣ надорад...

Ё:

Зиндагӣ охир сар ояд, бандагӣ даркор нест,

Бандагӣ гар шарт бошад зиндагӣ даркор нест... ғазалҳои сиёсӣ-ватаниянд.

Ғазали Пайрав:

Гуле бичидаму гуфтам, ки гул ба гул шояд,

Ки ҷои гул ба сари синаи ту мебояд...

Турсунзода:

Дар хиёбон чун ба гӯш омад садои пошна,

Дил ба рақсидан даромад аз ҳавои пошна...

ағлаби ғазалиёти Лоиқу Бозор, Гулрухсору Фарзона, бештари ғазалҳои Ҷаъфар Муҳаммаду Паймонро метавон ба дастаи ғазалҳои нав ё тасвирӣ ворид намуд.

Ба ғазали ҳамосӣ бештар шоирони Эрон рӯй овардаанд. Чаро ки солҳои ҳаштодуму навадуми садаи гузашта Эронро ду набард: бо империалистони Амрико ва таҷовузкорони Ироқ пеш омад. Намунааш:

Аз Ибтиҳоҷ (Соя):

Имрӯз на оғозу на анҷоми ҷаҳон аст,

Эй бас ғаму шодӣ, ки паси парда ниҳон аст.

Шафеъи Кадканӣ:

Нафасам гирифт аз ин шаб, дари ин ҳисор бишкан,

Дари ин ҳисори ҷодуии рӯзгор бишкан...

Қайсари Аминпур:

Алифбои дард аз дилам метаровад,

На шабнам, ки хун аз шабам метаровад...

Салмони Ҳиротӣ:

Пеш аз ту об маънии дарё шудан надошт,

Шаб монда буду ҷуръати фардо шудан надошт...

Албатта таснифоти боло шартиву нисбист. Чаро ки дар ҳама давру замони таҳаввулоти ғазалсароӣ метавон ғазалҳоеро дарёб намуд, ки ба ду ё се навъ тааллуқ доранд. Чунончи, дар бисёр ғазалҳои ошиқона ё талфиқии (ошиқонаву орифона) Саъдиву Ҳофиз метавон байтҳоеро дарёфт намуд, ки мазмунҳои иҷтимоӣ сиёсӣ доранд. Хоса дар ғазалиёти Ҳофиз, ки ҳар байте метавонад як мазмуни мустақил дошта бошад. Бигирем ғазали ошиқонаи

Сина моломоли дард аст, эй дареғо, марҳаме,

Дил ба танҳоӣ ба ҷон омад, Худоро, ҳамдаме...

Ҳамин ки байти

“Одамӣ дар олами хокӣ намеояд ба даст,

Олами дигар бибояд сохт в-аз нав одаме”-ро мутолиа намудем, пеши назари мо лаҳазоти иҷтимоии замони Ҳофиз муҷассам мегардад. Ба ҳамин маъни мисраъҳои “Ё Раб, ин навдавлатонро бар хари худшон нишон”, “Ин чӣ шӯр аст, ки дар даври қамар мебинам?..” ва м. инҳо.

Чуноне ки дар боло таъйид намудем, ғазали тоҷикии замони Шӯравӣ дар қатори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон низ ба сабаби нобасомониҳои сиёсии замон ва идеоложии коммунистӣ як давраи муайян аз равнақ афтод. Агарчи нахустин шеърҳои Айниву Лоҳутӣ, Юсуфиву Деҳотӣ ва дигар шоирони форсисаро дар қолаби ғазал буд, дар адабиёти тоҷикии давраи то солҳои панҷоҳуми садаи гузашта навъу қолабҳои шеър бо тақозои замон дучори таҳаввулоти ҷиддӣ шуд. Садриддин Айнӣ аз нахустин шоиронест, ки бо сароидани шеъри “Марши ҳуррият” даст ба қолабшикании шеър зад. Минбаъд ин анъанаро бисёр шоирон идома доданд ва дар ин роҳ баъзе аз онҳо, чун Лоҳутӣ ва Пайрав, ба муваффақиятҳо низ ноил гардиданд.

Ва баъзан то дараҷае даст ба тавсифи даврон ва “бузургон”-и замон заданд, ки шеър, хоса ғазал, аз ҳастии табиияш дур шуд. Дар бештари ғазалҳои ин давра вазну қофия ва равонӣ ба дараҷаи аъло риоят мешуд. Вале шарти дигари шеър – хаёлангез будани он аз назарҳо дур монд. Бисёр ғазалҳои шоирони ин давра аз эҳсосоту отифаҳои шоирӣ орӣ буданд. Ва ё ин ҳолатҳо хеле заиф тасвир шудаанд.

Ногуфта намонад, ки баъзе аз шоирони тоҷикзабони ин давра чун Саййид Аҳмад Сиддиқӣ, Аҷзии Самарқандӣ, Васлии Самарқандӣ, Мирзо Абдулвоҳид Мунзими Бухороӣ, Ориф Гулхании Самарқандӣ, Ҷавдат, Тамҳиди Самарқандӣ  шеъри суннатӣ гуфта қолабҳои шеъри навро қабул надоштанд. Ин ҳолатро баъзе аз муҳаққиқон ба мафкураи худшиносиву ходошиносӣ доштан ва нагаравидан ба идеологияи ғайр марбут донистаанд. Аз ҷумла Сафарзода менигорад:

“... Ба ин далел ки табъашон бо идеоложии ҳукумати шӯравӣ созгор набуд, аз васфу ситоиши ҳукумати шӯравӣ ва дастовардҳои марбут ба он лаб

фурӯ баста буданд ва фақат ба сурудани ашъори орифона иктифо карданд”[2. 61; 16].

Номи баъзе аз онҳо, чун Гулханиву Аҷзӣ ва Иброҳим Қосим аз хотираҳо зудуда шуд ва шеърашон низ бо сабаби дар матбуоти даврӣ чоп нашудан ва дар маҷмӯъаҳо ҷой нагирифтан ба гӯшаи фаромӯши ниҳода шуд ва танҳо дар давраи бозсозиҳои сиёсӣ ва мустақилият аз нав эҳё гардид. Яъне онҳое, ки ғазалро аз мазмуни истилоҳиаш – ишқу муҳаббат – муносибати инсонҳо ва инсону Худо дур андохтанду дар он “нававариҳо” карданд, шинохтаи адабиёт гардиданду ононе, ки суннати ниёгонро нигоҳ доштанду анъанаи классиконро идома доданд, ба гӯшаҳои фаромӯшӣ супурда шуданд.

Ҳол он ки анъана ва навоварӣ дар адабиёт бояд паҳлӯи ҳам қадам зананд. Онҳо бо ҳам вобастагии қавӣ доранд. Агар анъанаҳои бадеӣ бо ҷустуҷӯҳои навоварии адиб комил нагардад, адабиёт қувваи таъсир, зебопарастӣ ва тарбиявии худро аз даст медиҳад. Дар ин бора муаллифони китоби дарсии синфи 11 менигоранд:

“Агар ба таърихи адабиёти ғании тоҷик назар афканем, маълум мешавад, ки шеъри тоҷикӣ дар ҳар як давраи муайян аз рӯйи тағйироти сиёсӣ-таърихӣ дар ҳаёти ҷамъиятии мардуми ин кишвар, ба воситаи устодони он низ тағйир ёфтааст. Вале риштаҳои асосии он тағйирот ҳеҷ гоҳ аз асли худ ҷудо нагардидаанд. Ҳар як шоир ва суханвари муқтадир ба мисли чашмаҳои нав оби зулоли худро ба дарёи равони хушкнашавандаи назми тоҷикӣ ҳамроҳ кардааст. Ҳар як ҷустуҷӯи нав, ҳар як кашфиёти нав дар эҷодиёти бадеӣ бо унсурҳои пешқадами адабиёти гузашта ҳамбастагӣ ва наздикӣ дорад”[2. 29; 231].

Вале бояд таъкид намуд, ки ин тағйирот дар давраи адабиёти солҳои 30-50-уми тоҷик дар баъзе риштаҳо, хоса ғазал, то ба дараҷаи ифрот расидааст. Чуноне ки дар боло зикр намудем, аксари шоирони ин давра, ҳатто нависандагон (Ҷ.Икромӣ, Р.Ҷалил), дар ибтидои фаъолияти адабӣ ба ғазал муроҷиат намудаанд. Ва ағлаби онҳо баъди ошкор намудани маҳорати шоирӣ ба мактаби шеъри Айниву Лоҳутӣ ва Пайраву Юсуфӣ дохил шудаанд.

Чунончи, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, ки аз шоирони шаҳири тоҷик ба шумор меравад, дар ғазалсароӣ қобилияти фавқулоддае дошта, дар ибтидои фаъолияти адабиаш бештар ба пайравӣ аз Мирзо Бедил ғазал мегуфт. Вале минбаъд сабку услуб ва мазмуну мундариҷаи осори худро тағйир дода,

комилан ба мадҳу ситоиши ҳукумати шӯравӣ ва дастовардҳои муваққатии он пардохт. Аз ин рӯ ашъораш зуд кӯҳна гардида, мавриди писанди омма қарор нагирифт.

Аз поёни даҳаи панҷоҳум сар карда гурӯҳе аз адибони ҷавон ба майдони шеъри тоҷик омаданд, ки ҳам аз имкониятҳои навини миллатҳои дигар ва ҳам аз суннатҳои устувори адибони пешқадам истифода намуда дар шеъри тоҷикӣ таҳаввулоте ба амал оварданд. Ин таҳаввулот нахуст дар Тоҷикистон ба амал омада шоирони пешқадамеро, чун Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Гулназар, Аскар Ҳаким, Қутби Киром ва монанди инҳо, парвариш намуд, ки шеърашонро ҳам дар қолабҳои суннатӣ ва ҳам нав менавиштанд. Дар ин давра шеъру ғазал аз қайди сиёсат то андозае раҳоиш ёфта, баъзан ба шеъри ҷаҳонӣ баробарӣ мекард. Дар Ӯзбекистон ин таҳаввулот каме дертар ба амал омада, чанд тан аз шоирони суннатипардоз ва намсуннатиро, аз қабили Ҷонибеки Қувноқ, Сулаймон Хоҷаназар, Абдулло Раҳмон, Ҳамроқул Даврон, Акбар Пирӯзӣ, Салим Кенҷа, Ҳаёт Неъмат, Иззатулло Кенҷа, Нодир Нодирӣ, Паймон, Абдулло Субҳон, Равшани Эҳсон ва чанде дигаронро рӯи кор овард, ки агарчи шеърашон бо тақозои сиёсат ва маҳдудиятҳои забонӣ ба шоирони ҳамзабони Тоҷикистону Эрон ва Афғонистон баробарӣ накард, вале дар қолабҳои суннатӣ, хоса ғазал, ба дастовардҳои хубе ноил гардиданд.

“Дар шеъри тоҷики дар ин давра ҳар сухан, ҳар таъбиру таркиб, ҳар ҷумла, ҳатто ҳар ҳарфу ҳиҷо бори маънавӣ ва ҳунарии муайянро мекашад ва бо ашёи тасвир ҳамбастагии мантиқӣ ва амалӣ дорад. Шоирони тоҷик кӯшиш намудаанд, ки  ҳарфи беҷо, зоид, ҳашв, нодаркор ва муфтро истеъмол нанамоянд. Барои ҳамин ҳам сухан дар шеъри онҳо занг мезанад, садо мебарорад ва ҷило медиҳад” ”[2. 29; 236-237].

Ғазалҳои Ҷонибеки Қувноқ чун Лоиқ Шералӣ бештар дар пайравӣ ва бо таъсири сабки Мирзо Турсунзода суруда шудааст. Ҷонибек аз нахустин шоирони форсисарои Ӯзбекистон аст, ки дар давраи нав мактаби хоси шеъри худро ташаккул дод. Дар шаклҳои гуногуни шеъри ӯ мавзӯъҳои васфи модар, ватан, худҷӯиву худогоҳӣ, худшиносии миллӣ ва монанди инҳо хубу наку садо додаанд.

Шакли шеърии ғазал аз қолабҳои писандидатарини лирикаи адабиёти тоҷик мебошад, ки дар ҳама давру замон дар madди аввал меистод. Адабиёти тоҷик шоиреро дар ёд надорад, ки ғазалсароиро тамоман тарк карда бошад.

Бигирем Лоҳутиро. Ба ибораи адабиётшинос Маҳмуд Давлатов "...Лоҳутӣ ҳар чанд ки мувофиқи талаботи ин ва ё он давра, бо шаклҳои гуногуни назм асар эҷод намуда бошад ҳам, ҳеҷ гоҳ ғазалсароиро тарк накардааст. Вай аз ибтидо – аз ашъори муқаллидонаи давраи бачагиаш сар карда, то интиҳои фаъолияти адабии худ, ки зиёда аз 50 солро дар бар мегирад, ғазал сурудааст"[2. 37; 47].

Яъне ғазал дар ҳама давру замон ҳамчун оммавитарин шакли шеърӣ боқӣ монд. Вале мундариҷаи он вобаста ба давру замонҳо ба тағйироти ҷузъӣ гирифтор шуд. Ин шакли шеърӣ, ки дар ибтидо барои тараннуми лаҳазоти ошиқона, изҳори изҳороти эҳсосоти ирфонӣ ва баёни ақоиди фалсафӣ нигаронида шуда буд, дар худ лаҳазоти сиёсиву иҷтимоӣ ва торихиро низ дар як-ду байт таҷассум намудан гирифт. Рафта-рафта ғазалҳое офарида шуданд, ки миқдори байтҳои мавзӯъҳои сиёсиву иҷтимоӣ дошта бештар гардид.

Ва аз охирҳои садаи XIX ва ибтидои садаи XX сар карда мавзӯи ғазал комилан тағйир ёфт. Дар ин давра як қатор шоирон ғазалҳое офариданд, ки пурра ба мавзӯи демократӣ-озодихоҳӣ, ё сиёсӣ-иҷтимоӣ ва ё иқтисодӣ бахшида шуда буданд. Бигирем ғазали "Мафрӯш замин, ки хор гардӣ"-и Садриддин Айниро, ки пурра ба мавзӯи иқтисодӣ бахшида шудааст.

Яъне ғазал нисбат ба дигар шаклҳои шеърӣ ба завқу салиқаи мардум муносибтар буда, барои ифодаи мазмунҳои нав ба нави иҷтимоӣ мувофиқу шинам омад. Дар баробари ғазалҳои хубу сара ҳатто шоироне чун Лоҳутиву Турсунзода ва шогирдони онҳо ғазалҳои заифе навиштанд, ки аз лутфи сухан холӣ буда, агарчи дар қолаб ғазали равону пухта буданд, вале ба маънӣ публитсистикаро мемонданд. Ҳатто баъзе аз муҳаққиқон ин қабил шоиронро шоирони публитсист меномиданд. Ҳол он ки ҳама гуна ғазал, ҳатто публитсистика, новобаста ба мавзӯъ ва мундариҷа бояд аз лутфи сухан бархурдор бошад. Ба ибораи Шамси Қайси Розӣ "ҳар сухане, ки дар он маънии латиф набошад, табъи аҳли тамиз ба он майл намекунад"[2. 81; 212].

Адабиётшинос Ҷумъақул Ҳамроев дар хусуси ашъори Лоиқ Шералӣ баҳс намуда дар боби "Лутфи сухан" мефармояд: "... назокат ва балоғати сухан дар лутфи он будааст ва баракс, сухане, ки саршор аз лутфу назокат аст, низ сухани бадеъ ва болиғ аст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин гуна осор бояд расо, рехта, бе бисёргӯӣ ва дар ҳадди талаботи маънӣ бошад. Ин гуна осор, ки саршор аз назокат ва балоғат аст, се навъ мешавад.

1. Эъзоз, ки дар он лафз андак, вале маънӣ фаровон;

2. Баробар будани лафзу маънӣ;

3. Шарҳи маънӣ ба воситаи алфоз, ки онро баст мегӯянд" "[2. 81; 212].

Ғазал шакли шеъриест, ки мисли қасида ба тарзи **аа, ба, ва...** қофиябандӣ шуда, қариб дар тамоми вазнҳои арӯз навишта мешавад. Байти якуми ғазал фавран дохили қофия меояд. Чунин қофиябандии ғазал қоидаи умумист. Ғазалҳое ҳастанд, ки мисраъи аввали байти якуми он аз қофия берун аст, мисли **ба, ва, га, ...** Чунин ғазалҳоро ғазали қитъа меноманд. Ғазалҳои зиёдеро метавон дарёфт, ки мисраъҳои аввали ду байти аввали он ҳамқофия шудаанд, яъне: **аа,аа,ба,ва, ...** ин гуна ғазалҳоро дар адабиётшиносӣ **ғазали ҳусни матлаъ** ё **ғазали зеби матлаъ** меноманд. Гоҳо метавонад, бино ба талаботи мазмун ва оҳанги ғазал, мисраъҳои якуми байтҳои минбаъда низ дохили қофия ояд ва аҳён-аҳён тамоми мисраъҳо дохили қофия оянд, мисли ғазали Рӯдакӣ "Биёр он май, ки пиндорӣ, равон ёқути ноб астӣ" [2. 9; 173], ки ба сурати **аа, аа, аа,аа, ...** ҳамқофия шудааст. Ин гуна ғазалҳоро дар адабиётшиносӣ **"ғазали зеби қофия"** мегӯянд. Дар адабиёти муосир низ ин ҳолат ба мушоҳида мерасад. Чунончи, дар ғазали "Надонистан" Ҷаъфар Муҳаммад, бо шикастани мисраъҳои ҷуфт ҳар байтро банд сохта, ғазали зебову тараннумие сурудааст:

Чи ҷамъам, ки парешонам,
Намедонам,
Намедонам!

Чи хушҳолам, ки гирёнам,
Намедонам,
Намедонам!

Чи ҳарфам, пур зи ҳазёнам,
Намедонам,
Намедонам!

Чи ангуштам, ки ҳайронам,
Намедонам,
Намедонам!.. "[2. 89; 33].

Дар бораи вазни ғазал адабиётшинос Раҳими Мусулмониён чунин мегӯяд: "Аз ҷиҳати вазн ғазал маҳдудият надорад, онро шоирони тавоно дар ҳар вазн навишта метавонанд. Ин сухан чунин маънӣ надорад, ки дар кадом вазн эҷод шудани ғазал ба қудрати шоири ғазалсаро вобаста бошад. Дар асл,

чигунагии вазни ғазалро мавзўъ, мазмун, бештар аз ҳама – матлаби ғоявии шоир муайян мекунад. Шоири тавоно тавассути қудрати худ моҳияти ... шеърро пай бурда, мутобиқи вай вазн интихоб менамояд. Бесабаб нест, ки дар эҷодиёти шоирони бузурги ғазалсаро – ҳамчун Саъдию Ҳофиз навъҳои вазн бештар истифода шудаасту дар осори шоирони заиф – камтар” [2. 42; 52 – 53].

Дар ин давра мундариҷаи ғазал низ ба тағйироти ҷидди гирифтор шуд. Байтҳои дохили ҳар як ғазал бояд маънои ҷамъбастӣ дошта бошанд. Тасвиру тафсир барои ғазал бегона аст. Донишмандон олитарин ғазалро ба Хоҷа Ҳофиз нисбат медиҳанд. Ҳофиз ва дигар ғазалсароёни номӣ аз тасвиру тафсири хушку холӣ худдорӣ намуда, кўшиш ба харҷ додаанд, ки дар ҳар байти ғазалиёташон мазмунҳои хулосавию фалсафиро зиёдтар ба кор баранд. Ҳар байти ғазал агар дорои мазмунҳои алоҳидаи бикр ва дар навбати худ ба ҳам алоқаманд (чун ғазалиёти Ҳофиз, ки сохти махсуси композитсионӣ доранд) бошад, ғазал ба пояи баланд расида, мартабаи соҳиби он меафзояд.

Бисёр аз муҳаққиқони ғазал бар фикри онанд, ки ғазал дорои сужет нест. Аз ҷумла адабиётшинос Шоҳзамон Раҳмонов менигорад: “Ба назари мо чунин мерасад, ки сужет ба ғазал хос нест”[2. 58; 9]. Ақалли донишмандон, Аз ҷумла Ансор Афсаҳов, Аълохон Афсаҳзод ва чанд тани дигар, андеша рондаанд, ки “ғазал дорои сужет мебошад ва ҳам метавонад, ки сужет надошта бошад” Унсурҳои сужет дар ибтидои пайдоиши ғазал бештар ба назар мерасад. Чунончи, дар баъзе ғазалҳои Сайфи Фарғонӣ баробари ин ки ҳар байт маънии мустақил дорад ё байни абёт ин мустақилият хеле заиф аст, як сюжети муайяне мушоҳида мегардад. Аз ин ҷиҳат ғазали зерин ҷалбкунанда аст:

Дӣ бомдод он санами офтобрӯй
Бар ман гузашт ҳамчу маҳ андар миёни кӯй.
Хуршед даркашида рух аз шарми талъаташ,
З-он сон, ки соя даркашад аз офтоб рӯй.
Гуфтам: “Магар ки нийяти ҳаммом кардаӣ?”
Гуфто: “Бирав, ту низ биё, бо касе магӯй!”
Чун соате баромад, рафтам, даромадам,
Ман дар даруну халқ зи берун ба гуфтугӯй.
Дар банди васл бош, чу ноҷуста ёфтӣ
Ин давлате, ки ёфт нагардад ба ҷустуҷӯй””[2. 23; 116 – 117].

Шоир дар ин ғазал чун ҳикоянавис воқеаҳоро муттасилу пай дар пай ба қалам медиҳад: ба наздаш рафтани маҳбуба, мулоқот, даъват ба ҳаммом, аввал ба ҳаммом рафтани маъшуқа, баъди соате рафтани ошиқ, тасвири манзараи ҳаммому зебоиҳои маъшуқа, сӯҳбати ошиқу маъшуқ ва ниҳоят, ба висол расидани онҳо. Дар ин ҳолат ҷои байтҳои ғазалро пасопеш кардан ва ё ҳазф кардани байте ба мазмуни шеър сахт халал мерасонад.

Сужетнокии ғазал нахуст аз таъсири ғазалҳои ибтидоӣ бошад, сониян шоирон аз имкониятҳои жанрии ғазал дар қофияи маснавӣ, мадҳ ва дигар мавзӯъҳо истифода мекарданд, ки ғазалро хоҳ-нохоҳ ба сужетнокӣ мӯҳтоҷ мекард.

Шеършиносон композитсияи ғазалро аз “қавл”, “ғазал”, “тарона” ва фурӯдошт иборат донистаанд. Ҳофиз дар ин бора мефармояд:

То мутрибон зи шавқи манат огаҳӣ диҳанд,
Қавлу ғазал ба созу наво мефиристамат.

Шоирон дар “қавл” (матлаъ) аз ягон маънӣ ба ғазал ибтидо карда, дар “ғазал” ба тасвиру тавсиф мегузаштанд, дар “тарона” хусусияти фалсафиву ҳикмати рубоӣ мавқеъ дошт ва “фурӯдошт” (мақтаъ) оҳанги хулоса ва ҷамъбаст мегирифт. Ин усулро на ҳамаи ғазалсароён риоят мекарданд. Нахустин касе, ки ба чунин композитсияи ғазал комилан рахна зад, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ буд.

Ин ислоҳоти Хоҷа Ҳофиз дар сохти мундариҷавии ғазал ҳанӯз дар замони зинда буданаш ва сипас дар садаҳои XIX – XX низ мавриди танқиди алоқамандон қарор гирифт. Аз ҷумла Аҳмади Касравӣ, Муҳаммад Иқбол, Рубен Ливи, Артур Ҷон Арберри, Ризои Бароҳонӣ, Ғаффор Мирзо, Абдусалом Деҳотӣ, М.Н.Османов ва чанд тани дигар Ҳофизро аз ҷиҳати ғоявӣ “гунаҳкор” эълон карда ғазалиёти ӯро зери тозиёна гирифта, онро “назми бидъат”, “назми бемақсад”, “назм барои назм”, “назми аз ҳақиқат ва ҳаёти иҷтимоӣ дур” донистаанд ва ҳатто Ғаффор Мирзо ғазалро жанри “нодаркор” эълон карда ба ҷавонон чунин насиҳат медиҳад: “Чунин ғазалсароӣ бисёр гуфтан ва ҳеҷ чиз нагуфтан аст. Агар шоири ҳақиқӣ, мусаввири ҳаёти имрӯзаи халқи худ шуданӣ бошед, донед, ки ғазал шуморо шоир намекунад”.

Нақди солҳои сиюму чилум ва панҷоҳум (то соли 1954), ки ба дараҷаи таҳқиқи хусусияти жанрии адабиёт нарасида буд, аз адабиёт ва адибон асосан жанрҳои калон – роману достон талаб мекард. Ин тақозои нақд на аз пиндорҳои эстетикӣ, балки аз гузоришоти иҷтимоии идеология сар зада буд.

Ҳизби коммунист солҳои пас аз ҷангро давраи ниҳоят вусъат ёфтани сохмони сотсиализм, ҷўшу хурўши меҳнатӣ ва замони қадам ниҳодани шўравиён ба остони коммунизм ҷилвагар мекард ва аз адабиёт тасвири ин ҳамаро талаб менамуд. Аз ин рў нақд ба жанрҳои калон – достону румон имтиёзҳои бузург дод, зеро маҳз дар жанрҳои калон имкони пурратар ба тасвир овардани он корномаҳои ҳизб ва халқи шўравӣ имконпазир шумурда мешуд. Дар натиҷа дар нақди тоҷикӣ беэътиноии ошкоро нисбат ба жанрҳои хурд сурат гирифт. Нақд ҳатто ба жанрҳои анъанавӣ бо назари айбҷўӣ нигоҳ мекард. Аз ҷумла ғазалро "ҳамчун жанри мурдаи бесуд" муаррифӣ менамуд. Дар натиҷа шоироне, ки дар ғазалсароӣ маҳорати баланд доштанд (Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Мирзо Турсунзода), ё мавзўъ ва мундариҷаи ғазалро тағйир доданд ва ё ба жанрҳои нисбатан бузург – достон, либретто ва ғ. даст заданд. Азбаски мавзўи нақди адабӣ ва танқиди ғазалу ғазалсароӣ дар ин давра бо тамоми ҷузъиёташ тадқиқ шудааст[2. 36; 58; 73; 82], аз таҳлили муфассали он худдорӣ менамоем.

### I.2. Масъалаҳои маънї ва ғазали ин давра

Дар адабиёти тоҷикии ибтидои садаи XX ва даврони Шўравии Ўзбекистон ғазал аз асолати ҳазорсолааш дур шуда маънии шартиву нисбӣ гирифт. Агарчи шакли ғазал барҷо монд, маънии он бакуллӣ дучори тағйирот шуд. Ҳам дар ғазалҳои маорифпарварону ҷадидон ва ҳам дар ғазалҳои солҳои сиюм то панҷоҳум бештари ғазалҳои иншошуда маънии иҷтимоӣ-сиёсӣ доранд. Ҳатто, гуфтем дар боло, ки як давраи муайян он аз равнақ ҳам афтод.

Агар дар ғазалҳои классикон гоҳ-гоҳ як ё ду байти мавзўи сиёсӣ-иҷтимоидошта меомад, дар адабиёти муосир ғазалҳое ба вуҷуд омаданд, ки саропо ба ин мавзўъ бахшида шуда буданд. Албатта табиати ғазал чун дубайтӣ барои ифодаи ишқу эҳсосоти ошиқӣ, дарди ишқу гудози дил, орзуву армони ошиқу бераҳмиву турктозии маъшўқа ва лаззати васлу дарди ҳаҷр сиришта шудааст. Дар рўзгори мо низ ғазали асил он аст, ки ҳолатҳои болоро дар худ таҷассум намояд.

Идеологияи коммунистӣ, реализми сотсиалистӣ ва замонасозиҳои номусоид то дараҷае шоирони ин давраро дар қайду банди худ кашид, ки

табъи саршорашонро фидои суханони пучу ифодаи маъниҳои бебаҳо намуданд.

Бингарем ба мисраъҳои зерин:

– Коргарҳоро даруни кону андар чоҳи нафт...

– Пеши мо дигар Худо аз эҳтиром афтодааст...

– Имон ба инқилоб наёвардаӣ ҳанўз...

– Ку путку доси сурх ва майдони инқилоб?

– Бубин ба кишвари Шўро, ки зўри коллектив...

– Дило на ишқ, на оташ, на офтобу замин...

– Ҳар нафас, ҳар қатра хун, ҳар тори мўям коммунист...

– Раҳ ёфтиву дар шаби торик давидӣ...

Боварии кас намеояд, ки мисраъҳои боло ба қалами тавонотарин шоирони муосири тоҷик тааллуқ доранд. Ҳамин ду тан аз шоирони номӣ (Лоҳутӣ ва Турсунзода) ғазалиёте доранд, саршор аз маъниву мазмунҳои бикру ҷовидонӣ чун:

– Арзандатар аз ишқ ба олам гуҳаре нест...

– Чашми ту шоҳи хубию мижгон сипоҳи чашм...

– То кай аз мижжаи ту тир занам бар дили зор?..

– Нашуд як лаҳза аз ёдат ҷудо дил...

– Эй шамъ, зи дил шўъла барафрўхтан омўз...

– Парда бикшод баҳор аз рухи зебоманзар...

– Даме ки дилбарам монанди гул хандида меояд...

– Қадат он қадр, ҷонон, лаҳзаи рафтор мезебад...

– Ман дар ҳаваси чеҳраи хандони ту бошам...

Аз тоталитаризми сотсиалистӣ бештар шоироне, чун Лоҳутиву Турсунзода, зарари маънавӣ диданд, ки мақому мансаби давлатӣ доштанд. Хайрият, ин қабил шоирон илова бар супоришоти роҳбари “доно”-ву ҳизби “бохирад” бо амри дил низ чакомаҳое иншо намудаанд, ки маҳз тавассути дуввумӣ ному шеърашон поянда мондааст. Ин ҳодисаро таҳиякунандагони Куллиёти ҳафтҷилдаи Лоҳутӣ (бо саъй ва эҳтимоми Хуршеда Отахонова ва дигарон) низ дарк кардаанд:

“Ў (Лоҳутӣ – Н.М.) дар ин давра, махсусан аз солҳои сӣ сар карда дар баробари шеърҳои олии лирикӣ, асарҳое низ офаридааст, ки мазмунан шиору даъватҳои расмӣ, ва “супоришоти иҷтимоӣ”-ро ифода намуда, хусусияти мадҳиявӣ дар бар кардаанд” [2. 8; 5].

Дар як қатор ғазалҳои индавраинаи Лоҳутӣ мамлакати шӯравӣ ягона дар ҷаҳон мамлакате тасвир шудааст, ки дар он шодию фараҳ ва сериву пурӣ маъво гирифтааст. ГПУ (Идораи давлатии сиёсӣ), ВКП (б) (Ҳизби умумииттифоқии коммунистии болшевикон ё худ "фирқаи Ленин"), коллективонӣ бо ханҷари обдору чаккушу досаш дар ин ғазалҳо ба муқобилу бою кулак, мударрису мулло ва босмачиву буржу муборизаи беамон мебарад. Мамлакати биҳиштнамои Лоҳутӣ дар канораш душманони сиёсиашро тарбият намуда, намепарварад, балки онҳоро куштаву саркӯб ва аз кишвар бадар мекунад. Ғазалҳои "Худо даркор нест" [2. 8; 5], "Шуд бапо колхозу гардид раҳо ҷони ҳама" (саҳ. 21), "Дар роҳи комсомул чу ба хидмат равон шавам" (саҳ. 25), ғазали мустазоди "Мо фақирон, ки чунин олиму доно шудаем" (саҳ. 27), "Девони Инқилоб" (саҳ. 41), "Посбони ленинӣ" (саҳ. 44), "Бозӯи зӯрманди ҳизби Ленин" (саҳ. 46), "Офарин" (саҳ.103), "Ба меҳани шӯравӣ" (саҳ. 146), "Ба зидди дин" (саҳ. 209) ва боз даҳҳо ғазали дигар ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд. Барои қазоват яке аз онҳоро меоварем:

Киштии сабрам ба дарё ғарқ шуд, эй нохудо,
Ман худои хеш дорам, нохудо даркор нест.
*Амир Хусрав*

Ранҷбарҳоем, ҷуз шӯро ба мо даркор нест,
Аз барои мо амиру кадхудо даркор нест.
Бо усули дастҷамъӣ кори худро мекунем,
Дасти зулму пиру шайху подшо даркор нест.
Бар муроди хеш бо бозуи худ мо мерасем,
Аз барои халқи заҳматкаш дуо даркор нест.
Бесаводӣ зери бори хон туро хар мекунад,
Эй деҳотӣ, рав ба мактаб, Карбало даркор нест.
Киштии фатҳам ба соҳил мерасад бо инқилоб,
Нохудои хеш дорам ман, Худо даркор нест.
Тошканд, ноябри 1927

Маълум мешавад, ки шакл ва мазмуни ғазал на ба ҳама мавзӯъҳои замон мусоидат мекардааст. Аз тарафи дигар, замона, ки дигар шуд, он ғазалҳо бо гӯшаи фаромӯшӣ мераванд. Агар ба пайдоиш ва рушду нумӯи ғазал назар андозем, дар ҳеҷ давру замоне то ба ин дараҷа пойбанди замон шудани ғазалро мушоҳида намекунем, ки дар давраи шӯроҳо гирифтор шудааст. Дуруст аст, ки дар адабиёти кишварҳои ҳамсоя – Эрону

Афғонистон низ ғазалҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳамосӣ мақоми боризе доранд. Вале дар усули нигориш он муаллифон назокату нафосат ва отифаи ғазалсароиро риоят намудаанд.

Ақидаи ағлаби муҳаққиқон дар бораи пайдоиши ғазал ин, ки гӯё он аз насиби қасида, ки онро "тағаззул" низ мехонанд, ҷудо шудаасту сипас дар асри XI ё XII чун жанри мустақил по бар майдони адаб ниҳодааст, ба фикри мо, чандон асосе надорад, агарчи устодон Абдулғанӣ Мирзоеву Раҳими Мусулмониён ва чанде дигарон фикрашонро дар ин хусус бо далелҳои қатъӣ ба исбот расонидаанд.

Анвоъи адабиро асосан аз рӯи ягонагии шаклу мазмун муайян менамоянд. Дар адабиёти қадиму миёна низ шаклҳои шеърие аз қабили "суруд"-у "тарона" "чома"-ву "чакома" ва монанди инҳо вуҷуд доштанд, ки баъзе аз шарқшиносон (аз ҷумла И.С.Брагинский) ин жанрҳоро аз ҷинси лирикии ишқӣ донистаанд. Агарчи сурудҳо ("сурудҳои хусравонӣ") бештар дар мадҳи шоҳаншаҳон бо мусиқӣ ва ё дар муқобили оташи муқаддас суруда мешуд, тарона ("тароник") ҳам, ки нисбат ба сурудҳо ҳаҷман кӯтоҳтар буд, дар байни мардуми оддӣ бо мусиқӣ ва рақсу самоъ иҷро мешуд.

Аз ин ҷо фарзияе бармеояд, ки шояд ғазалу рубоӣ ва дубайтӣ аз он шаклҳои шеърӣ ба бар омада бошад. Дар ин бора Брагинский И.С. менигорад: "Ғазал ва рубоӣ дар назми классикӣ бештар бо эҷодиёти даҳанакии халқ алоқадор мебошанд. Зиёда аз ин онҳо, бешубҳа, аз байни сурудҳои халқ сабзида расидаанд" [2. 20; 243].

Аслан, ин нукта дар адабиётшиносӣ нав нест, солҳост, ки ин мавзӯъ дар байни уламои Ғарбу Шарқ мавриди баҳс қарор гирифтааст. Гурӯҳе, аз қабили Ҳ.Эте, Ш.Шефер, Ч.Пикернинг, Р.Леви, С.Айнӣ, З.Сафо, Ҷ.Ҳумоӣ, И.С.Брангинский, Ш.Ҳусейнзода, Р.Ҳодизода ва бисёри дигарон бар он ақидаанд, ки ғазал дар адабиёти форсу тоҷик аз ибтидои пайдоиши он, яъне ҳанӯз аз асрҳои IX ва X мавҷуд буд. Ин ақидаи ом аст. Вале аз рӯйи огоҳии мо, аз соли 1924 дар адабиётшиносӣ, ки ба пажӯҳиши таърихи адабиёти форсизабон дахл дорад, иддае аз муҳаққиқон пайдо шуданд, ки дар баён ва расидагии ин масъала фикри муқобили ақидаи болоро ҷонибдор ҳастанд. Шиблии Нӯъмонӣ, Е.Э.Бертелс, П.Н.Хонларӣ ва махсусан А.М.Мирзоеву З.Мӯътаман ба исбот расонданӣ мешаванд, ки ғазал (ба гуфти А.М.Мирзоев, "ғазали истилоҳӣ") чун шакли мустақили шеър дар асрҳои IX – XI вуҷуд надошта, аз асри XII ба ин тараф пайдо мешавад ва фақат дар эҷодиёти

шоири бузург ва шайхи сутург Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ (1184 – 1292) ҳолати ниҳоӣ ва шакли охирини худро касб мекунад. То ин замон ғазал ҳамон тағаззули насиби қасида будааст.

Ҳамаи гуфтаҳои тарафайни мутақобил дар рисолаи А.М.Мирзоев "Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X – XV, ки чандин бор ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар Душанбе, Теҳрон ва Маскав чоп шуд, оварда мешавад. Вале фикри худи А.М.Мирзоев дар хусуси пайдоиш, таҳаввул ва ташаккули ғазал мавриди қабули ҳамагон нагардид.

Аълохон Афсаҳзод пайдоиши ғазалро ба садаҳои IX – X марбут дониста тарафдори ақидаи И.С.Брагинский мебошад. Аз ҷумла менигорад: "И.С.Брагинский дар асоси навиштаҳои парокандааш оид ба ғазал дар мавридҳои гуногун ҳанӯз соли 1958 таҳти унвони "Роҷеъ ба пайдоиши ғазал дар адабиёти форсу тоҷик" мақолаи махсусе (маҷаллаи "Советское востоковедение", 1958, № 2, с. 94— 100) нашр намуда, бори дигар на танҳо ба исбот расонд, ки ғазал чун шакли мустақили шеърӣ форсии тоҷикӣ дар асрҳои IX – X махсус ба зоти худ мавҷуд буд, балки аксар ба ҳайси суруд хонда мешуд ва барои чунин ном (яъне "ғазал") гирифтанаш он бо ғазали арабӣ, ки аз асрҳои VI – VII (яъне замони ҷоҳилият) боз арзи вуҷуд мекард, низ вобастагие дорад. Мо ҷонибдори ин ақида ҳастем" [2. 17; 196-197].

Чун Рӯдакӣ асосгузори ғазал аст, роҷеъ ба ғазал гуфтани Рӯдакӣ чӣ мадраке дар даст дорем? Аввал, ин ки худи ӯ чандин бор ғазал гуфтани (Худойро бисутудам, ки кирдгори ман аст, – Забонам аз ғазалу мадҳи бандагон-ш насуд) худро гӯшзад менамояд ва ғазалу мадҳро дар як саф мегузорад (Дареғ мидҳату чун дурру обдор ғазал, – Ки чобукиш наёяд ҳаме ба лафз падид). Баъдан, маликушшуъарои дарбори Султон Маҳмуд (998 – 1030) Унсурӣ (ваф. 1037) ғазалҳои Рӯдакиро дастнорас ва эҷоди "ғазали Рӯдакивор"-ро аз иқтидори хеш боло мешуморад:

Ғазал Рӯдакивор некӯ бувад,
Ғазалҳои ман Рӯдакивор нест!
Агарчи бикӯшам ба борикӣ ҳам,
Дар ин парда-андар маро бор нест! [2. 17; 196-197].

Мурод аз ба лаҳзаи таърихи ғазал муроҷиат намудан ин аст, ки барои ифодаи ҳар як маънӣ қолабе мувофиқ мебояд. Ғазал асосан барои ифодаи маъниву мазмунҳои ишқӣ нигаронида шудааст. Барои ифодаи лаҳзаҳои кӯтоҳи ишқӣ – дубайтӣ, ишқӣ-фалсафӣ – рубоӣ, панду андарз – бештар қитъа,

ҳамчунин достонҳо низ, ки мисли ғазал анвоъи гуногун доранд, барои ифодаи маъниҳои эпикӣ, лиро-эпикӣ, лирикӣ, фалсафӣ-дидактикӣ ва ғайра нигаронида шудаанд.

Идеологияи ҳукмрони давр дар қатори Лоҳутиву Ҳабиб Юсуфӣ Мирзо Турсунзодаву Боқӣ Раҳимзода, Саидали Вализодаву Муҳаммадҷон Раҳимӣ табъи бисёр шоирони дигарро низ саркӯб кардааст. Яке аз ин гуна шоирон Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим (1877 – 1934) аст, ки 23 соли умрашро (1882 – 1905) дар ҳавлии Шарифҷон Махдуми Садри Зиё гузаронидааст. Садри Зиё ӯро падарвор тарбият намуда, дар "Тазкор-ул-ашъор"-аш ӯро чунин сифат кардааст:

Ҷавонест озодаву некхӯ,
Хирадманду донову санҷидагӯ...
Бувад Мунзим он зинатафзои наср,
Китоби хирад, маҳфилорои наср,
Бувад андалеби хушовози назм,
Ба мулки сухан маҳфилорои назм...
Биёбад зи чанги аҷал гар амон,
Шавад зубдаи фозилони замон...

Дар бораи табъи нотакрор ва бадеҳагӯии Мунзим Садри Зиё мегӯяд:

"Мунзим Мирзо Абдулвоҳид аст. Аз хурдӣ назди роқими ҳақир тарбият ёфта буд. Рӯзе ба дасти роқими сутур хоре халид ва дард мекард. Мунзим хост, ки он хорро аз дасти ман барорад. Муқайяд шуд ва ман изҳори дард мекардам. Дар бадеҳа гуфт:

Чунон хасисмизоҷанд мардуми олам,
Хасе зи дасти касе гар кашӣ, намефорад".

Ин байт чӣ қадар мафҳум, содда ва алалхусус ҳаётӣ кашф шудааст[2. 73;78]. Эҷодиёти ӯ дар ду давра сурат гирифтааст: то соли 1920 ва баъд аз соли 1920. Ашъори тоинқилобии ӯ саршор аз маъниҳои бикру нафис мебошанд. Дар ғазалҳояш орзуи висоли ёр, бевафоии маъшӯқа, ғаму андӯҳ ва сӯзу гудози ошиқ ифода ёфтааст:

Эй ёри дилозори ситамкори шакарлаб,
Моро зи ҷафоҳои ту ҷон омада бар лаб
Оташ фитад аз сӯзи дарунам ба замона,
Дар шарҳи ғами ишқи ту букшоям агар лаб.
Меҳри маҳи рухсори ту пайдост ба ҳар дил,

Такрори дуои ту мудом аст ба ҳар лаб.
Умрест, ки бе лаъли лаби бодапарастат,
Олуда маро гашта ба хуноби ҷигар лаб...

Ё:

Эй моҳи сарвқомату эй сарви моҳрӯй,
Аз чист тофтан зи мани бегуноҳ рӯй... ва ғ.

Вале ин табъи саршор аз нерӯи завқу салиқа низ қурбони идеологияи коммунистӣ гардид. Мунзим низ пас аз табаддулоти коммунистон зуд пайрави Лоҳутӣ гардид. Чунончи, дар ғазали “Инқилоби Сурх”, ки дар пайравии шеъри Лоҳутӣ гуфтааст, ғояҳои замонашро чунин ба қалам медиҳад:

...Боист хуни шоҳ бинӯшид чун шароб,
Боист пухт аз ҷигари ӯ кабоби сурх.
Бояд биканд каллаи қозӣ, ба хуни ӯ
Бинмуд саллаи сабадашро таноби сурх...

Мунзим аз нахустин шоиронест, ки дар шаклҳои анъанавии шеърӣ ва тазминҳояш мазмуну ғояҳои инқилобиро баён намудааст, ки намунаи онро (“Тазмини Ҳофиз”) меоварем:

“Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро”,
Ба зери пои ӯ қурбон кунам шоҳи Бухороро.
“Бидеҳ соқӣ маи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт,
Чунин рӯзе, ки мерезанд хуни шайху муллоро.
Сухан аз мутрибу маъшӯқу май хӯрдан макун, бархез,
Ки аз зулми амирон пок гардонем дунёро...
Насиҳат бишнав аз Ленин, ки чун ҷон дӯст медоранд,
“Ҷавонони саодатманд панди пири доноро”.

Берун аз амри дил ба рафти об бел зада замонасозӣ намуда шеър навиштан онро аз асолату зарофат ва лутфи сухан дур мекунад. Бинед, ҳатто номи Ленин дар мақтаъи ғазал ба ҷои тахаллуси шоир омадааст. Бино бар ин ғазалҳои давраи дуввуми эҷодиёти Мунзим сусту заиф ва холӣ аз зарофату латофати сухан аст. Чунончи, дар ғазали “Колхоз шуд”, ки онро албатта бо таъсири замон ва талаботи ҳодисаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва нишондодҳои онрӯзаи ҳизби яккатози коммунистӣ ва принсипҳои ғоявӣ-бадеии реализми сотсиалистӣ навиштааст, мехонем:

Батраку заҳматкаше, ки дохили колхуз шуд,

Бар тамоми муштзӯрон ғолибу фирӯз шуд.

Хоҷагии якка то шерик шуд колхузро,

Кору бори ӯ баҷову хуб рӯз аз рӯз шуд.

Бо овардани порчаҳои шеърии боло гуфтанӣ нестем, ки маҳз Лоҳутиву Мунзим сабабгори пайдоиши шеъру ғазали “нав” ҳастанд. Навпардозӣ дар шаклу мазмуни ғазал дар адабиёти таҷаддудхоҳии тоҷик ва машрутаи эронӣ низ буд. Адабиётшинос Сироҷиддин Хӯҷақулов аз ғазалиёти Мирзо Сироҷ, Аҷзӣ, Ҷуръат намунаҳо оварда, пайдоиши ин қабил ғазалҳоро ба таҷаддудгароёне, ки дар ғазалҳояшон оқибатҳои ҷанги империалистии якуми ҷаҳон ва дар натиҷаи тӯл кашидани он озор ёфтани коргару деҳқононро тасвир кардаанд, нисбат медиҳад. Сипас ғазали Ҷуръатро, ки матлаъаш:

“Хуни ҳуррият хокро кард чун гулзор сурх,

Пошикаста, сарбурида, синаи афгор сурх” аст, оварда, ба шарҳу эзоҳи он мепардозад. Баъди шарҳу эзоҳҳо ва овардани далоили кофӣ чунин менигорад:

“Чуноне ки дар боло ишора гардид, дар оғози асри XX дар ҷараёни адабӣ мафҳумҳои “шеъри нав”, “шеъри услуби тоза”, “шеъри тарзи ҷадид” ҳамчун падидаҳои тозаи эҷоди бадеӣ ба вуҷуд омада буд. Дар чунин ҳолат баъзе вакилони адабдӯст ва шеърфаҳми ҳамон давр... нисбати чунин ашъор истилоҳи “шеъри нав” ва ё мафҳуми иловагии “ғазали услуби тоза”, “ғазали рангин”, “ғазали тарзи ҷадид”-ро мулҳақ кардаанд. Аз ҷумла дар “Тазкори ашъор”-и Садри Зиё мехонем: “Ин ғазали рангин ба услуби тоза ва тарзи ҷадид зодаи табъи ибни Абӯсаъид (Аҳмадҷон-махдуми Абӯсаъидзодаи Ҳамдӣ – С.Х.)” буда, он ғазал ин аст:

Рӯи чаманат хандазани Порису Москав,

Мӯи чаманат таънадеҳи Ботуму Варшав.

Дар тозагӣ, эй рашки бутони загоранич,

Дар чобукӣ, эй ибрати хубони Фаронсав.

Дар давлати ҳусни ту намуд он ки хиёнат,

Дар маҳками қаҳри ту афтод ба тиргав.

Абрӯи ту зинатдеҳи меҳроб ба масҷид,

Гесӯи ту ошӯби чалипост ба черкав...” [2. 79; 44-45].

# БОБИ ДУВУМ.
# РАВИШҲОИ ТОЗАИ ҒАЗАЛСАРОИИ ШОИРОНИ ИМРӮЗИ ТОҶИКЗАБОН

Давраи истиқлоли Ӯзбекистон дар шаклгирии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ нақши аразандае дорад. Қобили ёдоварист, ки пас аз соли 1991 ба ибтикори сарони равшанзамири кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷумҳуриҳои ин минтақа ба озодӣ даст ёфтанд ва раванди эҳёи суннатҳои миллӣ шурӯъ гардид. Дар ин давра адабиёти форсии тоҷикӣ аз назари шаклу мазмун ва мавзӯъ бисёр ғаниву рангин буда бадеиятҳои васеъи тасвиру ифодаро фаро мегирад. Таҳаввулоти куллӣ дар сохтори ҳукуматӣ, сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодӣ, милливу ақидавӣ ва фарҳангии кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус

Ӯзбекистону Тоҷикистон таъсири куллӣ бар шеъри муосири ин минтақаҳо низ гузоштааст.

Шеър дар ин давра вориди маҷрои нав гардид. Дар муддати хеле кӯтоҳ шеъри нави форсӣ-тоҷикӣ аз шеъри даҳсолу бист сол пеш фосила гирифт ва ин фосилагирӣ ҳам дар мазмуну мӯҳтаво ва ҳам дар шаклу қолиби шеъри ин давра намудор гардид. Дар натиҷа адабиёти форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон, ки дар даврони шӯравӣ шӯъбае аз адабиёти муосири Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт, ба унвони адабиёти мустақил зуҳур намуд.

Шоироне чун Ҷаъфар Муҳаммад, Паймон, Абдулло Субҳон, Нормурод Каримзода, Фозил Шукурзод, Зебо Тоҳириён, Шоҳид, Озармеҳр, Хоҷа, Парисо, Саидаи Синавӣ, Асадуллоҳ, Шаҳзода, Дилшоди Фарҳодзод, Олим Панҷизода, Садриддин Ҳушёрӣ, Солеҳ Муҳаммад, Одил Комил, Файз Маҳмуд, Хусрави Саъдуллоҳ ва дигарҳо бо ашъори шоёни худ ба арсаи адабиёти давраи истиқлол қадам ниҳоданд. Шоирони номбурда бо шеъри баланду дарки масъулият по ба арсаи адабиёт ниҳоданд. Шоирони ин давраро метавон аз рӯи мӯҳтаво ва шакли ашъорашон ба се гурӯҳ ҷудо намуд: шоироне, ки майл ба шеъри суннатӣ доранд; шоироне, ки майл ба шеъри модерн доранд ва шоироне, ки ҳам шеъри модерн ва ҳам шеъри суннатӣ мегӯянд.

Агарчи ғазалсароёни муосири тоҷикзабони Ӯзбекистон ба мавзӯъҳои гуногун даст задаанду баъзе аз онон пойбанди як мавзӯъ ва ё шефтаи як шоири мумтоз, аз қабили Ҳофизи Шерозӣ ё Мавлонои Балхӣ шуда, фақат ғазали румиёна ё дар таври Ҳофиз гуфтаанд, гардидаанд, метавон ғазалҳои индавраинаро аз лиҳози мавзӯъ ва мӯҳтаво ба чаҳор гурӯҳ тақсимбандӣ намуд: 1.Ғазалҳои худшиносӣ; 2.Ғазалҳои иҷтимоӣ; 3.Ғазалҳои ирфонӣ; 4.Ғазалҳои ишқӣ.

Ин ҷо пеш аз он ки даст ба таҳлили таҳаввули ғазал ва мавзӯъҳои он бизанем, месазад зиндагиномаи се тан аз намояндагони ғазал дар ин давраро оварем:

**Паймон.** Тӯхтамиш Тӯхтаев, мутахаллис ба Паймон яке аз шоирони муосири форсисарои Ӯзбекистон, дар соли 1955 дар деҳистони Синтоби минтақаи Нурато дида ба дунё кушодааст. Вай таҳсили ибтидоӣ ва мутавасситаро дар мактаби тоҷикии зодгоҳаш фаро гирифта ба қасди идомаи

таҳсил дар мактаби олӣ ба шаҳри Самарқанд омада дар факултаи забон ва адаби тоҷики донишкадаи педагогӣ ба таҳсил пардохт.

Паймон пас аз фароғати таҳсилоти донишгоҳӣ муддати панҷ сол дар мактаби деҳистон ба таълими забон ва адабиёти форсӣ иштиғол дошт. Сипас бо ҳидояти устод, шодравон Ҷонибеки Қувноқ ба шаҳри Тошканд омад ва аз соли 1982 дар идораи рӯзномаи “Ҳақиқати Ӯзбекистон” (ҳоло “Овози тоҷик”) ба сифати рӯзноманигор ба ифои вазифа пардохт. Ҳам акнун ӯ солҳост, ки масъулияти бахши фарҳанги рӯзномаи номбурдаро бар ӯҳда дорад.

Иқомат дар пойтахт ва кору фаъолият дар идораи рӯзномаи марказӣ роҳи тозаеро ба рӯи Паймон боз намуд ва ӯ тавонист сарватҳои маънавии худро дар қолаби ғазал ва рубоиву дубайтӣ аз тариқи рӯзномаи “Овози тоҷик” дар дастраси алоқамандон қарор бидиҳад.

Паймон аз овони донишомӯзӣ ба машқи шеър пардохт ва шеърҳояш нахуст дар давраи донишҷӯӣ дар рӯзномаи “Овози тоҷик” ба дасти чоп расидааст. Нахустин маҷмӯъаи шеъри Паймон дар соли 1991 тавассути интишороти “Адиб” дар шаҳри Душанбе бо номи “Сангнавишта” ба чоп расид. Баъдҳо маҷмӯъаи комили ашъораш таҳти унвони “Шабовез” дар соли 2000 тавассути интишороти “Ёзувчи” дар шаҳри Тошканд мунташир шуд. Ва ниҳоят соли 2012 Ширкати саҳҳомии табъу нашри “Шарқ” маҷмӯъаи нави шоирро бо номи “Шабоҳанг” манзури ҳаводорони шеър намуд.

Паймон дар соли 1994 ба узвияти иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон пазируфта шуд ва ҳамчунин дар даврони истиқлол аз сӯи ҳукумати Ӯзбекистон ба дарёфти ҷоизаи давлатӣ ифтихорманд гардид.

Қисмати умдаи аз ашъори Паймон дар рӯзномаи “Овози тоҷик” ва намунаҳои ашъораш дар Тоҷикистон ба чоп расида ва тавассути радиову телевизиони Ӯзбекистон тақдими алоқамандони шеъри форсӣ-тоҷикӣ гардидааст. Ҳамчунин, намунаҳое аз ашъори шоир, ки дар давраҳои мухталиф суруда шудаанд, дар гузинаҳои шеъри форсӣ таҳти унвони “Кӯҳистони орзу” (Тошканд, интишороти “Ғафур Ғулом”, 2000), “Гулистони адаб” (Тошканд, интишороти “Шарқ”, 2007), “Боғи бисёрдарахт” (Теҳрон, 1383), “Аз Самарқанди чу қанд” (Теҳрон, 1384), “Донишномаи забон ва адабиёти форсӣ-тоҷики Ӯзбекистон. Қарни XX то кунун” (Теҳрон, 1384) чоп гардидааст.

Паймон дар тарҷумаи адабӣ низ табъозмоӣ намуда, намунаҳое аз ашъори шоирони маъруфи ӯзбекро ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума кардааст. Чанд намуна аз ашъори ӯ низ ба ӯзбекӣ тарҷума шудааст.

Дар шеъргӯӣ Паймон ғолибан суннатгар аст. Қисмати умдаи аз ашъораш дар қолаби суннатии шеъри форсӣ, назири ғазал, рубоӣ, дубайтӣ суруда шудааст.

Паймон он қадар суннатгар аст, ки аз чаҳорчӯбаи шеъри клоссик наёрастааст берун ояд. Баибораи дигар шеъри ӯ ёдоварии шеъри пешиниёни адаби форсӣ аст. Аз ин рӯ метавон Паймонро идомагари шеъри клоссик номид. Чаро ки ашъораш аз афкори бикру мазомини нави иҷтимоӣ ва тасовири зебо саршор аст. Илова бар ин Паймон дар пайравӣ бо шоирони Эрон ва Тоҷикистон кӯшидааст ба сурудани шеъри нимоӣ мутобиат намояд.

Шеъри Паймон хонандаро ба ояндаи поянда ва ҳаёти хуш умедвор месозад. Хоса ғазалиёти шоир хеле лаззатбахшанд. Намунаи ғазалаш:

Шуд косаи дили мо аз бодаи ғамат пур,
Аз заҳроби дарду ранҷи дамодамат пур.
Гӯӣ ғаме, ки додам аз андак андаке буд,
Ҳаст аз барои ошиқ ҳам ин ками камат пур.
Аз ҷони мо чу марҳам, аз хони мо чу маҳрам,
Дурӣ маҷуй як дам, дурии як дамат пур.
Бар рағми раҳмати мо, меҳру мурувввати мо,
Зулму итобат афзун, озору истамат пур.
Бо қадду қомате хуш, ҳусну малоҳате хуш,
Дому каманди чашму зулфи хамохамат пур.
Ҳарчанд ҷуз дуоят,    дигар нахонам оят,
Лутфи мураттабат кам, қаҳри муназзамат пур.
Бо ҷони зору гирён, гарчи гузашт Паймон.
Ҷуз ин набудаш армон: бод они хуррамат пур.

**Абдулло Субҳон.** Яке аз шоирони муосири форсигӯи Ӯзбекистон — Абдулло Субҳон бо чаҳор дафтари ашъор: “Мушки субҳ” (Душанбе, “Адиб”, соли 1988), “Нидои сарбадор” (Тошканд, соли 1972), “Уфуқи пиндор” (Тошканд, “Меҳнат” 2000), “Гарди анҷум” (Тошкент, “Ӯзбекистон”, соли 2007) ва намунаи шеърҳо дар маҷмӯаҳои дастҷамъии адибон ба пешрафти адабиёти ҳавзаи мазкур саҳми босазое дорад.

Абдулло Субҳон 2 марти соли 1955 дар хоҷагии фермерии “Ғалаба”-и ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё дида ба дунё кушудааст. Деҳаи Синтаби ноҳияи Нурато, ки дар шеъраш гоҳ-гоҳ аз он ёд мекунад, зодгоҳи падару бобоии ӯст.

Баъди хатми мактаби миёнаи умумии зодгоҳ чаҳор сол дар факултаи забон ва адабиёти Донишкадаи омӯзгории ба номи С.Айнии шаҳри Самарқанд таҳсил дошт.

Сипас чанд сол аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар мактабҳои миёнаи зодгоҳаш дарс гуфт.

Ашъораш аз давраи донишҷӯӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон нашр шудаанд. Китоби нахустинаш соли 1988 таҳти унвони «Мушки субҳ» дар Душанбе ба табъ расидааст.

Маъмурияти рӯзномаи «Овози тоҷик» соли 1989 ӯро ба кор даъват намуд.

Аз соли 1994 ба узвияти Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон пазируфта шудааст.

Соли 2005 иштирокдори нахустин ҳамоиши байналхалқии шеъри муосири форсӣ дар Эрон буд. Намунаи шеърҳояш аз чанд маҷмӯаи дастҷамъие, ки дар Теҳрон ба табъ расидаанд, ҷой гирифтаанд.

Инак, беш аз понздаҳ сол аст, ки дар рӯзномаи ҷумҳурии «Овози тоҷик» ба ҳайси муҳаррири бахши адабиёт ва ҳунар ифои вазифа дорад.

Дӯстдорони шеър, шоирон, аҳли адаб хуб медонанд, ки дар байни форсисароёни Ӯзбекистон Абдулло Субҳон мақоми босазо дорад... Ӯ баробари дар қолабҳои суннатӣ шеър гуфтан, ба таълифи шеъри нав иштиёқ дорад...

Ашъори дар мавзӯи ишқу муҳаббат сурудаи ӯ бо тарзи гузориш ва ҷанбаи тоза, тафаккури тоза диққату эътибори касро ба худ мекашад.

Чунончи, шоир шеъри “Нозбардори туям”-ро ин тавр оғоз мекунад:

Ноз кун,
Нозҳое мисли мӯи то ба зонӯят дароз.
Нозбардори туям.

Дар шеъри мумтози Шарқ нози маъшуқаву ниёзи ошиқ қувваи муҳаррик, омили асосии шеъри ошиқона аст. Бесабаб нест, ки Алишери Навоӣ «…агар ба девони ашъорам («Хазоин-ул-маонй»-ро дар назар дорад) унвон гузоштан лозим шавад, онро «Девони Нозу ниёз» мондан даркор аст»,

гуфта буд. Мирзо Бедил ҳам дар як маврид чунин матлабро ба миён гузошта буд. Абдулло Субҳон низ мавзӯи нозу ниёзро дар қолаби шеър ҷой карда ғайричашмдошти хонанда образи нав эҷод мекунад, ки он аз доғи рӯз сар задааст:

Дил ба захми хори мижгонҳои ту одат кардааст,
Мисли он ки нашъаманд
Мезанад сӯзан ба дасташ,
Дасти худро мезанад бар хори мижгонат ба майл.

Мисраъҳои зерини «Нозбардори туям» аз завқи саршор ва ҳаззи моломоли Абдулло Субҳон гувоҳӣ медиҳанд:

Ман нагӯям қоматат шамшоду сарв аст,
Чунки мавзунтар аз онҳост.
Қомати мавзуни ту мавзун кунад,
Қомати шеъри маро дар боғи хушбарги сухан.

Абдулло Субҳон асосан шеъри нимоӣ ва сафед мегӯяд, вале шеърҳои суннатӣ низ дорад...

Ӯ аз санъатҳои бадеие, ки дар тӯли асрҳо шоирони классик ба кор бурдаанд, эҷодкорона истифода мекунад. Баъзе шеърҳояш мисле ки дар шоирони классик вомехӯранд, дар асоси як воситаи тасвири бадеӣ ифода ёфтаанд. Мисол, дар шеъри "Бо абрӯ имоям кунӣ..." тарди акс, яъне ҳангоми кор фармудани як калима иваз кардани ҷойҳои онҳо "усма молад" – "моли усма", дар "Ду нима" санъати таззод ба чашм мерасад.

Дар ғазалиёташ колорити миллӣ ҳаст, дилаш аз ишқи Ватан ҷӯш мезанад. Мисол, дар бораи абрӯ то имрӯз бисёр шоирон навиштаанд. Шояд дар Ғарб низ чунин бошад. Вале дар шеъри "Бо абрӯ имоям кунӣ..." шоир аввал абрӯи моҳи нави болои масҷидро ба забон меорад: "Абрӯи маҳро дидӣ гар болои боми масҷиде", сипас ба маъшуқа арз мекунад, ки "Бар боми масҷиди сухан ман моҳи абрӯят задам". Ҳамчунин боз як образу тимсоли миллӣ— тасвири акси моҳи нав, ки шабеҳи абрӯст, пеши назарҳо ҷилва мекунад: "Бар гӯри муслим мезананд абрӯи маҳро баъди марг". Шоир дар ин ҷо орзуеро баён мекунад, ки ба хаёли ҳеҷ кас намеояд:

Бар гури муслим мезананд абрӯи маҳро баъди марг,
Абрӯи ту оро диҳад хоҳам сари гӯри маро.

Шабҳо тамошояш кунам, бо абрӯ имояш кунам,

Бо абрӯ имоям кунӣ, шояд ки бархезам зи ҷо...

Ин гуна сатрҳоро касе рӯи коғаз рехта метавонад, ки аз сеҳри сухани шоирони классик огоҳ бошад. Ин ҷо бо овардани як ғазали шоир иктифо менамоем:

Ай даригӯён, дариро дар ба дар кардан хатост,
Хештанро гумраҳу оқипадар кардан хатост.
Гавҳаре бошад забон инъоми Аллоҳи бузург,
Носипосӣ ҳар қадам бо ин гуҳар кардан хатост.
Аз забон рӯ тофтан, рӯ тофтан аз модар аст,
Хоинӣ бо модари ҷон ин қадар кардан хатост.
Бо вуҷуди он, ки дасти давр тангаш мекунад,
Танг бар фардои он оне назар кардан хатост.
Ин шакарро рӯзгоре кулли дунё хӯрдааст,
Комҳоро ин замон бе ин шакар кардан хатост,
Мояи фарҳанги дунё дури ашъори дарист,
Аз чунин ганҷи равон моро ҳазар кардан хатост...
Як назар бар чор сӯ субҳи Хуросон медамад,
Чашми дилро бенасиб аз ин саҳар кардан хатост.

**Ҷаъфари Муҳаммад.** Ҷаъфар Муҳаммад Тирмизӣ, яке аз шоирони муосири форсигӯи Ӯзбекистон ва аз муҳаққиқони тасаввуф ва адабиёти мумтози форсӣ аст. Вай 20 сентябри соли 1968 дар яке аз рустоҳои хушманзараи наздикии шаҳри Тирмизи вилояти Сурхондарё, дар хонаводаи муаллими забон ва адабиёт ба дунё омадааст.

Ҷаъфар дар мактабҳои ба номи С. Айнии ноҳияи Музработ ва ба номи Рӯдакии ноҳияи Бойсун таълим гирифтааст.

Ду сол хизмати аскарӣ, панҷ соли таҳсил дар Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон дар рушду камоли Ҷаъфар нақше гузоштаанд.

Ҷаъфар баъди хатми Донишгоҳ ба Сурхондарё омада, аввал дар вазифаи муҳаррири калони Ширкати симо ва садои вилоят шуда кор кард. Чанд муддат устоди Донишгоҳи давлатии Тирмиз буд.

Ҷаъфар соли 1995 анҷумани адибони форсигӯи Сурхондарёро бо номи “Чашмаи хуршед” созмон дод, ки он ҳудуди панҷоҳ тан аз адибон ва равшанфикрони вилоятро дар бар мегирифт.

Ҷаъфар Муҳаммад соли 1999 ба Тошканд омад ва таҳти роҳбарии устод Наҷмиддин Комилов бо тадқиқоти илмӣ машғул шуда, соли 2003 дар мавзӯи "Ҷаҳонбинии-тасаввуфии ирфонии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ бар асоси "Шарҳи рубоиёт-фи-исботи ваҳдат-ал-вуҷуд"-и ӯ рисолаи худро дифоъ намуда, сазовори номзади илми фалсафа гардид.

То алҳол қариб 200 мақолаҳои Ҷаъфар Муҳаммад доир ба адабиёти форсӣ тасаввуф ва ирфон дар нашрияҳои Ӯзбекистон Тоҷикистон ва Эрон ба чоп расидааст.

Беш аз понздаҳ сол Ҷаъфар Муҳаммад дар ройзани фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ӯзбекистон ба унвони мутарҷими калон хидмат намуд, ҳамзамон то дер боз чун ҷонишини сардабири ва сардабири фаслномаи илмӣ-адабӣ, фалсафӣ-ирфонӣ ва маънавӣ-маърифии "Сино" адои вазифа дошт. Алъон дар макотиби олии ҷумҳурӣ аз фанҳои торихи фалсафа, тасаввуф ва ғояи истиқлоли миллӣ дарс мегӯяд.

Аввалин ошноии Ҷаъфар Муҳаммад бо дунёи рангини адабиёт бо афсонаҳо ва қасидаҳои модаркалонаш оғоз ёфта, минбаъд вай бештарин вақти худро сарфи мутолиаи намунаҳои наср ва назми адабиёти мумтоз чун "Гулистон ва Бустони Саъдӣ," " Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, андарзҳои Рӯдакӣ, "Қобуснома"-и Кайковус, "Ҳазору як шаб," Ҷомеъ-ул-ҳикоёт," Самаки айёр, "Бадоеъ-ул- вақоеъ"-и Восифӣ, девонҳои Хоҷа Ҳофиз ва КамолиХуҷандӣ мекард.

Ӯ аз синни 15-солагӣ бо сурудани шеър оғоз кард. Нахустин шунавандагон ва мунаққидони шеъраш аҳли хонавода ва дӯстони ҳамсинфонаш буданд.

Аввалин шеърҳои Ҷаъфар Муҳаммад соли 1985 ҳангоми дар синфи даҳӯм хонданаш дар рузномаи "Овози тоҷик" ба чоп расидааст.

Минбаъд ғазалу силсилаи ашъори Ҷаъфар овони донишҷӯиаш дар рузномаҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон чоп шудааст.

Ашъори Ҷаъфари Муҳаммад шоири муосири форсигӯи Ӯзбекистон дар матбуоти Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Эрон ба чоп расида тавассути радио ва теливевизиони ин кишварҳо тақдими алоқамандони шеъри форсӣ-тоҷикӣ гардидааст.То кунун чандин маҷмӯаи шеъри Ҷаъфар Муҳаммад бо номҳои "Чашми борон " (Тирмиз, 1997), "Мижгони офтоб" (Душанбе, 1999), "Тулӯъи сабзи ранг" (Тошканд, 2003), "Таҷаллӣ" (Тошканд 2008), "Кӯзгу ҳайрати "

(Ашъори ӯзбекиаш, Тошканд, 2010) “Ошиқи ишқ”(Тошканд 2011) ва “Ҳанӯз ишқ”(Теҳрон, 2011) ба чоп расидааст.

Намунаҳое аз осори Ҷаъфар дар гузинаҳои шеър бо номҳои “Каҳкашони орзу” (Тошканд, 2000), “Боғи бисёрдарахт. Гузидаи шеъри муосири форсии Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон” (Теҳрон, 2004), “ Аз Самарқанд чу қанд. Гузинаи шеъри муосири форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон” (Теҳрон, 2005), “Намунаҳои шеъри Ӯзбекистон” (Париж, 2006), “Адабиёти тоҷик. Барои синфҳои 11 мактабҳои тоҷикии Ӯзбекистон” (Тошканд, 2006), “Донишномаи забон ва адабиёти форсии Ӯзбекистон. Қарни бистум то кунун” (Теҳрон, 2005), ”Гулистони адаб” (Тошканд, 2007), “Форсисароёни Ўзбекистон” (Теҳрон, 2010), Сарводаи сурхон (Тошканд, 2011) низ ҷой гирифтааст.

Ҷаъфар дар ҷодаи шеър қадами устувор дорад. Ғазалҳояш баъзан ба ғазалҳои бузургон ҳамоҳангӣ пайдо мекунад, суфтаю рехтаанд.

Дар пешгуфтори “Таҷаллӣ” доктори илмҳои филология, профессор Ҷумъақул Ҳамроев чунин суханони ҷолиби диққатро мегӯяд: “Шеъри Ҷаъфар аз ҳафт пушти шоирони форсигӯ бӯ мебарад ба ифодаи дигар, вай он қадар суннатгарост, ки ҳамон қадар навпардоз аст. Ғазали ирфонӣ мегӯяд, бӯе аз шеъри Ҳофизу Мавлавӣ дорад, вале кӯҳнаву дилбазан нест”

Дар шашумин китоби шоир номзади улуми таърих Абдуллоҳи Тоҳириён чунин гуфтааст: ”Ҷаъфар Муҳаммад чашмаи шаффоферо, ки ба уқёнуси бузурги шеъри порсӣ мепайвандад кашф намудам. Шеъру ғазалҳои Ҷаъфар фалсафаи хоси худро доранд. Фалсафае, ки мазмун ва моҳияти он моро ба маърифати Инсон, Зиндагӣ, Ишқ, Дӯстӣ, Имон, Накукорӣ, ва дигар ормонҳои азалӣ ва ҷовидонаи бани башар ҳидоят менамояд.

Ҷаъфар Муҳаммад дурру марворидҳои забони форсӣ-тоҷикиро дар дастгоҳҳои шеъри классикӣ ва модерн ончунон моҳирона сайқал медиҳад ва мисли заргари ботаҷриба шеъре меофарад, ки аз қаъри дилҳо ҷой мегирад ва беихтиёр дар ҳофизаи ташнагони ишқ замзама мешавад

Дар китоби “Форсисароёни Ӯзбекистон” оқои Ҳабиб Сафарзод дар бораи ба таваҷҷӯҳи хориҷиён сазовор гаштани шеъри Ҷаъфар Муҳаммад низ ҳарф зада, дар соли 2007 аз тарафи донишманд, шоири маъруфи Миср Доктор  Маҳмуд Саллома Олвӣ бо номи  “Ҷаъфар Муҳаммад Тирмизӣ,

намунаи шеъри муосири форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон” рисолаи таҳқиқӣ чоп шуданашро таъкид мекунад.

Чандин ашъори шоир ба забонҳои русӣ, ўзбекӣ, ангилисӣ, фаронсавӣ ва арабӣ низ тарҷума гардидааст

Ҷаъфар шоири зуллисонайни Ўзбекистон мебошад. Шоир бо ду забон тоҷикӣ ва ўзбекӣ эҷод мекунад. Китоби бо номи “Кўзгу ҳайрат”- и ӯ бо забони ӯзбекӣ рӯи чопро дидааст. Дар сарсухани китоб доктори илмҳои филология, профессор Наҷмиддин Комилов чунин мегӯяд: Ҷаъфар Муҳаммад шоирест, ки бо ду забон эҷод намуда давомдиҳандаи анъанаҳои қадими мо мебошад.

Ҷаъфар бо баробари шоири ширинкалом буданаш, тарҷимони чирадаст ҳам аст. Ӯ шеърҳои шоирони тоҷикро ба забони ӯзбекӣ ва шеърҳои шоирони ӯзбекро бо забони тоҷикӣ тарҷима мекунад. Шоир шеърҳои А.Орипов, Э.Воҳидов, И.Отамурод, А.Маҳкам, Атҳамқулиро аз забони ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ тарҷима кардааст. Аз забони форсӣ-тоҷикӣ шеърҳои Суҳроб Сепеҳрӣ, Гулчини Гелонӣ, Саламони Ҳиротӣ ва Қайсари Аминпурро ба забони ӯзбеки тарҷима кардааст. Шеърҳои шоирро сурудхонони машҳур Хайрулло Насриддинов ва Юлдуз Усмонова сароида диққати тамошобинонро ба худ ҷалб кардаанд. Намунаи ғазалаш:

**ОМАД ДИЛАМ**

Як дам, эй ойина, аз ту дил наканд, омад дилам,
Бо хаёли рӯйи ту ойинабанд омад дилам.
Сӯйи ту, эй ҷузв-ҷузв ийсору лутфу ишқу ноз,
Боб-бобу фасл-фаслу банд-банд омад дилам.
Гаҳ зи Балх омад ғарибу музтариб, бо ашки талх,
Гаҳ зи Даҳбеди Самарқанди чу қанд омад дилам.
То ба Табрези тарабрези висолат, ҷони ман,
Бо ғазалҳои камолӣ аз Хуҷанд омад дилам.
То ба чил сол оташ андар бешаи андеша зад,
Баъди чил сол оқилу андешаманд омад дилам.
Баски васли ёр буду Бойсунаш орзӯ,
Шеъри Ҷаъфар дар лабаш аз Тошканд омад дилам.

## II.1. Таҳаввули ғазал дар замони истиқлол

Дар осори шоирони тоҷикзабони давраи истиқлол метавон ғазалро умумитарин ва роиҷтарин қолаби шеърӣ маънидод кард. Мурод аз ин таъкид ҳаҷми зиёди ғазалҳои чопшуда нисбат ба дигар жанрҳои адабӣ набуда, балки нафарони зиёде аз шоирон аст, ки ғазалро сармашқи кори худ кардаанд. Муқоисаи ғазалсароии давраҳои пеш ва пас аз истиқлоли миллии Ўзбекистон ба ду тамоили асосӣ роҳ мебарад:

1. Теъдоди навоварони арсаи ғазал дар ду даҳаи охир нисбат ба гузашта хеле рушду нумўъ кард. Агар дар замони тантанаи шўроҳо таъсири зуҳури ҷараёни шеъри нав танҳо дар муҳити ғазалҳои се-чаҳор тан ба таври ҷиддӣ қобили ҷустуҷў буд, дар солҳои истиқлол бисёре аз шоирони ҷавон кўшиш ба харҷ доданд, то даст бар домани "ғазали нав" зананд ва баҳри густариши он навовариҳои зиёде ворид кунанд.

2. Ғазали фалсафиву ирфонӣ, ки аз гузаштаҳои дур то ибтидои садаи XX пайваста дар инкишоф буду дар даврони шўравӣ аз равнақ афтод, пас аз истиқлол ба ғазали ҷиддии рўз табдил ёфт.

Теъдоди шоироне, ки метавон онҳоро ғазалсаро номид ва дар айни ҳол навоварӣ ва таҳаввул дар ғазалро манзури назар кардаанд, нисбат ба шоирони ғазали соф суннатисаро хеле каманд.

"Ғазали нав" илова бар тафовутҳои ошкор дар қаламрави забонӣ ва таъбирот низ вижагиҳои мушаххас дорад. Агар дар асрҳои миёна истиқлоли мазмунӣ ва маънавии ҳар як аз байтҳои ғазал мавриди назар буд, пас "ғазали нав" ваҳдату ягонагии амудиву умумии шеърро дар мадди назар дошта, мантиқи шурўъ (матлаъ, қавл), идома (ғазалу тарона) ва поёнбандии (мақтаъ, фурўдошт) он ба шеъри нав хеле наздик аст.

Дар солҳои истиқлол пешқадамони ғазали нав ҳаракати пешинаи худро идома доданд. Бо шарофати истиқлол онҳо аз дастовардҳои шоирони индавраинаи Эрону Афғонистон ва Тоҷикистон бештар бохабар шуданд ва ин шиносоӣ албатта ба эҷоди онҳо асари боризе гузоштааст. Чунончи, дар адабиёти Эрон ғазалҳое офарида шуданд, ки онҳо дар вазнҳои комилан тоза буданд. Ва ё шоирони вазнҳои камистеъмолро ба наҳви тоза ва ҷиддитар мавриди истифода қарор доданд. Яке аз ин гуна шоирони навовар Симини Беҳбаҳонӣ буд. Фарзона низ тавонист маъниҳои навро дар қолаби ғазал устокорона ҷой диҳад ва ба ин муваффақ ҳам шуд[2. 76].

Арсаи "ғазали нав" бо ҳамон ғазалсароён ва русуми пешинаи муайян ва шинохташудаи худ дар давраи истиқлол тане чанд аз шоирони ҷавонро низ

ба худ пазируфт. Яке аз ин гуна шоирон Ҷаъфар Муҳаммад мебошад, ки илова бар қолабҳои суннатӣ даст бар ҳама мавзӯъҳои замон ва навъҳои “ғазали нав”, шеъри нимоӣ ва шеъри сапед зада, дар ҳама шаклҳо ба музаффариятҳо ноил гардид. Шеъри ӯ дар рушди минбаъдаи адабиёти тоҷикзабони Ӯзбекистон асари боризе ба ҷой гузошт. Шеъру ғазалҳои Хоҷа ва Фозил Шукурзода низ ин асарро дорад. Ба ибораи Сафарзода: “Дар ғазалҳои ӯ (Фозил Шукурзода – Н.М.) каму беш мавзӯъоти ирфонӣ, ки бо мавзӯъоти муҳимми замон гиреҳ хӯрдааст, низ ба чашм мехӯрад. Шеърҳояш ба сабки хуросонӣ суруда шуда ва мамлу аз саноеъи адабӣ аст. Аммо андаке ба баҳрҳои душвор даст задааст, ки эҳтимол дорад боиси бемайлии хонанда бишавад” [2. 61; 45].

Ва бо ин ҳама Фозил Шукурзода дар ғазалҳои воқеии худ тавонистааст ба дили хонанда роҳ ёбад ва сухани тоза бисёр гуфтааст. Ӯ шоири романтик буда, ин мавзӯъро бо ирфону ахлоқ дақиқкорона ва хаёломез омезиш додааст.

Асадулло низ аз ин қабил шоирон аст. Вале ғазалҳои ӯ мисли Ғазалҳои Ҷонибек, Паймон ва Абдулло Субҳон дар вазнҳои касирулистеъмолу маъмулӣ ва сода буда, бо эҳсоси баланд ва отифаангезона суруда шудаанд. Ишқи ӯ бо реализму романтизм омезиш ёфтааст. Шоироне монанди Озармеҳр Ҷумъаназар Эшонқулов), Шоҳид (Эркин Муқимов), Хусрави Саъдуллоҳ, Файз Маҳмуд ва чанд тани дигар низ ғазалҳои ба ин монанд сурудаанд, ки шеъри ҳар яке аз инҳо боиси ситоишу нақд аст.

Хусрави Саъдулло аз шоирони нисбатан ҷавон ва болаёқат ва тозапардозу тозаназари давраи истиқлол аст. Ашъори шоирони Тоҷикистону Афғонистон, Эрон, сабки Сӯҳроби Сипеҳрӣ ва шеъри Ҷаъфар Муҳаммад дар офаридаҳои ӯ асари зиёде ба ҷой гузоштааст. Дар хусуси шеъри Хусрав шоири тоҷикистонӣ Доро Наҷот чунин изҳори ақида намудааст: “Тавфиқе, ки ба Хусрав даст додааст, ин аст, ки ӯ ба кӯйи диданҳо ва дарки эҳсоси тоза даст ёфтааст. Аз суханаш бӯйи тозагӯӣ меояд... Мо аз Хусрав дар ин роҳ пешрафтҳои тозаро интизорем, зеро Хусрав ҷӯянда аст. Ҷустуҷӯи ӯ дар қаламрави эҳсоси ӯ сурат мегирад ва ин эҳсос ағлаб дар ашъораш мавҷ мезанад” [2. 78; 3].

Дар ин давра чанде аз шоираҳо ба майдони адаб омаданд, ки ҳар яке аз инҳо дар инкишофи шеъру ғазали давраи истиқлол саҳми иуайяне гузоштаанд. Тахайюл, ҳақиқатнигорӣ, рамзомезӣ, нозукандешӣ аз услубҳои

нигориши ин шоираҳост. Уғулой, Ҳадя, Дилшода, Шаҳзода, Парисо, Манижа ва чанд тани дигарро метавон ном бурд, ки бо сурудани ғазал хазинаи адабиёти ин давраро ғаниву мунаққаш гардонидаанд.

Ҳатто бисёр аз ғазалсароёни давраи пеш аз истиқлол, ба монанди Адаш Истад, Салим Кенҷа, Ҳаёт Неъмат, Акбар Пирӯзӣ, Нормурод Каримзода, Асад Гулзодаи Бухороӣ, Шодӣ Карим, Муҳаммади Шодӣ, Файз Маҳмуд, Масъуди Мирзо, Нодир Нодирӣ, ки дар сурудани ғазал сабку услуби худро дарёфта буданд, дар давраи истиқлол ба таъсири ғазалсароии шоирони "насли нав" монда, дар мавзӯъ ва мундариҷаи ғазалиёташон тағйироти чашмрасе ворид намудаанд. Яке аз ин гуна шоирон Нормурод аримзода аст, ки ғазалҳои ӯ беш аз пеш рушду нумӯъ мекунад. Дар бораи қолаби ғазалиёти ин шоири хушсалиқа дар боби сеюми рисола муфассал таваққуф карданием.

Инак, шоирони тоҷикзабони кишвар тавонистанд дар якҷоягӣ ҷараёни "мавҷи нав"-и адабиёти тоҷикзабонро ба майдони адаби Ӯзбекистон оваранд, ки он аз ҳама ҷиҳат дар пояи ташаккул буда, сазовори нақду баррасӣ аст. Ҳатто Адаш Истад барин нависандагони насли калонсоли кишвар низ таҳти таъсири шеъри модерни кишварҳои ҳамсоя ва шоирони насли нави худи, даст ба сурудани шеъри наву ғазали нав заданд. Дар натиҷа дар ин қолаб Адаш Истад ба комёбиҳои назаррас муваффақ гардид.

Дигар аз шоирони ин давра Файз Маҳмуд мебошад, ки агарчи бештар майл ба шеъри модерн дорад, ғазалҳои зебо низ сурудааст. Яъне ӯ аз шоирони нимасуннатӣ ва ниманавсаро буда бештар маъниҳои навро дар қолабҳои куҳан гунҷонидааст.

Бамаврид аст дар ҷодаи ғазал шоирони доираҳои адабии Сух ва Ангренро низ ёдовар шуд, ки дар идомаи ашъори суннатӣ саҳми босазо доранд. Бино ба нишондодҳои сарвари кишварамон ва ҳукумати Ӯзбекистон идомаи тасаннунҳои мардумӣ ва баррасии осори ниёгон яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи адабиёт ва ҳунар низ мебошад. Дар ин ҷода бамаврид аст қайд намоем, ки ҳавзаи адабии Ангренро шоироне фаро гирифтаанд, ки соҳиби касбу кори гуногун буда, сари чанд вақт дар маҳфили адабии "Сапедадам" гирд меоянд ва дар он таллилу нақди ашъори ҳамдигарро баррасӣ менамоянд. Сарварии ин маҳфилро адабиётшинос Фарҳод Исомиддинов ба ӯда дорад. Ба маврид аст қайд намоем, ки ҳар яке аз ин шоирон дар ғазал илова бар мавзӯъоти умум ривиши хоси худро доранд. Агар Абдулқаюми Ҳасанзод ва Қутбиддин Мирзоматов ғазалҳои содаи ишқӣ

гўяду дар иншои ғазал сабки хуросониро воситаи баён қарор диҳанд, мавзўъи марказии ғазалҳои Нуруллоҳ Каримзода ва Икромали Шермуҳаммадовро тасаввуф ва ирфон ташкил медиҳанд. Вале забони ғазалҳои ин дуи охир аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунад. Икромалӣ бештар майл ба сабки ироқӣ дорад. Аммо Нуруллоҳ ғазали маънӣ дар сабки ҳиндӣ мегўяд.

## II.2. Мазмунҳои иҷтимої, сиёсї, фалсафї ва ирфонї дар ғазали ин давра

Дар ғазалиёти шоирони давраи истиқлол аз меҳри гарми гӯяндагони онҳо ба зиндагӣ ва инсон, аз нигоҳҳои гарми онҳо ба рӯйдодҳои рӯзгор баҳравар буда, ҳам эҳсосу афкори хонандаро меангезад ва ҳам симои шоиронро муайян менамояд. Қадрдонии ҳар лаҳзаи зиндагӣ, эътиқоду эътимод ба инсон, бузургдошти ишқ, посдории некиву некон ва эҳтироми хислатҳои наҷиби инсон асоси ахлоқии ғазалиёти ин давраро ташкил медиҳад. Ва дилбастагӣ ба хушиҳои ҳаёт, таассуф аз нокомиҳои хешу дигарон дар онҳо чунон самимӣ ифода шудаанд, ки хонанда худро бо қаҳрамони лирикии онҳо ҳамдарду ҳаммаслак мегардонад.

Ишқ тақрибан дар кулли ғазалиёти ин шоирон нерӯи таҳрики эҳсосу андеша аст. Пеш аз он ки дар ин бора ҳарф занем, лозим донистем аз фарҳангу луғатҳо шарҳи калимаи “ишқ” ва “ошиқ”-ро дарёбем. Дар “Миръоти ушшоқ” омада:

Ишқ عشق - бар ботин ва ҳақиқати ақл итлоқ намоянд, бад-онки рӯҳро ду эътибор аст: яке таваҷҷӯҳи ӯ ба олами ваҳдат ва кишвари қудс рӯҳро ба ин эътибор ишқ хонанд; гоҳе ишқро бар нафс таваҷҷӯҳ ва инҷизоби рӯҳ ба ҷониби ваҳдат ҳам итлоқ кунанд ва эътибори сонӣ он аст, ки рӯҳ чун мутаваҷҷеҳи олами касрат гардад, ҷиҳати бусути (ҷ.бисот, фарохиҳо, густурданиҳо, шодравониҳо) илм бар касарот (афзуншавӣ). Дар ин эътибор ҳам ду навъ сурат тааллуқи муаббир (таъбиркунанда) аст: яке онки идроки ҳақоиқи куллия ва маонии муҷаррада қудсия намояд, ба ин эътибор ақли маод (бозгаштан) гӯянд; дуввум онки мадраки аҳволи ҷузъёт ва аъмоли ҳиссиёт ва моддиёт бошад, ба ин эътибор онро ақли маош ва ақли ҷузвӣ гӯянд, ин навъ ақлро бо ишқ табоину тазод (ихтилофу носозгор) аст. Байт:

Ишқ чун дар синае манзил гирифт,
Ҷони он касро зи ҳастӣ дил гирифт.

Ишқи ҷонон оташ асту ақл дуд,
Ишқ чун ояд, гурезад ақл зуд[2. 18; 163].

Ошиқ عاشق – дар забони орифон ҷӯяндаи Ҳақ таъолоро бо вуҷуди талаби ваҷди тамом ошиқ гӯянд, ки ғайри маҳбуби ҳақиқӣ касеро нахоҳад ва наҷӯяд. Мавлоно гӯяд:

Дар дили маъшӯқ ҷумла ошиқ аст,
Дар дили Узро ҳамеша Вомиқ аст.
Дар дили ошиқ ба ҷуз маъшӯқ нест,
Дар миёншон фориғу мафруқ нест.[2. 64; 566-567].

Ин ду маънӣ, ки аз китобҳо гирифтем маъниҳои орифонаи ишқу ошиқ аст ва гумон мекунам, ки дар ишқу ошиқии заминӣ низ инсон ин хислатҳоро дошта бошад. Вагарна: “Диле, ки ишқ надорад, шикофи девор аст”.

“Ман”-и шоир маънии ҳаёташро бе ишқ ва ҳаёташро холӣ аз ишқ тасаввур карда наметавонист, чунки бунёди шеър аксар аз ишқ оғоз меёбад, зеро ишқ моломоли шеърият аст. Гузориши ишқ аз нигоҳи шоирон гуногунанд, вале на ҳама шоирон метавонанд ишқро бо он камоли ҳусну ҷамолаш нигориш диҳанд ва бигзор он ишқи шеър бошад, ишқи ватан, ишқи маҳбуба бошад, ё ишқи халқ ё ишқи худованд бошад, нахуст бо хусусиятҳои хосаю мӯътабар, бо нафосаташ дар ниҳонгоҳи хонанда маскан гирифта тавонад ва ҷаҳонбинии ӯро густариш диҳад. Бисёре аз ғазалсароёни давраи истиқлол дар ашъори ошиқонаи худҳо ба он ҳусни нигориши шоирони варзида муваффақ гаштааст:

Чашм меандозем ба ғазалиёти Паймон. Ғазалҳои ӯ аз ибтидо то поён дар як маром, бо як ҳаяҷони шӯрангезу пуризтироб суруда шудааст, ки бешубҳа боиси таҳсину офарин нисбати шоир аз ҷониби хонанда мегардад ва ғазалро агар яке аз жанрҳои назарраси ашъори гуногуннави Паймон номем, муболиға нахоҳад шуд.

Дар ишқ манбаи илҳоми шоир ниҳон аст, ишқ ҳидоятгари ӯст дар роҳи худогоҳиву дилафрӯзӣ ва ин маънӣ дар аксари ғазалҳои ошиқонаи шоир хеле образнок ифода гардидааст:

Дар даҳр, ки дори ишқ бошад,
Корам ҳама кори ишқ бошад.
Аз ёри ҷаҳон дилам гирифтааст
Ёрам ҳама ёри ишқ бошад.
...Дорам сари эмин аз сари дор,

Онам сари дори ишқ бошад.
Дар дафтари ман пайи қалам чист?
Маҷмӯъи нигори ишқ бошад.
То навбати зист ҳаст, Паймон
Як шукргузори ишқ бошад[2. 55; 52]..

Дили моро набошад ёр ҷуз ишқ,
Ҳабибу дилбару дилдор ҷуз ишқ.
Надорад мушти ҷони ғамкаши мо,
Анису маҳраму ғамхор ҷуз ишқ... (саҳ. 68).

Пайдо набувад гавҳари арзандатар аз ишқ,
Ганҷи абаду давлати пояндатар аз ишқ... (саҳ. 69).

... Не замон дорем бе ту, не ҷаҳон,
Ҳаст бо ту давру даврон низ ҳам... (саҳ. 75).

Дар хусуси ғазалиёти Паймон профессор Ҷумъақул Ҳамроев чунин ибрози андеша кардаанд:

“Паймон шоири хаёлписанд мебошад. Ин ҳолати рӯҳӣ хоси қаламкашонест, ки бо гузаштаву имрӯз пайванди қавии маънавию ахлоқӣ доранд. Дар ин замина ӯ аз ҳар он чи ки барояш маҳбуб аст, ёд мекунад. Балки ёди ҳақиқатҳои таърихи гузаштаву имрӯза барояш хаёлангез аст. Шеърҳое, ки дар ин замина мегӯяд, ҳофизаи таърихии моро таҳрик мебахшанд, диққати моро ба дирӯзу имрӯзу фардои халқ мутамаркиз месозанд” [2. 55; 52].

Дар бархе ғазалҳои Паймон кӯшише оиди дарки фалсафии таърихи миллат ба назар мерасад:

Ҳар нукта намесазад ба гуфтан,
Бепарда шавад гул аз шукуфтан.
Дидам басо фузуд чандон,
Бар маънии маънӣ гаҳ нагуфтан...
Ҳар хомаи созгори иншо,
Қобил набувад ба нома суфтан (саҳ. 81).

Чӣ ғам дорем, дил дорем, ёрон,
Аниси ғамгусил дорем, ёрон.
Ҷавонмарде, кариме, меҳрубоне,
Худ андар муттасил дорем, ёрон.
...Гиреҳи мо ба ӯ боз аст, бе ӯ
Чигил андар чигил дорем, ёрон.
Чӣ ғам дорем, к-аз дилдорӣ, Паймон
Равои ишқи дилдорем, ёрон (саҳ. 80).

Ёд бодо рӯзгороне ки з-онон мефузуд,
Баргу бори нангу ном аз мо ба ёрон боз гӯ.
Чун тиҳӣ мондем з-эшон, гӯй монд ин сон тиҳӣ,
Аз гулоби ноб ҷом аз мо ба ёрон боз гӯ...
Интизори муждаи васл аст Паймон, ай сабо,
Ин умеду ин паём аз мо ба ёрон боз гӯ (саҳ. 84).

... То ба кай хоҳем буд афтода андар хоки роҳ,
Авҷ деҳ моро зи нӯшат, қудрати парвоз деҳ... (саҳ. 85).

Бар ман дареғ бод равам дил наёфта,
Дил ёфта, вале дили ҳамдил наёфта... (саҳ. 86).

Дар ашъори Ҷаъфар Муҳаммад низ афкори иҷтимоӣ ва фалсафӣ ба дараҷаи баланд зоҳир мешавад. Бузургии шоир ва фарогирии ҷаҳишноки шеъри ӯ низ дар ҳамин аст. Диди баланд ва ҷаҳонбинии фарохи Ҷаъфар тавонистааст паҳлӯҳои фалсафии шеъри ӯро тақвият диҳад. Ба ибораи Сафарзода “Ба хотири ҳамин ҷаҳонбинӣ шеъри ӯ мавриди истиқболи муосирон қарор гирифтааст” [2. 61; 41].

Барои таҳлилу тадқиқ намудани афкори иҷтимоӣ-фалсафии ашъори Ҷаъфар Муҳаммад файласуфе чун Ҷаъфари Муҳаммад мебояд, то ҷанбаҳои фалсафии шеъри ӯро баррасӣ намояд. Чаро ки фалсафаи шеъри Ҷаъфар на ба фалсафаи даврон, на ба мозӣ ва на ба мустақбал монандӣ дорад. Чун ба мутолиаи ашъори шоир ғӯтавар мешавем, мебинем, ки дар он оҳангҳои фалсафии даҳриву тасаввуфӣ, афкори заминиву осмонӣ, равшаниву торикӣ ва ҳақиқату маҷоз печ дар печ баён шудаанд. Азбаски қобилият ва зеҳни мо

барои мутамаййиз намудани яке бар дигаре нарасид, ин ҷо нуқта гузорида, ин бахши корро бо суханони Абдуллоҳ Тоҳириён хотима медиҳем:

“Шеъру ғазалҳои Ҷаъфар фалсафаи хоси худро доранд. Фалсафае, ки мазмун ва моҳияти он моро ба маърифати Инсон, Ҳастӣ, Зиндагӣ, Ишқ, Дӯстӣ, Имон, Накӯкорӣ ва дигар ормонҳои азалӣ ва ҷовидонии бани башар ҳидоят менамояд. Эътибор диҳед:

Ман ҳар чӣ доштам аз сарвати ҷаҳон,
Чун ҷамъ кардамаш, як кӯза Ишқ шуд.

Магар бидуни андешаи амиқи фалсафӣ дарки ин гуна абёт имконпазир аст?” [2. 90; 4].

Аз ин рӯ бештар ба ашъори ахлоқӣ-тарбиявии ӯ панҷа мезанем, ки дарки он саҳлтар аст. Мехонем:

Аз обу гил гузар, бо гул сиришта шав!
Гар одамӣ наӣ, боре фаришта шав!

Бар киштии фалак овехтан чаро?
Эй базри орзӯ, дар сина кишта шав!

Холӣ чӣ меравӣ, мағрур рӯйи чок?
Эй сӯзани назар, пайванди ришта шав!

Аз бас рабудаӣ як борам аз биҳишт,
Иблис, чор бор аз ман биҳишта шав!

Сад ишқ бохта, як дил набурдаам,
Эй сарнавишти ман! Аз сар навишта шав!

Ҳамин як ғазали панҷбайта кофист, ки мӯҳтавои афкори тарбиявии Ҷаъфар Муҳаммадро дақиқ муайян намоем. Афкори ахлоқӣ-тарбиявиро бояд шахсе гӯяд, ки муносиби гуфтораш бошад. Аз ин рӯ менигарем ба шахсияти худи шоир. Мардум ба шоир чун бар аҳли санъат ва марди риндхӯву хушҳол менигаранд. Одатан дар ҷомеъаи мо мардум дар он ақидаанд, ки шоир бояд суханхои мутантану муназзам гӯяд. Навиштаҳояш ба оҳанг гироиш кунад. Новобаста ба он ки маънӣ дорад ё на. Аз ин рӯ шоир дар замони мо фаровон шуду шеър коста гардид. Шоирони даврони мо назмро бо шеър даромехтанду худро шоир эълом доштанд.

Шоирони давраи истиқлол, аз қабили Абдулло Субҳону Паймон, Ҷаъфар Муҳаммаду Хусрави Саъдуллоҳ ва чанде дигарон, ки бевосита мусоҳиб шудан бо онҳо насибам гардидааст, илова бар шеъру шоирӣ аз илмҳои замона, хоса фалсафаву ҳикмат, низ бархурдоранд. Аз ҷумла, Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ аз зумраи шоиронест, ки аз эҷодиёти шоирони мумтоз атрофи 10 ҳазор байт ва муосир 5 ҳазор байт шеърро фаро гирифтааст. Ҳамчунин дар муҳите тарбият ёфтааст, ки аз шеъру адаб ва оину ҳикмат хуб бохабаранд. Ҷаъфар нахустин тарбияти одамшиносиро аз падару бобояш ва Мавлоно Муҳибуллоҳи Нуруллоҳ омӯхтааст. “Ин марди дарвешу волосухан (яъне Мавлоно Муҳибуллоҳи Нуруллоҳ, Н.М.) аз рӯзгори бузургони гузашта, аз абёти онҳо чунон қиссаҳои шӯрангез мекард, ки ғайриихтиёр Ҷаъфари хурдсол ба ҳаёти рӯҳонии онон ворид гашта дилаш гоҳо чун Мавлонои Рум дар ишқи Шамси Табрезӣ ба рақсу самоъ мерафт...”. Месазад, ки Ҷаъфари Муҳаммадро чун як нафар файласуфи номӣ ё адабиётшиноси маъруф муаррифӣ намоем. Вале ба ибораи худи шоир “Шеър оини вай аст”.

Пас чӣ гуна шоире, ки бо шеъри Мавлавӣ парвариш ёфта, бо ғазалиёти Ҳофизу Бедил ба камол расидаасту аз “Гулистон”-у “Бӯстон” тарбият дидааст, имрӯз барои мо – ҷавонон аз ахлоқу тарбият ҳадс назанад?

Оиди шеъри Ҷаъфар мӯҳтарам Ҷумъақул Ҳамроев чунин менигорад: “Шоирони шеъргӯ бисёранд, вале шоироне, ки ҳастияшон дар шеър ҳаст шуда бошад, каманд. Маҳз ҳамин омил боиси зинда мондани шоир мегардад. Маҳз ҳамин омил новобаста ба тағйироти сиёсӣ ва иҷтимоӣ дили хонандаро ба чунин шеър гарм медорад. Яъне, ба ифодаи дигар, дар гуфтани шеър метавон маҳорат андухт, ҳунарро такмил бахшид, пораҳое мавзун сохт. Вале ин ҳанӯз шеър нест. Шеър он аст, ки шахси шоир аз ҳилоли мисраъҳо ба мо менигарад, бо мо сухани гуфтанӣ дошта бошад ва моро ҳушдор диҳад, ки дар ин сарочаи дудар бояд зист, бояд масъул буд. Агар шоир шахсият нест ва ё шахсияти ӯ ноҷоиз аст, шеъри ӯ низ баробари ӯ хоҳад буд”[ Ховар, 1–15 апрели соли 2012, саҳ 8.].

Дар шеърҳои “Чистии дӯстӣ”, “Дар ҷустуҷӯи Шамс”, “Эй дӯст!”, “Шеър ойини ман аст”, “Марг”, “Андар ин дунё” ва баъзе аз ғазалиёташ афкори тарбиявӣ-ахлоқии Ҷаъфар бараъло намудор аст.

Чуноне ки дар ибтидои боб таъкид намудем ашъори ирфонӣ дар давраи пеш аз истиқлол ва бозсозӣ ба гӯшаи фаромӯшӣ супурда шуда буд ва инак накҳати он аз ғазалҳои даврони истиқлол ба машом мерасад. Бештари

ғазалиёти ошиқонаи Ҷаъфар Муҳаммад майли ишқи орифонаву оҳанги сӯфиёна дорад. Агар дар ғазале Ҷаъфар ҳамчун солике ба майдон омада бошад, ки мӯҳтоҷи ёриву дастгирии пир аст, дар ғазали дигар чун орифе салои ишқи расида медиҳад ва ҳатто ишқи норасидаи дигаронро мазаммат мекунад. Ин гуна ашъори Ҷаъфар бештар дар ҳавои шеъри Мавлавиву Ҳофиз ва Аттору Бедил суруда шудааст. Ҷаъфар ғазалҳои зиёде дорад, ки дар онҳо тасвирҳои романтикӣ бо ақидаҳои орифона омезиш ёфтаанд. Вале ашъори соф ирфонӣ низ дар эҷоди шоир кам нестанд.

Ҷаъфар Муҳаммадро метавон эҳёгари ақидаҳои орифона дар давраи нави шеъри форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон номид.

Дар ғазали “Замзама” ҳолати ошиқе тасвир шудааст, ки дар нимароҳи ишқ мондааст ва ба забони ҳол меояд, ки дар тариқи ишқбозӣ каму кости зиёде дорад. Ва бо ин ҳама дар ин ҷода қатъӣ қадам хоҳад ниҳод. Чаро ки вай аллакай дил ба Ӯ додаасту вопас гирифтани он амрест муҳол:

Эй соликон, эй соликон, ман ҳам мусалмонзодаам,
Дар нимароҳи васли Ҳақ, ёрӣ диҳед, афтодаам.
Эй ошиқон, эй ошиқон, бар базми гул роҳам диҳед,
Он ошиқи ғоиб манам, пинҳон ба Ӯ дил додаам...[2.90; 27]

Ғазали “Ман кистам?” низ ишора бар маънии болост. Мазмуни умумии ғазал мақоли халқии “Машав мулло, машав қозӣ, машав муфтӣ, биё, марди мусалмон шав”-ро ҳамемонад. Қаҳрамони ғазал як руҳоние, як қорие, шаҳрдору қаҳрдоре ё табибе будан намехоҳад. Вай як нафар орифе будан мехоҳад, ки дар доманаи ирфон хайма задааст.

Ман кистам, то соате бо ту дам аз ирфон занам,
Ё лоф чун руҳониён бар минбар аз имон занам...
...Ман кистам, эй ҳамнишин, то бо ту гӯям ону ин,
В-ин хаймаи таълимро дар домани ирфон занам... [2.90; 104]

Дар ғазалҳои “Аз тақдир” [2.90; 14], “Лаби майгуни ту...” [2.89; 17], “Мо он чароғи лолаем...”, қитаъоти “Фано” [2.89; 18], “Гумшуда” [2.89; 23], “Сароб” [2.89; 26], “Куҷо?” [2.89; 27], “Пушаймонӣ” [2.89; 13], оҳангҳои сӯфиёна бараъло дарҷ ёфтааст. Чунончи, дар қитъаи “Фано” шоир бо истифода аз истилоҳоти ирфонӣ: чуну чанд, заррасон, маҳв, хобу бедорӣ, сукр ва саҳв ва истилоҳоти дастури забонӣ: сарфу наҳв афкори орифонаи худро ба риштаи назм кашидааст:

Аз чуну чандам ворахон, то заррасон маҳват шавам,

То сарф дар “сарф”-ат шавам, то ҳарф дар “наҳв”-ат шавам.
То хоби ман бедориву бедориам хобе шавад,
Дар хоб бо “сукр”-ат равам, бедор бо “саҳв”-ат шавам.

Ишқ дар дигар қолабҳои шеърии шоирони давраи истиқлол низ дар марказ меистад. Чунончи, мутолиаи шеъри “Таҷаллӣ”-и Ҷаъфар, ки онро ба устодаш шодравон Наҷмиддин Комилов бахшидааст, хонандаро ба андешае вомегузорад, ки дар ташаккули ақидаҳои фалсафӣ-ирфонӣ марҳум ба шоир ба сифати пири муршиде ҳидоят намудааст. Мутазаккир бояд шуд, ки Наҷмиддин Комилов барои дарёфти унвони номзади улуми фалсафа ба шоир ба сифати роҳбари илмӣ хизмат кардаанд. Мебинем, ки ин марди некусиришт дар шеъри Ҷаъфар чӣ гуна таҷаллӣ намудааст:

Ва ба ногоҳ
Ту ба як ҷилва,
Ба як шӯъла,
Ба як нури ҳузур
битаровидӣ!
Ту ба нилуфари ҳуши башарӣ
Тобидӣ!... [2.89; 48],

Оҳангҳои сӯфиёна дар ғазалиёти Ҷаъфар зина ба зина чун надбони ишқи илоҳӣ инкишоф меёбад. Ин ҳолат дар ғазалҳои “Эй, зикри Худо бар лаб...” [2.89; 138], “Ҷуз ишқи ту дар сина...” [2.89; 142], “Акси он паймоншикан...” [2.89; 143], “Майхона чу нест...” [2.89; 144], “Ишқ омаду ишқ омад...” [2.89; 146], “То ишқи туам солик...” [2.89; 148], “Розе ба дил асту ба ту гуфтан натавонам” [2.89; 150], “Имшаб, ки дурам аз ту ман...” [2.89; 150], “Бо ҷону дили хаста...” [2.89; 152], “Биёбонгарди танҳоям...”, “Эй орифи огоҳдил...”, Қатра-қатра уммон шуд...”, “Соқиё , мастем пеш омад...”, “Бодаи ёди ту ҷӯшид...” ки дар давраҳои гуногуни эҷодиёти шоир рӯи сафҳа омадаанд, ба назар мерасад.

Дар ғазали румиёнаи зерини шоир оҳангҳои сӯфиёна хеле мутантану самоъангез омадааст, ки далели гуфтаҳои болост:

Ишқ омаду ишқ омад – бо нури дигар омад,
Май омаду май омад – з-ангури дигар омад.
Шаб омаду шаб омад, ошиқ ба тараб омад,

Сад ҳарза ба лаб омад – махмури дигар омад.
Моҳ омаду моҳ омад, он зеби нигоҳ омад,
Бо нолаву оҳ омад – ранҷури дигар омад.
Тор омаду тор омад, оҳанги низор омад,
Сад дил ба фишор омад – сад шӯри дигар омад.
Рӯз омаду рӯз омад, зулмотфурӯз омад,
Дунёи рамуз омад – ганҷури дигар омад.
Дард омаду дард омад, он ишқнаворд омад,
Сарҳанги набард омад – мағрури дигар омад.
Ҷор омаду ҷор омад: девонаи ёр омад!
То пояи дор омад – Мансури дигар омад! [2.89; 146],

Дар ин ғазал 58 бор такрор шудани садоноки "о" (санъати ҳуруфи кубаӣ) ба мутантании ғазал тақвият бахшидааст.

## II.3. Ғазали тасвирї ё худ тасвиргарої дар эҷодиёти шоирони ҷудогона

Ғазалҳои тасвирӣ дар адабиёти тоҷикзабони пешазистиқлол низ шакл гирифта буд, ки дар боби пешин таҳлил намудем. Яке аз шоирони тасвиргаро Паймон, ки худро аз дастпарварони шодравон Ҷонибеки Қувноқ меҳисобад, ҳамчун суханвари маъруф ва яке аз ситораҳои дурахшони осмони назми кишвари Ӯзбекистон аст, ки ба забони форсӣ-тоҷик эҷод мекунаду аз тарафи суханварони замонааш эътироф гардидааст ва бешубҳа ба шиносномаи расмӣ эҳтиёҷ надорад. Чунон ки аз ашъораш пайдост, ӯ дар эҷоди аксари навъҳои шеър устод аст. Шоир дар рӯҳи анъанаҳои суннатӣ асар эҷод мекунад.

Доираи мавзӯи ғазалиёташ доманадор буда, умдатарин масоили ҳаёти инсонро бо равиши хос дар силки таҳрир кашидааст. Хусусияти муҳими ашъори Паймон дар ибрози нозук ва нигориши рангин, фишурдагиву мӯъҷаззии афкор, алфози маонии дақиқ ва маҳорати волои истеъмоли воситаҳои тасвир ва саноеи бадеӣ ҳувайдо мегардад.

Паймон услуби дигари назаррасе дорад, ки ба шакли шеърияти ӯ вобастагӣ дошта, дар шоирони дигар камтар ба назар мерасад, ин нигориши матлаъи шеър, яъне ба ҳусни матлаъ таваҷҷӯҳи хоса доштани шоир аст:

Қадамгаҳи хаёлҳои ман, Ватан!
Қаламраҳи мақолҳои ман, Ватан! [2.54; 6]

Ин шеър гарчанде дар қолаби маснавӣ гуфта шудааст, дар мазмун як ғазали зебоест, ки ҳар байти он шоҳбайти як ғазал буда дар якҷоягӣ як асари бузургеро ҳамемонад.

Дар шеърҳои Паймон рӯҳи сулуки ашъори Лоиқу Бозор Собир ва А.Лоҳутӣ эҳсос гардидааст:

Пайдо набувад гавҳари арзандатар аз ишқ,
Ганҷи абаду давлати пояндатар аз ишқ.
Бигзор бимонем тиҳӣ аз ҳама неъмат
Чун нест яке з-он ҳама зояндатар аз ишқ.
Сӯзандатар аз он натавон нор дигар ёфт,
Ку нур, ки бошад ҳама созандатар аз ишқ?!.. (саҳ. 69).

Туро меҷӯяму ҷуз дарду доғатро намеёбам
Нишонатро намеёбам, суроғатро намеёбам.
Маро айём бе ту, гӯё ғайри дардгоҳе нест,
Дар он роҳат намебинам, фароғатро намеёбам.
Намехоҳам ба болои ту нисбат дод тӯбиро,
Чу ҳуснат ҳусни дар ҳадди балоғатро намеёбам... (саҳ. 70).

ва то охир ин ғазал ҳамоҳангӣ бо ғазалҳои дилошуби Лоиқи бузург суруда шудааст:

Ту ёрам мешавӣ рӯзе, ки ман ёрӣ наметонам,
Ба ман дил медиҳӣ рӯзе, ки дилдорӣ наметонам.

Чашм меандозем ба ғазали дигар:

Андар ин дунё мудом аз нокасон тарсидаам,
То ба чашмонам наафтанд аз хасон тарсидаам.
Бимам аз эшон набуда пеш аз андеша, лек
Кардаам андеша чун з-онон пасон, тарсидаам.
Турфаеро сурату сират ба ҷуз аз санг нест,
Ман аз ин сангон яқин оинасон тарсидаам.
Хокзодастам, зи роҳи хокӣ осон рафтаам,
Лек дар роҳи зи қиру аз фасон тарсидаам.

Хӯрдаам бо шукр ноне аз паси меҳнат, яқин
Аз амал, аз мансаби лаънатрасон тарсидаам.
Покбозам бо замон, Паймон, вале чун рафтааст,
З-ӯ гаҳе нопокбозӣ бо касон, тарсидаам (саҳ. 74).

Аз Лоиқи Шералӣ:

На зи ранҷу азоб метарсам,
На зи ҳоли хароб метарсам.
Бими тӯфони мавҷҳоям нест,
Аз хаси рӯйи об метарсам.
Бо сиёсат ҳамеша ҳамрадифам,
Аз сиёсатмаоб метарсам.
Дӯш гар ба шитоб мерафтам,
Аз замон аз шитоб метарам... [2.34; 150]

Васфи баҳору ситоиши Наврӯз ва тасвири манзараҳои баҳорӣ дар ашъори Ҷаъфару Паймон ва чанде дигарон баъд аз мавзӯи Ишқ меистад. Бештари ашъори дар солҳои охир офаридаи ин шоирон Наврӯз ва баҳор аст. Ин қабил ғазалҳо агар аз як тараф Наврўз ва манзараҳои дилфиреби баҳориро таҷассум намояд, аз ҷониби дигар хотироти таърихиро муҷассам мекунад. Чунончи, Ҷаъфар Муҳаммад дар арафаи Наврӯзи соли 2009 шоир се ғазали Наврӯзӣ сароидааст, ки яке аз дигаре бартар аст: “Бо беҳтаринаҳо”, “Наврӯз муборак бод!”, “Наврӯзӣ”. Дар ғазали аввал шоир ниятҳои наврӯзӣ ва эҳсосоти нозуки худро баён намудааст:

Наврӯз мерасад аз умқи синаҳо,
Бар меҳр мешавад табдил кинаҳо.
«Перор» медиҳад «имсол»-ро мақом,
«Имрӯз» мешавад «дирӯз»-у «дина»-ҳо.
Дар қалъаи умед пойи латифи ишқ,
Чолок меравад боло зи зинаҳо.

Дар сабзазори бахт оҳуи чашми ёр,
Бо шавқ мечарад шеър аз гузинаҳо.
Бо мавҷи орзу пирӯз мерасанд,
Бар соҳили саҳар солим сафинаҳо.

Бо изтироби сабз дар ёлаҳои лутф,
Дил сайр мекунад бо беҳтаринаҳо... [2.90; 50]

Аз номаш маълум, ки ғазали дуввум шеъри табрикотист. Тавассути ин шеър шоир тамоми наздикон ва ҳамватанони хешро ба муносибати фарорасии Наврӯзи дилафрӯз табрик ва муборакбод менамояд. Табрикоти шоир оддиву умумӣ набуда, балки бо дарки зебоипарастӣ ва шоирона ифода меёбад. Ҳамчунин шоир аз боби синаҳои бекина, боронӣ баҳорӣ, дастони баҳоролуд ва кокулони атрогин сухан ронда, дар охир сухан аз боби хонҳои наврӯзӣ – “ҳафт син” ва “ҳафт шин” мегӯяд:

Эй ёри баҳоройин, Наврӯз муборак бод!
Парвардаи Фарвардин, Наврӯз муборак бод!
Эй дасти баҳоролуд, эй чашми хуморолуд,
Эй кокули атрогин, Наврӯз муборак бод!
Эй ғарқаи хоҳишҳо, сармасти навозишҳо,
Эй ошиқи фаррухдин, Наврӯз муборак бод!
Эй синаи бекина, эй қалби чу ойина,
Эй хонаи меҳрозин, Наврӯз муборак бод!
Эй рози тари борон, бар гӯши дили ёрон,
Табрик бигу ширин: Навруз муборак бод!
Эй ҳафт нишон аз «шин», дар суфраи ҷон биншин,
Эй ҳафт салом аз «син», Наврӯз муборак бод! [2.90; 50]

Дар ғазали саввум сухан аз баракоти Наврӯз ва моҳи Фарвардин меравад. Дар гузаштаи дур ба оташкадаву аспу гулу оташ ва дигар нишонаҳо алоқаманд будани Наврӯз ва аз шарофати Наврӯз рангу ҷилои дигар гирифтани табиати мафтункори диёри мо инъикос шудааст:

Оташкада озин шуд, Наврӯз гулафшон бод!
Исфанд Фавардин шуд, Наврӯз гулафшон бод!
Дасте, ки ба гулдӯзӣ мебурд диле дуздӣ,
Гулпарвару гулчин шуд, Наврӯз гулафшон бод!
Гул кард дарахти ҷуд, ҳар ҳарф ба лутф олуд,
Ҳар хор гулойин шуд, Наврӯз гулафшон бод!

Ҳафт омаду «син» омад, асб омаду зин омад,
Ҳар мӯҳрае фарзин шуд, Наврӯз гулафшон бод!

Як шуъла умед омад, бо сабзу сафед омад,
Ҳастӣ ҳама рангин шуд, Наврӯз гулафшон бод!
Чашм озари гӯё шуд, дил масти таманно шуд,
Лаб чокари таҳсин шуд, Наврӯз гулафшон бод!
Эҳсос музаффар шуд, дунё дили Ҷаъфар шуд,
Ҳар даст ба «Омин!» шуд: Наврӯз гулафшон бод! [2.90; 87]

Дар шеърҳои "Аввали Фарвардин" [2.90; 52], "Таманно" [2.90; 52], "Баҳор, ман ва ту" [2.90; 54], "Фарвардиняшт" [2.89; 117], "Эй дилбари дилсӯзи ман..." [2.89; 153], "Эй баҳори рангу бӯ..." [2.89; 173] ва чанде дигар низ тараннуми баҳору Наврӯз бо ҷилоҳои ишқу ҷавонӣ ва бо тамоми нозукиву таровати худ васф шудааст. Дар ин ҷо бо овардани як намуна аз ғазали Ҷаъфар иктифо мекунем:

Офтоб омаду дар қалби ту шуд ҷо, шабнам!
Ғунча бикшод лаб аз баҳри тасанно, шабнам!
Сабзпӯшони чаман бо ҳама он раъноӣ
Бар самимияти шаффофи ту шайдо, шабнам!
То саҳар ишқ ба ҳар ташнаҷигар варзидӣ,
Ҳиммату ҳаст туро, нест ба дарё, шабнам!
Эй саропо ҳама покизагию маъсумӣ,
Қатрае, лек нагунҷида ба дунё, шабнам!
Баски дар базми назар якшаба меҳмон будӣ,
То саҳар чашм накандӣ зи тамошо, шабнам!
Дурри дилсӯхтагонӣ, ки зи чашм афтодӣ,
Ҷаъфарӣ, ҳалқае дар гӯши сурайё, шабнам! [2.89; 117],

Дар шеъри Паймон низ ин мавзӯъ беназир мунъакис шудааст. "Наврӯзӣ" ва "Баҳория"-ҳои Паймон низ аз ғазалҳои Ҷаъфар монданӣ надорад:

Наврӯз ҷаҳонӣ шуд, то бод чунин бодо!
Ҷашни ҳамагонӣ шуд, то бод чунин бодо!
Ин суннати неки Ҷам, бар халқи ҳама олам,
Навбоваи сонӣ шуд, то бод чунин бодо!
Оне, ки фаромӯш буд, дар хонаи худ хуш буд,
Маншуру забонӣ шуд, то бод чунин бодо!

Соҳибсухано, имрӯз, андар сифати Наврӯз,
Паймон натавонӣ шуд, то бод чунин бодо! (саҳ. 37).

Ё худ:

Бар ҷумла қариби ҳам, Наврӯз муборак бод!
Бар кулли ҳарифон ҳам, Наврӯз муборак бод!
Бо он, к-аҷамзодаст, аз одамӣ obод аст,
Яъне ба бани одам, Наврӯз муборак бод!
Бо нӯши ҳаёт омад, бо ҷӯши набот омад,
Ойини беҳини Ҷам – Наврӯз муборак бод!
Шуд навбати дай охир, бо даҳшати вай охир,
Волист баҳор ин дам, Наврӯз муборак бод!
Бар аҳли ҷаҳон Паймон, гӯем зи ҷон алъон
Ай тоҷи сари олам, Наврӯз муборак бод! (саҳ. 47).

Ва ё:

Расид Фарвадини ман, баҳор шуд, баҳор шуд,
Масеҳи ростини ман, баҳор шуд, баҳор шуд.
Фузуд аз ҷамоли худ, зи ғояти камоли худ,
Ясори ман, ямини ман, баҳор шуд, баҳор шуд.
Гулу гиёҳи орзу ба рангу накҳати наку
Дамид дар замини ман, баҳор шуд, баҳор шуд.
Ба хони сабзи ёлаҳо, кашид ҷоми лолаҳо,
Амини вақту ҳини ман, баҳор шуд, баҳор шуд.
Нишоту шодмонӣ бурд, амонӣ бурд, амонӣ бурд,
Дили каму ғамини ман, баҳор шуд, баҳор шуд.
Чу табъи оташини ман, расид ин гузини ман,
Рабуд офарини ман, баҳор шуд, баҳор шуд (саҳ. 55).

Ҳамчунин, ғазали:

Ай баҳори ноз, бар ҷонам, биё,
Муддаои ҷони пазмонам, биё.
Чумла доғам, ҷумла дардам, ҷумла заъф,
Марҳаму доруву дармонам, биё…
Меҳрубонам чун ту ку? Яъне туӣ,
Меҳтарини меҳрубононам, биё.

Ай баҳори ноз – баргу бори роз,
Ай худои табъи Паймонам, биё.

Агар бе байти тахаллус ва таъкиди муаллифони ғазалҳои боло онҳоро манзури табъҳои шеърфаҳми нозуке, ки аз ашъори Ҷаъфару Паймон хабар надоранд, намоем, аксар ин ғазалҳоро моли як нафар мепиндоранд. Ҳамонанди ғазалиёти Паймону Ҷаъфар, ки ҳар ду дар доираи адабии Тошканд шомиланд, дар ашъори дигар доираҳои адабӣ низ фаровонанд, ки барои намуна ду ғазали як тан аз намояндагони доираи адабии Самарқандро меорем. Ғазали Нормурод Каримзода “Наврӯз муборак бод!” назираи ғазали Ҷаъфар Муҳаммад аст:

Айёми баҳор омад, Наврӯз муборак бод!
Илҳоми ҳазор омад, Наврӯз муборак бод!
Кардем видоъ бо дай, нӯшед зи ҷоми май,
Шодӣ ба канор омад, Наврӯз муборак бод!...
Деҳқон, ки саҳархез аст, дар кор арақрез аст,
Меҳнат ба барор омад, Наврӯз муборак бод!
Андӯҳшикан моем, ошиқ ба чаман моем,
Ҳамдард қатор омад, Наврӯз муборак бод!
Сад шӯру шарар дар дил, обод шуд ин маҳфил,
Абёти қатор омад, Наврӯз муборак бод! [2.52; 9-10]

Ва ё мутаваҷҷеҳ мешавем ба ғазали “Меояд”-и Н.Каримзода:

Баҳори нозанин бар мулки мо шодона меояд,
Ба гирди шамъи Наврӯзи Аҷам парвона меояд.
Гуҳар меборад аз чашми фалак бар домани ҳастӣ,
Сафову ризқу сарсабзӣ ба ҳар як хона меояд.
Нигори гулбасар дорад ҷаҳони нозу истиғно,
Ба сӯи мо ба сад лутфу карам мастона меояд.
Шараф бар соқии хушмаслаки даврони истиқлол,
Ки май дар соғари иқболу бас мардона мояд.
Ба ҳар боғу чаман сайре кунам бо дидаи ҳайрат,
Ба гӯшам савти хуш аз олами афсона меояд[2.52; 59]

Аз мавзӯъҳои наврӯзӣ ва баҳория мавзӯи дигаре дар ашъори шоироне, ки зикрашон дар боло рафт, таровиш мекунад, ки он табиату муҳит ва ҳифзи он мебошад. Ба дунёи рангини шеъри Ҷаъфар ғӯтавар мешавем... Ба ибораи Ҳабиб Сафарзода: “Ҷаъфар худро дар зоти табиат маҳв намуда, ва дар натиҷа

дар шеъри ӯ тасвири сурралисмӣ аз табиат ба вуҷуд меояд. Ин гуна тасовир шеъри ӯро низ тозаву шуниданӣ намудааст” [2.61;40]. Ҷанбаҳои табиии шеъри Ҷаъфар бо ақидаҳои фалсафӣ-ирфонӣ ва иҷтимоии ӯ омезиш ёфтааст. Ва дар навбати худ ин ҳама ҷанбаҳо атрофи ишқи Ҷаъфар мечарханд. Шеърҳои “Яшти лола”, “Рангҳо”, “Тулӯъи сабзи ранг”, “Ҳанӯз ишқ ҳаст...”, “Ман, моҳӣ, моҳ...”, “Шаҳри Сабзи Ишқ”, Силсиларубоиҳои “Ғелоннома”, “Фосила то нофи замин” ва монанди инҳо аз ин қабил шеърҳоянд. Албатта барои омезиш додани ишқ бо табиату муҳит ва ақоиди ҷомеъа дониши зиёд, фарҳанги воло ва ҷаҳонбинии амиқ лозим аст ва хушбахтона Ҷаъфар аз ин хусусиятҳо бархурдор аст. Илова бар ин Худованд ба ӯ табъи нозук ва равон низ додааст. Азамату ҳамагири шеъри Ҷаъфар низ дар ҳамин аст. Яъне ба хотири бархурдорӣ аз фарҳангу ҳунари шоирӣ Ҷаъфар имконият ёфт, ки дар ҳама гуна жанр ва шаклҳои шеърӣ даст ёбад ва комёб шавад.

Ғазалҳои “Гар ба гулгашти ғамаш дар хок биспорад маро” [2.89; 134], “Як гул ба чаман, ёраб, нагсаста надидам ҳеҷ” [2.89; 125], “Гули хуршед агар аз дидаи намноки мо рӯяд” [2.89; 146], “Ба шеъри ноб” [2.92; 58], “Моҳтобамро...” [2.92;64], “Аввали Фарвадин” [2.92;86] ва чанде дигар пурра ё қисман ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд.

Тасвиру тавсифи ишқ ва ҳолоти ошиқ дар ғазалиёти шоирони ин давра гарму самимӣ садо додааст. Ҷаъфар Муҳаммад мегӯяд:

Эй шеъри баргузидаи дил: Ишқ. Ишқ. Ишқ.
Зеботарин қасидаи дил: Ишқ. Ишқ. Ишқ.
Эй себи сурхи пухтаи эҳсосу отифа,
Эй ҳосили начидаи дил: Ишқ. Ишқ. Ишқ...

Бе ишқу ошиқӣ эҷодиёти шоирони давраи истиқлол ҳеҷ аст. Яъне ишқ мавзӯи асосӣ ва марказии ғазалиёти онҳоро ташкил мекунад. Дигар мавзӯъҳое, ки дар фаслҳои пешин дидем ва дар бахшҳои оянда хоҳем дид, перомуни ин мавзӯъ, яъне ишқ чархидаанд.

Чунончи, Ҷаъфар Муҳаммад худ як марди ошиқ аст: ошиқи ишқ, ошиқи зиндагӣ, ошиқи Худованд ва кулли офаридаҳои вай. Ӯ дар ҷодаи ишқ доимо устувор аст. Ишқи ӯ ду паҳлӯ дорад: ҳаётӣ ва маънавӣ. Аксар маврид ин ду паҳлӯ дар шеъри шоир ба ҳам меояд. Ағлаб ғазалиёти ӯро хос мавзӯъи ишқ ташкил мекунад.

Шеърҳои “Дар водии талаб”, “То Ту наёмадӣ”, “Бар шонаи кафтарҳо”, “Як дил захира”, “Эй мисгарон”, “Ҳаяҷон меояд”, “Ёр кучову ишқи ман”, “Аз дилам”, “Ҷозибаи ҷаҳонӣ” ва монанди инҳо аз ин қабиланд.

Дар ғазали “То Ту наомадӣ” як навъ оҳангҳои румиёна ҳис мешавад ва метавон гуфт, ки Ҷаъфар низ солҳо дар ҷустуҷӯи “Шамс”-и худ будаву ӯро дарёб карда:

Афсона сар нашуд, то Ту наёмадӣ,
Шоме саҳар нашуд, то Ту наёмадӣ.
Як мурғи орзӯ дар шохсори Ишқ,
Хушболу пар нашуд, то Ту наёмадӣ.
Дар батни хум накард як хӯша инқилоб,
Як най шакар нашуд, то Ту наёмадӣ.
Дар хушксоли рӯҳ, эй абри отифа,
Як шеър тар нашуд, то Ту наёмадӣ!

Вақте кас ғазали зерро мутолиа менамояд, гумон мекунад, ки шоир ошиқи ишқи ҳақиқисту шефтаи илоҳӣ ва алайҳи ошиқони маҷозиву шефтагони хомакӣ мубориза мебарад. Аз ин рӯ беистиҳола гуфта метавонем, ки Ҷаъфар аз нафаронест, ки ишқи ҳақиқӣ дорад ва онҳоеро, ки ишқро воситаи девону ашъор ва дарёфти эътибор мекунанд, дар шеъри “Эй мисгарон”-аш сахт маҳкуму мазаммат мекунад:

Лабрези ишқ сина кучову шумо куҷо?
Аз шеър як сафина кучову шумо куҷо?
Ҳоҷитарошакони мунофиқ, инон кашед:
Макка куҷо, Мадина кучову шумо куҷо?
Эй хонашерҳои ғариб дар набардгоҳ,
Канъон куҷо, Афина кучову шумо куҷо?
Бар мис тило кашида ба бозор мебаред,
Эй мисгарон! Камина кучову шумо куҷо?

Саропои ашъори Ҷаъфар аз ин гуна оҳангҳо пуранд. Кас ғазалҳои зеринро хонда беихтиёр ба андешае фурӯ меравад, ки дар ин дунёи навин барои Ҷаъфари ошиқ ишқ аз Мавлавиву Адиб Собир ба мерос мондааст:

Ишқ, бо шеваи пире ҳамадон меояд,
Ба Бухорои дилам аз Ҳамадон меояд.

Аз паси пардаи ғайбе, ки бунафшолуд аст,
Хона норӯфтаему ҳаяҷон меояд...

Ё:

Руҳ куҷову тан куҷо? Ёр куҷову ишқи ман?
Ишқ куҷову ман куҷо? Ёр куҷову ишқи ман?
Шом куҷо, саҳар куҷо? Шамъ куҷо, қамар куҷо?
Дашт куҷо, даман куҷо? Ёр куҷову ишқи ман?..

Ва ё:

Дард рафту ман, ки беморам ҳанӯз,
Шаҳр хуфту ман, ки бедорам ҳанӯз.
Солҳо бар ишқ ошиқ будаам,
Ошиқи ишқе ситамгорам ҳанӯз...

Ё худ:

Ишқ меояд худодод аз дилам,
Ҳамчу шеъри сода озод аз дилам.
Пир гардидам, вале ором нест,
Дарду доғу доду бедод аз дилам!..

Ҳамчунин:

Эй чашмаи ҷовидонии Ишқ,
Аз Туст ҳама ҷавонии Ишқ...
Ҷаъфар бинишаст бо тавозӯъ,
Дар маҳфили шеърхонии Ишқ.

Дар хусуси ашъори ошиқонаи шоир олими шарқшинос Шокирҷон Олимов чунин суханонро лоиқ донистааст:

"Ишқ инсон ҳаётининг моҳияти, мазмуни ва гӯзаллигидир. Инсон нимагадир ишқ ҳиссини туйганида, ошиқ бӯлганида, нимагадир ошиққанидагина ҳаёт давом этади, ҳаётнинг гӯзаллиги ҳис этилади. Жаъфар Муҳаммад эса шаксиз Ишқ шоири, Ошиқ шоир, Ишқ ошиғидир. Шундай экан унга ишқдан дарс бериш ноӯрин туюлади. Зеро унинг қалбидаги ана шу ишқ уни "ғазал ӯрмонидаги овчи" га айлантирган:

Эй навқалам, зи ишқ ёдам мадеҳ, ки ман
Дар илми ошиқий устод будаам.
Қасдам набуда гар дар дарраҳо ғизол,
Дар бешаи ғазал сайёд будаам".

Мавзӯи Ватан, васфу ситоиш ва тасвири он дар ҳама давру замон диққати ҳамагон, хоса адибонро ба худ ҷалб намудааст. Ватан чист ва чаро то ин дараҷа диққати ҳама ба он нигаронида шудааст? Ба ин савол беҳтарин посухро аз китоби Ю.Акбаров метавон дарёфт:

“Ватан модари меҳрубон, ғамхору навозишкор аст ва агар модари аслӣ моро тавлид кардаю бо шири сафед парвариш, нахустин, ҳарфу ҳиҷои забонро ёд додаю порав карда, аслу насабамонро ба мо шиносонидаю нахустин сифатҳои неки одамиро омӯзонида бошад, пас Ватан ба сарамон дасти тавонои навозишкорашро гузошта, моро аз ҷамеи офатҳо, аз ҳама гуна ҳамлаю таҷовузи аҷнабӣ эмин дошта, дар зери болҳои азимаш паноҳонида одамтар ва ба сифати фарди ҷамъиятӣ ва гражданӣ суботкор тарбия мекунад. Таърих гувоҳ аст, ки дар замоиҳои дур аз асари ҳуҷуму лашкаркашиҳои ғоратгаронаи Искандару Чингизу ... ва дигарон кишвари мо ба вайрона табдил ёфта, хоку туроб шуда буд ва аз пистони модарон ба ҷои шири сафед ва аз чашмонашон ба ҷои ашк хуни сурх мерехт, тифлони нозпарвару маъсумашон аз гуруснагӣ ҷон медоданд. Агар ватан орому осудаю дар саросари он сулҳу салоҳ, амну амонӣ ҳукмрон бошад, нозу неъмат фаровону модарон осудаю ором фарзандонашонро парвариш ва тарбия мекунанд. Аз ин ҷост, ки ватанро ҳампояю ҳамрадифи модар медонанд ва бо ифтихори тамом мегӯянд: «Модар – Ватан», «Ватан модари мушфиқ ва навозишкор аст» ва ғайра” [2.11;9-10].

Образҳои Самарқанду Бухоро дар шеъри Ҷаъфар хеле барҷаста ба қалам дода шудааст. Ватани Ҷаъфари Муҳаммадро наметавон бе ин ду шаҳри бостонӣ тасаввур намуд.

Аз он соат, ки барпоӣ, Бухоро,
Шарифӣ, дар дили моӣ, Бухоро!
Зи ҳар як ҳарфи номат вазн рӯяд,
Ту шеъри, шеъри шевои, Бухоро! [2.90;35]

Ё худ дар ғазали ”Дар Бухоро” абадияту азалияти ин шаҳри бостонӣ ва аз шаҳрҳои назаркарда будани он тасвироти хубе ба қалам рафтааст:

Мабдаи нур аст руйи хайрхоҳон дар Бухоро,
Машриқи меҳр аст чашми хушнигоҳон дар Бухоро.

Дар Лаби Ҳавзи муҳаббат ҷони ошиқпешагонаш,

Сабз мегардад баҳорон бо гиёҳон дар Бухоро[2.90;96].

Шоир гарчи дар ғазали зеринаш шаҳрҳои гуногуни Ватани азизу муқаддассамонро тасвир намуда, доимо дар замири қалбаш ва ёди ёдаш деҳаи азизаш ҷилвагар аст:

Шеъри шаҳрӣ гуфтам, аммо бӯйи деҳ омад зи шеърам,

Атри мӯйи духтари хушрӯйи деҳ омад зи шеърам.

Хостам, ҷорӣ шавад эҳсоси ман аз лӯлаҳо лек,

Печу тоби мавҷҳои ҷӯйи деҳ омад зи шеърам[2.90;80].

Дар ғазали "Шаҳри Сабзи ишқ" шоир мавзӯъҳои Ватан, Ишқ ва тасвири манзараҳои табиату нахустрӯзи моҳи Фарвардинро ба ҳам омезиш додааст:

Ба хуни сабзи вожаҳо қасам, ки навбаҳор шуд,

Ба хуни вожае, ки зери мақдамаш нисор шуд.

Тамоми шаҳр сабз шуд, вуҷуд Шаҳрисабз шуд,

Замини Уммукуҳи дил диёри ёди ёр шуд.

Ту аз куҷои Каҳкашон расидӣ, ишқи навҷавон?

Ки бо нигоҳи сабзи Ту кавир сабзазор шуд!

Қасам ба Шаҳри Сабзи Ишқ, ёри монда дар Димишқ,

Дилам кашол мешавад: чи ҳол шуд, чи кор шуд?

Саломи гарму оташин расонд атри Фарвадин,

Ки рафт ақл, рафт дин, баҳор шуд, баҳор шуд[2.90;88]

Илова бар ғазалҳои зебо шоир ин мавзӯъро дар дигар шаклҳои шеърӣ низ инъикос намудааст. Дар шеъри "Пайғоме аз Бойсун" шоир таъкид карданист, ки ёду бӯи Бойсуни азизашро ҳар ҷо, ки биравад, бо худ мебарад, ва рӯҳи ниёгон дар шаҳрҳои азим имдодгари ӯянд. Дар ин шеър гунае аз муносибати рӯҳонии байни Тошканду Бойсун пинҳон аст.

Шеъри Ҷаъфар инъикоскунандаи дарди дили ҳама қабату аъзои ҷамъияти мо мебошад. Адиб ва рӯзноманигори номӣ Нуралӣ Раҷаб оиди ин гуна ашъори шоир чунин мегӯяд:

"Одамӣ ҳеҷ гоҳ дар як авзову ҳолат нағунҷад. Гоҳ ғамгин, гоҳ хушнуд, гоҳ шӯридадил. Шеърро мехониву андеша мекунӣ, ки онро шоир маҳз дар бораи тақдири ту, сарнавишти ту нигошта бошад.

Худшиносӣ дар шеърҳои шоир хеле баланд ва дарднок садо медиҳад, вале сад афсус, ки дар ин қарни сардаргумиҳо гӯши суханшунав ангуштшумор аст. Гоҳо ҳамин қабил шеърҳои ӯро мехониву бо дили пурдард

аз қисмати талху шӯри ҳамзабонат беихтиёр гиря мекунӣ. Шоир ҳамзамон гӯшзад мекунад, ки мо ҳақиқати талхро бояд бидонем, аз он панд гирем, дубора мисли ниёгони хеш дар чунин роҳҳои бунбасти таърих саргум назанем” [Ховар, 1–15 апрели соли 2012, саҳ. 8].

Дар як қатор ғазалҳои шоир ин мавзӯъ бо ишқ омезиш ёфтааст:

Эй руд, ҷовидона чаро гиря мекунӣ,
Аз Рӯдакӣ нишона чаро гиря мекунӣ...
Устоди Ҷаъфар, эй ғазаломӯзи беғубор,
Дар сина тоҷикона чаро гиря мекунӣ?

Чуноне ки дар боло зикр кардем, дар эҷодиёти шоир ғазалҳои дорои маъниҳои худшиносӣ хеле зиёданд. Дарди шоир, оҳи шоир дар ин гуна шеърҳо гуиё кӯҳро метарконад, вале дар шеърҳои дигар ӯ боз хонандаро ба кӯҳи умедҳо, ба сайри баҳори орзуҳо мебарад. Ин маъниву мазмун дар ғазали зерин, ки аз ғазалҳои татаббӯъии бар ғазалиёти устод Лоиқ аст, ба гӯш форам мерасад:

Дарди мо рӯзе ба дармон мерасад,
Ҷони мо рӯзе ба ҷонон мерасад.
Домани мақсуд меояд ба даст,
Доди мо бар шоҳи хубон мерасад.
Чашми бахти хоби мо дар чашми мо,
Мешавад бедору хандон мерасад.
Нози мо бар нозбардорони аҳл,
Рози мо бар роздорон мерасад.
Он нигине, ки рабуда Аҳриман,
Боз бар дасти Сулаймон мерасад.
Баҳри назми қавми бесомони мо,
Ворисе аз Оли Сомон мерасад.

Тасвироти Ҷаъфар то дараҷае ба дили хонанда, хоса шоирони муосир маскан кардааст, ки хонандаи ҳам шеърдӯсту ҳам шоир беихтиёр мехоҳад чун шоири мо шеър гӯяд. Дар натиҷа садҳо ҷавобияву назира ва тазминҳо бар ғазалиёти ӯ аз даричаи эҳсосоти онҳо берун омадааст, ки бо овардани яке аз онҳо иктифо менамоем: Шоири ангрени Абдулқаюми Ҳасанзод, ки бо тахаллуси Аёнӣ шеър мегӯяд, чунин як ғазали зебое офаридааст:

*Дарди мо рӯзе ба дармон мерасад,*
*Ҷони мо рӯзе ба ҷонон мерасад.*

... Умри мо андар фиреби зиндагӣ,
Дӯстон, рӯзе ба поён мерасад.

Меҳрубонӣ мурғи анқо шуд магар?
Не мадад аз ҳамдиёрон мерасад.

Бе Ватан, бе болу пар шоир куҷост?
Кай насими навбаҳорон мерасад?

Эй Аёнӣ, хоксоронем мо,
Лек шоме ҳам ба поён мерасад.

Медамад субҳи умеди зиндагӣ,
"Ворисе аз Оли Сомон мерасад"[2.67;36].

Шоир дар шеъри "Зиндагӣ ва бандагӣ" аз оғоз пеши мо суолпораҳое мениҳад ва моро водор месозад, ки ба ин суолҳо ҷавоб гӯем. Дар бандҳои дигар шоир ба чунин саволпораҳои хеш оқилона ва шоирона ҷавоб мегӯяд. Пас аз мутолиаи ин шеър хонанда огоҳӣ меёбад, ки одамон баҳри чӣ зиндагӣ мекунанд, мақсад аз зиндагӣ чист, ё бандагӣ шарт аст, ҷавоб меёбанд. Хонанда ба андешаҳо мемонад ва агар дар ойинномаи ҳаёт ба хатогиҳое даст зада бошад, паси ислоҳи он такопӯ хоҳад кард. Ин шеър аз рӯи маънӣ ғазали "Бандагӣ даркор нест"-и Устод Лоҳутиро ҳамемонад. Вале шаклан аз он фарқ мекунад. Агар шеъри Лоҳутӣ дар қолаби шеъри суннатӣ – ғазал навишта шуда бошад, пас шеъри Ҷаъфар дар шакли шеъри модерн аст.

Дарду ранҷи худшиносӣ ба қаҳрамони лирикии шоири мо ҳаловат ва лаззати ватандорӣ мебахшад. Дар ин ҳол қаҳрамони лирикии шоир одами ин замон – муосири мост, ки бо паёми ошиқона ва орифона зуҳур кардааст. Ва дар ҳамин гуна шеърҳо Ҷаъфар бо таъйид ва таъкиди маънавиёти ирфони роҳро то кӯйи Адолат ва Одамият, то ба шаҳри нуру сафою осоиш барои хонандаи имрӯз кӯтоҳ мекунад. Ва дар ин боб назараш нав, андешаааш тоза ва гуфтаҳош ба гуфтаҳои касе монанд намешавад.

# БОБИ СЕЮМ.
# СУННАТГАРОӢ ВА СУННАТШИКАНИИ ШОИРОНИ ҒАЗАЛСАРО
## (масъалаҳои балоғати тасвир ва вазну қофия)

Шоирон умуман чанд тарзи ифодаи сухан доранд. Гурӯҳе сухан аз чизе, воқиае, ҳолате мегӯянд, барои ҳамин ин шоирон ба достонсароӣ бештар моиланд; гурӯҳи дигари шоирон матлабу мақсад ва бархе масъалаҳои маъмули зиндагиро бо камоли ҳунару сухани манзум мароми асосии эҷодии худ медонанд. Агар Лоиқи бузург шоири муҳокима бошад,.. Абдулло Субҳон ба тарзи сухангӯии хеш ба ҳеҷ кадом аз шоирони муосир монандие надорад.

Намедонам, ин ҷо ягон монандие байни шоирон бояд бошад ва ин то ҳол барои камина торик аст. Шоир мехоҳад худро дар олами шоиронае таҷассум созад, яъне шеъри ў воситаи ифодаи ҳолати шоиронаи ўст. Бино ин сўзу сози шахсию қалбӣ, дунёи дил мабдаи тавлиди нақши рўҳию қалбии эҷоди вай аст.

Ҳангоме ки шеъҳои Абдулло Субҳонро бомулоҳизатар мехонем, шоирро дар ҳолатҳои мухталифи рўҳи завқи худ – офаридани образҳо дарёфт мекунем, ки ин аз усулҳои мураккабтарини тарзи тасвир ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки ин тарзи тасвир нахуст ба шахсияти шоир равобити қавие дорад ва густариши эҷодиёти ў тобеъ ба тарзи зиндагии ў вобастагӣ дорад. Одатан аз рўи як маҷмўъаи шоир ба як хулосаи муайян омадан ҳеҷ гоҳ мумкин нест, ҳатто барои ин зарурат низ нест. Чашм медорем ба мисраъҳои:

“Ў низ аз ҳусну ҷамоли духтарони рашки дунё сер”,

“Мошу биринҷи мўйҳои қиблагоҳаш пеши чашм оянд” [2.1;42].

Ё:

“Сари гулро набурем,

Дили гил пора шавад.

...Саҳарӣ бўи Худоро шунидам аз боғе,

Ки пур аз савсану садбаргу гули раъно буд...” [2.1;44].

Назар афканед ба ибораороии шоир: “духтарони рашки дунё”, “мўйҳои қиблагоҳ”, “дили гил”, “бўи Худоро шунидан”. Инчунин ибораороиҳо аз бисёр нозукхаёлии ў дарак медиҳанд, яъне шоир биниши хоси худро дорад. Инчунин тасвирҳои ҳаммонанду каммонанд дар дигар шоирон низ ба мушоҳида мерасанд. Бавижа ин нигоҳи жарфи шоириро дар эҷодиёти Лоиқу Бозор ва чанд тани дигар мебинем. Аз шоирони эронӣ дар баробари Нодирпур ва чанд нафари дигаре, хусусан дар ашъори Сўҳроби Сипеҳрӣ, мушоҳида мекунем, ки ин бесабаб нест.

Солҳои охир бо кўшишу эҳтимоми гурўҳи олимони адабиётшиноси кишвар дастрас гардидани ашъори шоирони ҳамзабон муяссар гардид, ки ин бешубҳа ба густариши фарҳангу шеъру шоирӣ саҳми арзандаест. Мисоле аз Сўҳроби Сипеҳрӣ:

... Медонам, сабзаеро биканам, хоҳам мурд.

Меравам боло то авҷ, ман пур аз болу парам

Роҳ мебинам дар зулмат, ман пур аз фонусам.

Ман пур аз нураму шан

Ва пур аз дору дарахт... [2.48;73].

Абдулло Субҳон дар эҷоди дубайтӣ низ таҷрибаи бой дорад ва бо ин намуди шеърӣ ба муваффақиятҳо ноил гаштааст:

Агар моро надорӣ чашми дидан,
Ва ё ки тоқату тоби шунидан,
Бубин худрову бишнав хештанро,
Ки дар худ ёбӣ пайғоми расидан.

Ва боз:

Чаро оқил дар ин дунё забун аст,
Дарахти орзуяш сарнагун аст?
Хӯрад ҷоҳил май аз хумхонаи давр,
Вале пур ҷоми оқил з-ашку хун аст (саҳ. 63).

Гузориши масъала хеле аъло аст ва ин ипорвизатсияи шоир “дарахти орзуяш сарнагун” – яъне образи тамсилии мушаххаси шоир ҷолиби таваҷҷӯҳ аст ва акнун мебояд ба ин пурсиши фалсафии хеш – “Чаро оқил дар ин дунё забун аст?” посух ҷуст, ҳамагон мунтазири посухи оличаноби шоиранд, вале афсӯс “Хӯрад ҷоҳил май аз хумхонаи давр” гуфтани шоир на посух ба ин гузориш ҳасту на анҷоми мантиқии шеър.

Дар сари ин гуфтугӯ бояд хотирнишон кард, ки дар ашъори Абдулло Субҳон бисёр  ғазалҳои тозае ҳастанд ва итминон дорем, ба мухлисони шеъру шоирӣ писанд хоҳанд омад. Ба ин чанд аз ғазалҳои шоир, ки мазмунҳои баланду воло доранд, мисол шуда метавонат. Аз ҷумла ғазали “Ба профессор Ш.Шукуров” ва “Ҳар толибе ба сидқ харидори ишқ нест” аз лиҳози банду баст, мундариҷа, шакл ва тарзи услуб аз маҳорати баланди шоирии Абдулло Субҳон дарак хоҳад дод.

Чизи дигаре, ки моро шод мегардонад, бохабарии шоир аз илми арӯз, илми балоғат ва мукаммал мусаллаҳ будан ба ҳунари суханварӣ мебошад. Саҳве оиди вазни шеър дар ғазалҳои ӯ дида намешавад. Барои мо ду ғазали шоир, ки дар баҳри **музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф** иншо шудаанд, хеле писанд омад. Дар ин вазн, ки нақшааш **мафъӯлу, фо(ъ)илоту, мафо(ъ)$^{o}$лу, фо(ъ)илун - -v/-v-v/v- -v/-v-** аст, Ҳофизи ширинкалом низ ғазалҳои зиёде гуфтааст:

Дӯш огаҳӣ зи ёри сафаркарда дод бод,
Ман низ дил ба бод диҳам, ҳарчи бод, бод...

Ё:

Мо озмудаем дар ин шаҳр бахти хеш,
Берун кашид бояд аз ин варта рахти хеш...

Бояд гуфт, ки на ҳамаи шоирони муосири мо дар ин вазн дар ин вазн бенуқсон шеър иншо менамоянд. Гоҳ-гоҳ дар рўзномаву маҷаллаҳои гузаштаву имрўз ғазалҳое ёфтан мумкин аст, ки маҳз дар ҳамин вазн ба саҳв роҳ додаанд. Нозукии бағоят муҳими вазни мазкурро бархе шоирони муосири мо чуқур дарк накардаанд. Вале Абдулло Субҳон дар ин вазн бо камоли илҳом ва шеърфаҳмии том ғазал гуфтааст:

Ҳар толибе ба сидқ харидори ишқ нест,
Бар дўши ҳар ки дил бихўрад, бори ишқ нест...
... Дори баланд лоиқи сарҳои саркаш аст,
Аз баҳри мо баландтар аз дори ишқ нест[2.1;60]..

Ё:

Як гом дуртар зи адам зиндаем мо,
Дар ҷодаҳои сабзи қалам зиндаем мо...
... Бегона нестем дар ин сарзамини пок,
Дар порае зи хоки Аҷам зиндаем мо[2.1;62].

Бархе ақида доранд, ки гўё шеъри имрўз хонанда надорад. Ин ақида тамоман ғалат аст ва ба бахти мо хонандаи тоҷик шеъру шоириро дўст ва аз таи дил парастиш дорад.

Дар ҳар сурат тавассути таҳлили боло тавонистем, каме бошад ҳам, ба ҷаҳони шоиронаи Абдулло Субҳон ворид шавем ва бояд пазируфт, ки агар жарфтар бингарем, дармеёбем, ки саҳми арзандаи Абдулло Субҳон дар густариши адабиёти форсизабонони дунё ниҳоят калон аст.

Дар ғазалиёти Паймон низ маҳорати баланди забондонӣ ва шоирии ў ҳувайдо шудааст. Ибораоронии шоир низ аз маҳорати баланди ӯ дарак медиҳад, ки мо дар зер мисолашро хоҳем овард:

**Завраqи умед, авранги сангин, ҳусни анҷом, рахши армон, аспи ҳиммат, сипоҳи дай, шоҳини далер, ҷаҳони фандпайванд, шохи вафо, тирамоҳи пирӣ, савор аст марги ман, ҳабиби саркаш, бо мижжа хок рӯфтан, шомро ба субҳ кашидан, хуми айём, аз кӯҳи Ватан ғурур омӯхтан, подаи ғам, санги ғам** ва ғайраҳо.

Паймон услуби дигари назаррасе дорад, ки ба шакли шеърияти ӯ вобастагӣ дошта, дар шоирони дигар камтар ба назар мерасад, ин нигориши матлаъи шеър, яъне ба ҳусни матлаъ таваҷҷӯҳи хоса доштани шоир аст:

Қадамгаҳи хаёлҳои ман,
Ватан!

Қаламраҳи мақолҳои ман,
Ватан!
Намозгоҳи меҳр бастаам,
Ватан!
Ниёзгоҳи ҷони хастаам,
Ватан!.. [2.54;8].

Ин шеър гарчанде дар қолаби маснавӣ гуфта шудааст, дар мазмун як ғазали зебоест, ки ҳар байти он шоҳбайти як ғазал буда дар якҷоягӣ як асари бузургеро ҳамемонад.

Ба матлаъи ғазалҳои дигар чашм меандозем:

Ҳар он чи гуфта шуд, бо шунуфтан намесазад,
Ҳар он чи шунуфтанд, ба гуфтан намесазад (саҳ. 50).

Ҳама роҳро бихоҳам, ки раҳи мурод бошад,
Ҳама одамӣ дар ин роҳи умед шод бошад (саҳ. 53).

Ба рухат қасам, ба ҷуз рӯи ту чашми ман набинад,
Зи ҳазор сӯи ҷуз сӯи ту чашми ман набинад (саҳ. 57).

Ва чунин ҳолат дар бисёр дубайтиҳои ӯ низ ба чашм мехуранд, ки инро дар илми бадеъ **санъати тарсеъ** низ меноманд:

Дилам тарсад, агар бо ман набошӣ,
Чу мӯ ларзад, агар бо ман набошӣ (саҳ. 201).

Марав аз ман, марав аз ман, гули ман,
Марав аз тан, марав аз тан, дили ман (саҳ. 200).

Чаманро накҳат ар набшад, чаман чист?
Суханро ҳикмат ар набшад, сухан чист? (саҳ. 194).

Истифодаи санъати **ирсолу масал** дар эҷодиёти Паймон афзалият дошта, боиси тазйини камоли ӯ гардидааст. Шоир дар мисраъи аввали байт фикреро ифода намуда, сипас дар мисраъи сонӣ онро бо мисолҳо тақвият медиҳад, яъне мисраъи нахуст чун гузориш тасдиқ ва мисраъи дуввум тавсияву густариши мисраъи аввал қарор мегирад:

Ҳар нукта намесазад ба гуфтан,
Бепарда шавад аз шукуфтан (саҳ. 81).

Фирдавсӣ ку, ки Рустами дигар бупарварад?
Кас пуштбони одамӣ бепуштбон нашуд (саҳ. 54).

Оҳан, ки сангхӯрдаву тосид, бегумон
Бар кӯра носазост, ба тафтан намесазад.

ва дар мақтаъ:

Паймон аз ину он набарад ину он, зи бас
Ҳар мусҳафе ба нусха гирифтан намесазад (саҳ. 50).

Пайдо набувад гавҳари арзандатар аз ишқ,
Ганҷи абаду давлати пояндатар аз ишқ (саҳ. 69).

Доираи истифодаи вазнҳои шеър низ шаҳодат бар он аст, Паймон аз нозукиҳои илми арӯз бохабар аст ва чанд ғазалҳои ӯ аз ҷумла:

“Ҳар он чи гуфта шуд, ба шунуфтан намесазад” (саҳ. 50);
“Тарсам ту то ба ман нарасиву аҷал расад” (саҳ. 51);
“Афсӯс, он чи хостаам, дар ҷаҳон нашуд” (саҳ. 54);

“Бар ман дареғ бод равам дил наёфта”;
“Тарсам, ки бехабар шаваму аз барам равӣ” (саҳ. 92)

ва шеърҳои “Меҳр”, “Синтоб” дар баҳри **Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуфу гоҳе мақсур** эҷод шудаанд, ки дар ашъори шоирони намоёни муосири форсу тоҷик басо маҳдуданд ва аз назари рисоланависони маъруфи ин илм истифодаи ин вазнҳо мӯътабар дониста шудаанд. На ҳар шоир метавонад дар ин ду намуди вазн (дигаре баҳри **рамали мусаммани машкул**ро дар назар дорем) мукаммал шеърҳо биофаранд.

Мавзӯи модар аз мавзӯъҳои абадию ҷовидонии адабиёту санъат мебошад. Дар ин ҷода аксар шоирон маҳорату истеъдоди хешро дар тасвири модар имтиҳон намудаанд, аз ин рӯ, дар ин боб асари навин офаридан ва сазовори баҳои хуби хонанда шудан кори саҳл нест.

Гарон афтад маро ҳар меҳрубонӣ, к-ояд аз ёрон,
Куҷоӣ? Меҳрубониҳои арзони ту мехоҳам.

Ҳавои боди атромези қасри дигаронам нест,

Ҳавову боди гардолуди айвони ту мехоҳам.

ва поёнтар:

Ҳама ҷоизаи давру мукофоти замонамро.

Ба авфи як гуноҳам аз ту қуробони ту мехоҳам (саҳ. 76)

Ин байтҳои боло, ки овардем, шаҳодати онанд, ки кӯшишҳои ӯ дар ситоиши модар бе натиҷа намондаанд ва байти "Ҳавои боди атромези қасри дигаронам нест, Ҳавову боди гардолуди айвони ту мехоҳам"- гуфтани шоир чизи навест дар ситоиши модар.

Ба назари мо дар ин садаи навин қадре дақиқтар роҷеъ ба Паймон (оиди ашъораш) изҳори назар нашудааст, то ки мақоми ӯро дар миёни шоирони форсигӯи кишвари Ӯзбекистон дар арсаи шеъру шоирӣ муайян намояд, бино бар ин ногузир бо он нукта мерасем, ки имрӯз ба қадри имкон мақоми ӯро дар дунёи шоирони на фақат форсигӯи кишвари Ӯзбекистон, балки берун аз ин марз муайян намоем.

"Шинохтани истеъдод – истеъдоди нодиртар аст" гуфтаанд. Паймон дар шеърҳояш кӯшиш менамояд, ки симои инсони ҳақиқӣ, инсони соҳибистеъдодро биофарад. Истеъдод фақат насиби санъатварон нест, он на танҳо дар шеъру ҳунар таҷассум мегардад, балки зебо ошиқ будан, зебо сӯхтан, зебо зистан ва зебо аз дунё гузаштан ҳам истеъдод аст.

Паймон шоирест эҳсоси иҷтимоияш пурқувват ва дар шеърҳояш оҳангҳои иҷтимоӣ бо ҳиссиёти шахсии ӯ омехта, самимӣ ва пуртаъсир садо медиҳанд. Ашёи бархе шеърҳоро таассуроти шахсӣ, ҳиссиёти озмудаи шоир тартиб додаанд. Дар шеърҳое, ки бунёди онҳо бар таассурот озмудааст, қобилияти таъсирангезӣ пурзуртар мебошад ва бешубҳа вай бо ин таъсирангезӣ тавассути нишон додани умдатарин хусусияти таассурот ва ҷузъиёти мушаххаси мавзӯъ муваффақ шудааст, ки ин аллакай шаҳодати истеъдоду маҳорати шоирии ӯст.

Паймон аз ибтидо такроран ба мавзӯъҳои забонзад азм накарданро беҳтар медонад ва агар дар ягон шеъраш чунин ҳодиса рӯх дода бошад, ӯ албатта паҳлуҳои дигари ашё ва ҳодисаро ба тасвир кашиданро зарур медонад. Маълум аст, ки ҳар як инсон қисматашро ба Ватан мепайвандад ва ӯро аз ҷону дил дӯсташ медорад ва дилкандани хешро аз Ватан амри маҳол медонад ва ин албатта суханҳои умумӣ ҳастанду халос. Аммо он касе, ки

нахуст қадри зодгоҳашро дарк мекунад, албатта ба қадри Ватан ҳам хоҳад расид ва оғозгоҳи Ватанро бидуни зодгоҳаш тасаввур намекунад ва ҳар кас, ки ҳарчи шуд маҳз аз он хоҳад шуд. Ва шеъри шоир "Синтоби ман" далели ҳамин гуфтаҳои фавқ шуда метавонад:

Пуштибони ҳафт пушти асли ман, Синтоби ман,
Чур унсури ман андар як сухан, Синтоби ман ...
... Ҳусни оғоз аз ту бурдам, боли парвоз аз ту кош,
Ҳусни анҷомам диҳӣ - гӯру кафан, Синтоби ман ...

ва дар мақтаъ:

Ҳамчу андар сина дил бошӣ ту Паймонро азиз,
Ай аниси ман, Ватан андар Ватан, Синтоби ман.

Гузашта аз ин, ба фикру андешаи мо бархе ғазалҳои Паймон, гарчанде аз ҷиҳате қобили қабуланд, вале эшон то дараҷае аз образҳои тоза орӣ нестанд, лекин аз ҷиҳати истифодаи санъатҳои бадеӣ, ба вижа, **тарсеъ, тазод, ирсолу масал, талмеҳ, ҳусни матлаъ, ташбеҳ, истиора ва таносуби сухан,** ки асоси ҳамаи санъатҳои бадеист ва инчунин истифодаи **вазн** (баҳри Музореъи макфуфи маҳзуф, баҳри Рамали машкул), **қофия, радиф** ва бархе дигар талаботи назм аз шоирони форсигӯи муосир чун Гулназар, Камол Насрулло, Низом Қосим ва чанде дигарон тафовути назаррас надорад.

Мусаллам ҳаст, ки ҳунармандони асил дастхуши лағзишҳои ғайри маънӣ намешаванд ва иффати қалам ва баландиҳои рӯҳи худро аз даст намедиҳанд, вале бархе чунин ҳам мешавад, ки ҳодисаеро жарф пайхас намудан ба эшон низ муяссар намегардад ва ин боиси сустии эҳсоси қиёсии ҳунарманд мегардад.

Дар "Шабовез" дубайтие омада:

Фалак фикру хаёли мо надорад,
Ғами авҷу камоли мо надорад.
Биё, имрӯз хуш бошем, ай дил,
Ки фардо, балки ҳоли мо надорад? (192).

ва ин ҷо ба андешаи мо дар мисраъи охирин шоир гуфтанӣ ҳаст, ки ӯ (яъне фалак) парвои ҳоли мо надорад, лекин "Ки фардо, балки ҳоли мо надорад" чандон барои баёни матлаб мувофиқ наомадааст.

Ғайр аз ин бояд ёдовар шуд, дар ғазалиёти Паймон бархе нуқсонҳои дигар низ ба чашм мехӯранд. Аз ҷумла дар матлаъи ғазали

"Ҳар он чи гуфта шуд, ба шунуфтан намесазад,
Ҳар он чи шунуфтанд, ба гуфтан намесазад." (саҳ. 50)

дар мисраъи сонӣ калимаи “шунуфтанд” дар мисраъи аввали шеъри “Меҳр” “Берун нарафтам зи Ватан ман раъйи худ” дар рукни ҳашв ва дар мисраъи аввали банди сонӣ калимаи “берун” (“бурун” бошад) вазни шеърро халалдор намудааст, ки дар баҳри **Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф** омадааст.

Дар бобҳои пешин гуфтем, ки Ҷаъфар ҳанӯз аз кӯдакӣ шеър мегуфту инак шеъри ӯ ба камол расидааст. Эҷодиёти Мавлавиву Аттор Ҳофизу Ҷомӣ ва Машрабу Бедил ба ашъори Ҷаъфар, хоса офариниши ғазал, таъсири боризе гузоштааст. Ва инро худи шоир низ пинҳон намедорад. Вале асари насими шеъри мотақаддам бар шеъри Ҷаъфар маънои онро надорад, ки ӯ пойбанди ашъори ниёгон бошад. Татаббӯъ дар шеъри шоир хеле кам ба чашм мехӯрад. Ҳол он ки дар адабиёти мумтоз татаббӯъ ба шакли анъана даромада буд. Барои мисол гирем девони ашъори Фониро. Аз 552 ғазали форсии Фонӣ зиёда аз 200-тоаш ғазалиёти татаббӯъӣ бар ғазалҳои Ҳофизи Шерозист.

Вале дар шеъри Ҷаъфар ин ҳолат ба чашм намерасад. Албатта дар эҷодиёти ӯ ғазал мавқеъи марказиро ишғол мекунад. Ҳар як аз ин ғазалҳо ғазали мустақил буда, ҳатто ғазалҳои таврия ва ё ашъори назиравии ӯ наву тозаанд. Баъзе аз ғазалиёти шоир, ки дар таври Мавлавӣ ё Машраб ё Ҳофиз ва ё Лоиқ гуфта шудаанд, аз ҷониби шоир румиёна ё машрабона гӯён ишорат шудааст.

Шоир дар ҷодаи ғазалсароӣ ба навовариҳои зиёде мушарраф шудааст. Аз як тараф сабку услуби нигориши шоирони мумтоз, аз тарафи дигар саъйу кӯшиш ва дарки шеъру шоирӣ ба шоир имконият додаанд, ки вай дар пайравӣ аз шоирони мотақаддам ба дастовардҳои зиёде мушарраф шавад. Ба ибораи Аҳмад Абдуллоев “...ғазалҳои таврияи Ҷаъфар ҳам, ки ин нуктаро ӯ дар оғози шеъраш албатта ишора мекунад, ғазалҳои наву сифатан тозаанд, оҳанги тақлид ё татаббӯъ аз онҳо шунида намешавад. Ҷаъфар онҳоро таврия қарор дода, зимнан суханони наву тоза баён кардааст ва дар онҳо сад андар сад бакорати сухан нигоҳ дошта шудааст. Аммо гузашта аз ин шумо ғазалҳои тозаэҷоди шоиронаро нигаред, онҳо бо илҳоми саршор ва гармии хосса суруда шудаанд; оҳанги дили нотакрори шоир ва масштаби пурвусъату амиқи дунёи рангини суханварии ӯро намоиш медиҳанд.”[ Ховар, 1–15 феврали соли 2012, саҳ. 9]

Бале ғазалиёти Ҷаъфарро метавон ғазали модерн гуфт. Шоир фикри бикрро дар қолаби ғазал зикр мекунад. Яъне шоир бар тани шеъраш рӯҳу равони тоза дамида ҳуллаи суннатӣ пӯшонида бо як пайкон ду-се нишон мегирад. Аввало, вай анъанаи пешиниёнро дар шаклу қолиб идома медиҳад. Сониян, маъниҳои наву замонавӣ ва образҳои тоза ба тозаро дар он қолиб медамад. Солисан, рӯҳияву изтиробҳо, ҳолоти гуногуни равонӣ, эҳсосоти нозуки худро ба онҳо пероста мекунад. Ва ба ибороти Ҷумъа Ҳамроҳ "шеъри Ҷаъфар таҷаллии шахсияти ӯст. Мо хоҳем ё нахоҳем ҳастии рӯҳонӣ ва ҷисмонии шоирро дар шеъраш мебинем ва ҳис мекунем"[2.89;4].

Ҷаъфар дар шеъраш гоҳо дар осмонҳо парвоз дораду ба Ҳақ наздик шудан мехоҳад ва гоҳо дар заминҳо дар ҷустуҷӯи ҳақиқат аст. Ва дар ҳақиқат баъзан онро ақаллан дар шеъраш дарёб намудааст. Ҷаъфар шоири назарбаланд аст, вале "назарбаланд" нест. Ӯ чун пирони маънавияш Ҳаллоҷу Ансорӣ, Мавлавиву Аттор, Саййидову Бедил, Машрабу дигару дигарон оддисту хокӣ. Ӯ худро бесабаб ҳеҷ гоҳ намеситояд ва инро дар шеъраш низ баррасӣ намудааст. Ана аз ҳамин сабаб шеъри Ҷаъфар рангину ҷолиб ва ҷовидонист.

Вақте хонанда ба маҷмӯъаҳои шоирро аз аввал то ба охир чашм меандозад, инкишофи шеъри ӯро зина ба зина шеър ба шеър дарк мекунад. Хонанда ҳис мекунад, ки чӣ гуна аз ашъори аввал то ба ҳозир дараҷаи тасвири шоир рушду нумӯ кардааст. Ва инак, Ҷаъфар ба сифати як тан аз шоирони неруманди форсисаро шинохта мешавад. Барои тақвияти гуфтаҳоямон боз ба навиштаҳои Сафарзода рӯй меоварем:

"...Метавон гуфт, ки адабиёти муосири форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон шоире назири Ҷаъфар Муҳаммадро камтар дар худ дидааст. Аз ин рӯст, ки ӯ дар адабиёти давраи истиқлол аз ҷойгоҳи вижае бархурдор мебошад. Ҷаъфар дар канори дастовардҳояш дар шеъри нав, дар ғазал низ муваффақиятҳое ба даст овард, ки қобили мулоҳиза аст" [2.61;41-42].

Аз мутолиаи шеърҳои Ҷаъфари Муҳаммад бармеояд, ки шеър сарнавишти ӯст. Дар роҳи басе пурнишебу фарози шеър шоир бомасъулият қадам мезанад. Аз ҳилоли мисраъҳои шоир, аз мазмуну ғояи шеърҳои ӯ кас ба осонӣ огоҳ меёбад, ки ӯ бемақсад қалам ба даст намегирад, ӯ дард дорад, ӯ дар назди ҷомеа ба хонандагон ҷавобгӯ аст. Ҳанӯз шоири тавоно дар шеъри "Шеър ойини ман аст" ба хонанда гуё ҳисобот медода бошад, бо қатъияти

том гуфта буд, ки бемақсад, беасос ба даст қалам нахоҳад гирифт. Агар шеър нагӯяд чун моҳии беобмонда лабташна мемирад. — Аз шеър ба ман кафан бидузед ва пасон ба хокам бисупоред,— гуфтааст шоир:

Дар ҷаҳоне, ки ба ҷуз талхӣ надод,
Коми ошиқро лаби ширини ёр,
Дар ҷаҳоне, ки сари Фарҳодро,
Теша бишкаст аз дили сангини ёр,
Шеър Ширини ман аст!..

Шоир Ҷаъфар Муҳаммад ҳам дар қолаби суннатӣ ва ҳам дар қолаби ҷадид табъ озмудааст. Мунаққидони адабиёти навин ақида доштанд, ки гуё жанри ғазал, мухаммас, рубоӣ ва дигар қолабҳои шеъри ниёгон дархурди ин замон нест. Дар ин жанру дар ин қолаб шеър гуфтан ҷоиз набошад. Аҷабо! Вале як идда шоирон ба монанди устод Лоиқ ин андешаҳоро ботил донистa, дар қолабҳои суннатӣ шеърҳои дилнишин гуфтанд ва хушбахтона комёб ҳам гаштанд. То ҷое, ки огаҳӣ дорем, шоир Ҷаъфар Муҳаммад низ ин ақидаҳоро бебунёд медонист ва худ низ дар қолабҳои суннатӣ шеърҳои зиёде гуфта. Як қисми зиёди маҷмӯъаи "Таҷаллӣ", ки бо номи "Зулфи ғазал" ёд шуда ва қисматҳои “Як мусича мусиқӣ” ва “Берун аз дафтарҳо, дар боли кабутарҳо”-и маҷмӯъаи ошиқи ишқ ҳамин гуна ашъори ӯро дар бар мегирад. Шоир дар ғазалҳои хеш парниёни тасвирро ончунон рангрезӣ намудааст, ки кас дар ҳайрат мемонад. Ғазалеро қироат менамоем:

Эй шеъри гарм, аз раги андешаҳо биё!
Эй шеъри хуфта, аз ҷигари бешаҳо биё!
Дунё ба дасти беҳунарон аспи кӯр шуд,
Эй пири пешвои ҳунарпешаҳо биё!..

Дар услуби нигориш Ҷаъфар бештар ба сабки Рӯдакӣ ва оҳанги Мавлавӣ пайравӣ кардааст. Забони ашъораш саҳли мумтанеъ аст. Чун Рӯдакиву Низомӣ ва Турсунзодаву Лоиқ дар шеър ба сактаву шадда роҳ надодааст. Аз ин рӯ шеъраш хотирмон асту мутантан. Дархусуси маҳорати шоирӣ ва истифода аз воситаҳои гуногуни бадеӣ тадқиқоти зиёде бурда шудааст, ки ба баъзе аз онҳо ишораҳо намудем. Яке аз онҳо мақолаи илмӣ-тадқиқоти “Ситораи дурахшони шеър” мебошад, ки ба қалами Абдулқайюми Ҳасанзод тааллуқ дорад. Номбурда дар хусуси вазни ашъори Ҷаъфар менигорад:

“Ҷаъфар Муҳаммад ғазалҳои хешро дар баҳрҳои гуногун: раҷаз, музореъ, ҳазаҷ, рамал гуфта ва аксари ғазалҳо маҳз дар музоҳафи ин баҳрҳои номбурда эҷод шудаанд. Яке аз баргузидатарини баҳрҳо, ки аксар маҳсули эҷодиёти шоирони бузургу намоён ҳастанду мураккабии ин вазнҳоро ҳамон олимони маъруфи рисоланависону тазкиранависон мӯътабар донистаанд, ин ҳамон баҳрҳои муҷтас, музореъ, раҷаз ва бархе ба ин қатор баҳри ҳазаҷу рамалро на бо рукни солим, балки бо музоҳафаш дохил намудаанд. Инак, баҳрҳои мушкиле, ки Ҷаъфар Муҳаммад дар ғазалҳои хеш истифода намудааст, пешкаш мегардад:

Раҷази мусаммани матвию махбун (-vv-/v-v-/-vv-/v-v-):

Рӯҳ куҷову тан куҷо? Ёр куҷову ишқи ман?
Ишқ куҷову ман куҷо? Ёр куҷову ишқи ман?

Ҳазаҷи мусаммани як рукн солиму як рукн аштар (-v-/v- - -/-v-/v- - -):

Бо насим пар бикшо(д) муждае, ки меой,
Шоми тираи дил шуд ғарқи моҳтобистон.

Музореъи мусаммани ахрабу макфуфу маҳзуф (- -v/-v-v/v- -v/-v-):

Равзан. Нигоҳ. Занги дар... Ойина. Себ. Гул.
Оғӯш. Бӯса. Чашми тар... Ойина. Себ. Гул”.

Дар аксари ғазалҳои Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ бавижа дар ғазалиёти ошиқонаи ӯ тозагиҳову зебоиҳо, зуҳури маонии бикр ва борикии нигоҳ падидаи ғайримуқаррарӣ аст. Дар ғазалиёти Ҷаъфар нисбат ба дигар ҳамрадифонаш бозёфтҳои нодир бештар ба назар мерасанд, ки ин ҷолиби таваҷҷӯҳ аст:

“Лона мурғи ашк дорад бар сари мижгони мо”;

“Дунё ба дасти беҳунарон мурғи кӯр шуд”;

“Сӯҳроби қалби ман ба каманде гирифтаӣ” ... , ҳамчунин “обиди оҳ, дузди шӯхи даст, ҷаллоди рӯз бо табари тилоӣ, дар шаҳри шоми чашмҳо шиҳаи субҳ” ва ин қабил мисраъҳову иборахо бешумор овардан мумкин аст.

Аксари ғазалиёти Ҷаъфар моломоли санъатҳои бадеӣ буда дар вазнҳои гуногуни арӯз иншо шудаанд, ки ин бешубҳа аз истеъдоди баланди шоир дарак медиҳанд:

Беш аст номи Рустаму он бурзу ёл нест,
Дар рӯбарӯи золи ҷаҳон пури Зол нест... [2.89;145].

Ё:

Эй шабчароғи синаи ман, шукри буданат,
Шукри фурӯғи дидаи дилро фузудана!.. [2.89;144].

Ва:

Эй он ки дар рухи ту гули бӯсаҳои ман,
Бишкуфтаанд, бош гулафшон барои ман!.. [2.89;153].

Ва ё:

Чӣ кунам фариштагонро, ту фариштахӯ набошӣ?
Чӣ кунам биҳишту бӯстон, ту биҳиштбӯ набошӣ?.. [2.89;155].

Дар мисолҳои боло, аз ҷумла дар байти аввал санъати **талмеҳ,** яъне рӯй овардани шоир ба қаҳрамонони асотирӣ (Рустам ва Золи Зар), инчунин калимаи "зол" ("Зол") чун санъати **таҷниси том** кор фармуда, дорои ду маъно аст: номи падари Рустам ва пири солхӯрда ва саввум санъати бадеӣ ин **ҳусни таълил**, яъне шоир ба исботи мақсад далели латиф меоварад. "Дар рӯбарӯи золи ҷаҳон пури Зол нест" гуфтани шоир дорои ҳамин санъати бадеист. Дар ин байт мавҷудияти санъати **ирсоли масал** низ ба мушоҳида мерасад, яъне мисраъи сонӣ ба тарзи ҳикмат ва масал омадааст.

Дар бобҳои гузашта ва дар аснои шарҳи боби ҳозир дар хусуси вазни ғазали суннатӣ ва ғазалиёти шоироне чун Лоҳутиву Юсуфӣ, Ҷонибек, Абдулло Субҳону Паймон ва Ҷаъфар Муҳаммад дар мавридҳои муносиб ба таври умумӣ таваққуф намудем.

Ин ҷо лозим донистем, вазни ғазалиёти яке аз маҷмӯъаҳои Нормурод Каримзодаро дар муқоиса бо ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз муайян намоем. Силсилаи ғазалҳо дар маҷмӯъаи "Равзаи роз"-и шоир, ки "Сафинаи муҳаббат" унвон гирифтааст, ҳамагӣ 81 ғазалро шомил буда, аз рӯи дараҷаи истифодаи бешиву камӣ ба тарзи рукнбандии суннатӣ бо намунаи матлаъи ғазалҳо чунин сурат мегирад:

I. Ғазалҳои "Иди гулҳо", "Бо ғами фардои дил", "Рӯҳи тобони падар", "Марги озоди сухан", "Ба зодрӯзи духтарам Азиза", "Ба зодрӯзи духтарам Баҳора", "Омӯзем мо", "Бартар аз тахти Сулаймон...", "Эй сафои оразат", Ишқ оро медиҳад", "Тазмини байти Калими Кошонӣ", "Ёди падар" дар вазни фо(ъ)илотун, фо(ъ)илотун, фо(ъ)илотун, фо(ъ)илун **(рамали мусаммани маҳзуф)** -v- -/-v- -/-v- -/-v- навишта шудаанд:

1. Мулки моро зеб бахшад нузҳати дунёи гул,
   Бӯи гул, рухсори гул, ҳам қомати раънои гул[2.52;6];

2. Бар шумо аз ёру дӯст овардаам савғои дил,
Ишқу меҳри ҷовидонӣ, мухтаар дунёи дил (саҳ. 17);
3. Эй гули хушбӯву тар дар равзаи ҷони падар,
Ҳам фурӯғи хонадону бахти хандони падар (саҳ. 31);
4. Ҷои худ ҷӯямҳамон аз мулки ободи сухан,
Хун шавад ин дил саросар, то диҳам доди сухан (саҳ. 33);
5. Фахру файзи хонадони нурборам, духтарам,
Посдори ҷовидони рӯзгорам, духтарам (саҳ.37);

Тамоми ғазалҳои Ҳофиз дар 22 вазнҳои гуногуни арӯз навишта шудаанд. Агар мавриди бешу камии истифодаи вазнро ба назар гирем дар эҷоди Ҳофиз ин вазн дар мақоми чаҳорем меистад. Намуна:

Сина моломоли дард аст, эй дареғо, марҳаме,
Дил зи танҳоӣ ба ҷон омад, худоро, марҳаме...

II. Ғазалҳои “Зинда бош!”, “Омӯхтем”, “Дорем мо”, “Марҳабо”, “Дилнома”, “Алҳазар”, “Ёри мост”, “Дил кушодам”, “Лолаи хуштоб буд”, “Ишқро ҳамдард медонад”, “Тазмини мисраи Фахриддини Ироқӣ” ва “Чун оина бод” дар вазни фо(ъ)илотун, фо(ъ)илотун, фо(ъ)илун **(рамали мусаддаси маҳзуф)** -v- -/-v- -/-v- навишта шудаанд:

1. Эй ҷаҳони ормонам, зинда бош,
Ишқу дарди бекарона, зинда бош (саҳ. 16);
2. Аз ҳаёт олам китоб омӯхтем,
Бар саволе сад ҷавоб омӯхтем (саҳ. 30);
3. Чун диёри номвар дорем мо,
Бар сифоташ як назар дорем мо (саҳ. 34);
4. Дар ватан боз иди Қурбон, марҳабо,
Бар мусалмон ҷашни имон, марҳабо (саҳ. 34);
5. Саҷда орам боз бар меҳроби дил,
Саҷда бар як олами ноёби дил (саҳ. 44);
6. Алҳазар аз одамони ҷангара,
Захми шамшери забони ҷангара (саҳ. 46);

Ин вазн дар эҷодиёти Ҳофиз дар мавқеъи даҳум меистад, мисли:

Мо зи ёрон чашми ёрӣ доштем,
Худ ғалат буд,ончи мо пиндоштем...

III. Ғазалҳои “Нони Самарқанд”, “Беҳтар аз ҳарфи дуо нест”, “Барои Бахтиёр Ҷумъа”, “Нони Бухоро”, “Деҳқони Самарқанд”, “Нафасҳои азиз”,

“”Ҳаст”, “Ба Самарқанд”, “Тазмини байти Фиғонии Шерозӣ”, “Тазмини байти Қассоби Кошонӣ”, “Тазмини байти Қассоби Кошонӣ”(1) ва “Тазмини байти Қассоби Кошонӣ”(2), дар вазни маф(ъ)ӯлу, мафо(ъ)ӣлу, мафо(ъ)ӣлу, фа(ъ)ӯлун **(ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф)** - -v/v- -v/v- -v/v- - навишта шудаанд:

1. Савғои гуворои башар нони Самарқанд,
   Дар таъм хуш аз шаҳду шакар нони Самарқанд (саҳ. 7);
2. Бо шеъру адаб хонаи ушшоқ ҷаҳонест,
   Берун зи ҷаҳон ҳастии мо ҳеҷ раво нест (саҳ. 26);
3. Бо меҳри ватан “Субҳи Гулобод” дамон аст,
   Дар мулки сухан, кони гуҳар, донӣ ҳамон аст (саҳ. 27);
4. Хуршеди ҷаҳонтоб бувад нони Бухоро,
   Нонвои ҳунарманду асил ҷони Бухоро (саҳ. 28);
5. Эъҷози ҷаҳон бод ба деҳқони Самарқанд,
   Ҳар неъмати ӯ зебу фари хони Самарқанд (саҳ. 38);

IV. Ғазалҳои “Ҳанӯз”, “Авзои ҷаҳон”, “Ҳамчу гуҳар меоӣ”, “Шеъри мо гар ба диле шӯру шарар ангезад”, “Нафасат”, “Ҳусни боғ”, “Омад”, “Тазмини мисраи Муҳаммад Иқбол”, “Ёди диле” дар вазни фа(ъ)илотун, фа(ъ)илотун, фа(ъ)илотун, фа(ъ)илун **(рамали мусаммани махбуни маҳзуф)** vv- -/vv- -/vv- -/vv- таровидааст:

1. Бо ҳамин гавҳари ҷон баҳри дамонем ҳанӯз,
   Ишқи ӯ оби ҳаёт асту надонем ҳанӯз (саҳ. 13);
2. Назаре чанд ба авзои ҷаҳон бояд кард,
   Ҳазар аз шӯру шари аҳриманон бояд кард (саҳ. 15);
3. Ҷаъфар аз каъбаи уммед бадар меоӣ,
   Ҳамчу хуршед зи оғӯши саҳар меоӣ (саҳ. 21);
4. Ёди он шоми висол аз сари мо берун нест,
   Ошиқе ҳаст, ки аз ҳаҷри маҳе дилхун нест (саҳ. 29);
5. Нафасат аз дами Исои Масеҳо кам нест,
   Як дам он орази хуршед намоӣ, ғам нест (саҳ. 32);

Дар куллиёти Ҳофиз ин вазн аз ҳама бештар истифода шудааст:

Ёд бод он, ки зи мо вақти сафар ёд накард,
Ба видоъе дили ғамдидаи мо шод накард...

Ё:

Дорам аз зулфи сиёҳаш гила чандон, ки мапурс,
Ки чунон з-ӯ шудаам бесару сомон, ки мапурс...

V. Ғазалҳои “Сухан дониста мегӯям”, “Бебаҳо бошад”,”Мегӯям”, “Меояд”, “Тазмини мисраи Аскар Ҳаким”, “Тазмини мисраи Муҳаммадризо Огаҳӣ” ва “Худо ҳофиз” дар вазни мафо(ъ)ӣлун, мафо(ъ)ӣлун, мафо(ъ)ӣлун, мафо(ъ)ӣлун **(ҳазаҷи мусаммани солим)** v- - -/v- - -/v- - -/v- - - таълиф ёфтаанд:

1. Сухан аз рози дил бо ту, санам, дониста мегӯям,
   На маккори раҳи ишқам, ҳақу шоиста мегӯям (саҳ. 18);
2. Ватан бо ҳар ваҷаб хокаш ба чашмам тӯтиё бошад,
   Ба ҳар ҷояш назар созам, ки ҳуснаш бебаҳо бошад (саҳ. 53);
3. сухан бар шаъни Айнӣ гуфтаму такрор мегӯям,
   Ба ҷои ҳарфи беҷо шеъри нав бар ёр мегӯям (саҳ. 57);
4. Баҳори нозанин бар мулки мо шодона меояд,
   Ба гирди шамъи Наврӯзи Аҷам парвона меояд (саҳ. 59);
5. “Паём аз ишқ мехоҳад дили шайдои ман имшаб”,
   Зи васл охир муҳайё мешавад дунёи ман имшаб (саҳ. 73);

Ин вазн дар девони Ҳофиз дар мавқеъи панҷум меистад:

Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем,
Фалакро сақф бишкофему тарҳи нав дарандозем...

VI. Ғазалҳои “Суруди истиқлол”, “Оӣ”, “Дӯш”, “Туӣ аз аҳли карам”, “Ба устоди арҷманд шоир Салим Кенҷа”, “Тазмини мисраи Калими Кошонӣ” ва “Тазмини мисраи Муҳаммад Иқбол” дар вазни фа(ъ)илотун, фа(ъ)илотун, фа(ъ)илотун, фаълан **(рамали муттафиқуларкони нимоӣ)** vv - -/vv - -/vv - -/- - аз табъи саршори Нормурод Каримзода бадар омадаанд:

1. Аз вуҷудат, Ватанам, накҳати имон ояд,
   Мушти хокат фузун аз тахти Сулаймон ояд (саҳ. 4);
2. Шукри он бахт, ки дар хобу хаёлам оӣ,
   Ҳамчу рӯъёи ҷавобе ба саволам оӣ (саҳ. 14);
3. Дӯш аз ёр ба мо боз чӣ савғо омад,
   Балки бо муждаи хуш мояи эҳё омад (саҳ. 22);
4. Қадат аз сарви чаман, ёр, бувад зеботар,
   Суханат аз ҳама гуфтори ҷаҳон шевотар (саҳ. 24);

Дар ин вазни интихобнамудаи Нормурод Каримзода Ҳофиз ғазал насурудааст.

VII. Ғазалҳои “Ҳадя кун”, “Масту хумори дил”, “Аз нигоҳи ту”, “То ҳаст”, “Тазмини мисраи Ҳофизи Шерозӣ”, “Ба хоҳарон” ва “тазмини шеъри Қассоби Кошонӣ”-ро шоир дар вазни мафъӯлу, фо(ъ)илоту, мафо(ъ)ӣлу, фо(ъ)илун **(музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф)** - -v/-v-v/v- -v/-v- ба риштаи назм кашидааст:

1. “Боре ба ман саодати дидор ҳадя кун”,
   Як доман атри форами гулзор ҳадя кун (саҳ. 40);
2. Бошад баҳорхонаи ишқи нигор дил,
   Дар бӯстони ёди ӯ масту хумор дил (саҳ. 41);
3. Дар дил чу ишқ хона намуд аз нигоҳи ту,
   Бар чашм тӯтиё бикунам хоки роҳи ту (саҳ. 51);
4. Аз оразат чакомаи гулро навиштаам,
   Бар ишқи пок тоати дилро сириштаам (саҳ. 61);
5. “Ҳуснат ба иттифоқи малоҳат ҷаҳон гирифт”,
   Аз навбаҳори оразат ин хома ҷон гирифт (саҳ. 69);

Ин вазн низ аз вазнҳои касирулистеъмол дар девони Ҳофиз буда, мавқеъи сеюмро ишғол мекунад:

Дӯш огаҳӣ зи ёри сафаркарда дод бод,
Ман низ дил ба бод диҳам, ҳарчи бод, бод...

Ё:

Мо озмудаем дар ин шаҳр бахти хеш,
Берун кашид бояд аз ин варта рахти хеш...

VIII. Ғазалҳои “Ҷаҳони бекарони мо”, “Нагунҷад”, “Аз хоки Айнӣ”, “Қалам”, “Пора-пора”, “Орзу буд” дар вазни дубайтӣ – мафо(ъ)ӣлун, мафо(ъ)ӣлун, фа(ъ)ӯлун **(ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф)** v- - -/v- - -/v- - гуфта шудаанд:

1. Анису меҳрубони мо ту бошӣ,
   Ҳаловатбахши ҷони мо ту бошӣ (саҳ. 8);
2. Ғамат дар синаам, эй ҷон, нагунҷад,
   Басе дардасту як дармон нагунҷад (саҳ. 11);
3. Аҷаб сарсабзу хуррам токи Айнӣ,
   Шукуфон себу хурмо, ноки Айнӣ (саҳ. 12);
4. Қалам дардошнои меҳрубон аст,
   Қалам дунёи дилро тарҷумон аст (саҳ. 35);

Ин вазн дар куллиёти Ҳофиз мавқеъи шашумро ишғол менамояд. Намуна:

Ало эй тӯтии гӯёи асрор,
Мабодо холият шаккар зи минқор...

IX. Ғазалҳои “Наврӯз муборак бод!” ва “Фармони кӣ меояд?) дар вазни маф(ъ)ӯлу, мафо(ъ)ӣлун, маф(ъ)ӯлу, мафо(ъ)ӣлун **(ҳазаҷи мусаммани ахраб)** - -v/v- - -/- -v/v- - - рӯи сафҳа омадааст:

1. Айёми баҳор омад, Наврӯз муборак бод,
   Илҳоми ҳазор омад, Наврӯз муборак бод.
2. “Дил боз ба ҷӯш омад, ҷонони кӣ меояд?”
   Ҷонам ба хурӯш омад, илҳони кӣ меояд? (саҳ. 55).

Дар Ҳофиз ин вазн ба дараҷаи миёна истифода шудааст:

Кай шеъри тар ангезад хотир, ки ҳазин бошад?
Як нукта аз ин маънӣ гуфтему ҳамин бошад...

Ё:

Ин хирқа, ки ман дорам, дар раҳни шароб авло,
В-ин дафтари бемаъно ғарқи майи ноб авло...

X. Ғазалҳои “Зевари бозори ҷаҳон” ва “Эҳсони худоӣ”, дар вазни фа(ъ)илотун, фа(ъ)илотун, фа(ъ)илотун, фа(ъ)илотун **(рамали мусаммани махбуни маҳзуф)** vv- -/vv- -/vv- -/vv- навишта шудаанд:

1. Тиллои сафед” олами хушҳолии ҷон аст,
   Сарчашмаи ободии ин мулку макон аст (5);
2. Эй, шаршараи мӯи дилафрӯз, куҷоӣ?
   Бо мавҷи хушат олиҳаи нуру сафоӣ (19).

Дар ин вазн Ҳофиз ғазал надорад. Вале дар “Девони Шамс” ин вазн мустаъмал аст:

Мурда будам, зинда шудам, гиря будам, ханда шудам,
Давлати ишқ омаду ман давлати поянда шудам...

Қасди ҷафоҳо накунӣ в-ар бикунӣ бо дили ман,
Во дили ман, во дили ман, во дили ман, во дили ман...

XI. Ғазали “Худ аён кун” дар вазни маф(ъ)ӯлу, мафо(ъ)илун, фа(ъ)ӯлун **(ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф)** - -v/v-v-/v- - -иншо шуда

бештар хоси маснавист. Дар маҷмўъаи номбурда Нормурод Каримзода як ғазали худро ҷой додааст, ки матлаъаш ин аст:

“Ҷоно гузаре ба бўстон кун”,

Оғўши ҷаҳони гул макон кун (саҳ. 52).

Дар ин вазн Ҳофиз нисбат ба вазнҳои пешин кам (ҷои понздаҳум) ғазал гуфтааст. Намуна:

Он кас, ки ба даст ҷом дорад,
Султонии Ҷам мудом дорад...

Ё:

Гул бе рухи ёр хуш набошад,
Бе бода баҳор хуш набошад...

XII. Ғазали “Ангезаи асрори мо” дар вазни мустаф(ъ)илун, мустаф(ъ)илун, мустаф(ъ)илун, мустаф(ъ)илун **(раҷази мусаммани солим)** --v-/- -v-/- -v-/- -v- рўи коғаз омадааст:

“Эй навбаҳори ошиқон, дорӣ хабар аз ёри мо?”

Аз ҳаҷр афзун мешавад андўҳи мо, озори мо (саҳ. 67).

Ин вазн низ аз вазнҳои камистеъмоли девони Ҳофиз аст:

Он кист, к-аз рўи карам бо ман вафодорӣ кунад?
Бар ҷои бадкорӣ чу ман як дам накукорӣ кунад...

Ё:

Умрест, то ман дар талаб ҳар рўз гоме мезанам,
Дасти шафоат ҳар замон дар некномӣ мезанам...

XIII. Ғазали “Биё, марҳабо!” дар вазни муфта(ъ)илун, муфта(ъ)илун, фо(ъ)илун **(сареъи мусаддаси матвии макшуф)** -vv-/-vv-/-v- навишта шудааст. Дар ин вазн низ Каримзода як ғазал иншо намудааст:

Ҷаъфари дилдода, биё, марҳабо,

Хоки раҳат чашми маро тўтиё (саҳ. 20).

Вазни боло дар девони Ҳофиз аз рўи истеъмол дар ҷои пеш аз охир меистад. Матлаъи ғазали Ҳофиз:

Ҳотифе аз гӯшаи майхона дӯш,
Гуфт: Бубахшанд гунаҳ, май бинӯш!..

XIV. Ғазали "Гар имтиҳон кунанд" дар вазни мафо(ъ)илун, мафо(ъ)илун, мафо(ъ)илун, фа(ъ)ал **(раҷази мусаммани махбуни маҳзуф)** v-v-/v-v-/v-v-/v- навишта шудааст:

Хуш он даме, ки бигзарад дар ихтиёри ишқ,
Чу Маҷнуне ҷафокашида дар диёри ишқ (саҳ. 23).

Дар ин вазн Ҳофиз ғазал надорад.

XV. Ва ниҳоят ғазали "Тазмини мисраи Низом Қосим", ки дар вазни мафо(ъ)илун, мафо(ъ)илун, мафо(ъ)илун, мафо(ъ)илун **(раҷази мусаммани махбун)** v-v-/v-v-/v-v-/v-v- навишта шудааст:

"Маро нигоҳ ҳар шабе зи нав ба роҳ мешавад",
Ба рӯйи раҳ вуҷуди ман ҳама нигоҳ мешавад (саҳ. 70).

Ҳамин тариқ, дар маҷмӯъаи номбурда дар навъҳои гуногуни баҳри рамал – 42 ғазал, ҳазаҷ – 28 ғазал, музореъ – 7 ғазал, раҷаз – 3 ғазал ва сареъ – 1 ғазали шоири маҳбуб Нормурод Каримзода тадвин шудааст, ки ҳамагӣ 15 вазнҳои гуногунро ташкил медиҳанд. Ҳангоми таснифот кӯшиш ба харҷ додем, ки онҳоро бо ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ муқоиса намоем. Маълум гашт, ки аз 22 навъи вазне, ки Ҳофиз ғазал навиштааст, 11-тоашро Нормурод каримзода истифода намудааст. Навъи X дар "Девони Шамс ба мушоҳида расид. VI, XIV ва XV-ро Ҳофизу Мавлавӣ истифода накардаанд. Навъи VI дар адабиёти мумтоз кам истифода мешуд, вале дар адаби муосир хеле интишор ёфтааст.

# ХУЛОСА

– Азбаски мо дар рисолаи худ бо назм, хоса ғазал, сарукор дорем, бо назардошти шеъри давраи истиқлол ҳавзаи адабии шоирони форсисарои Ӯзбекистонро ба доираҳои зерин тақсимбандӣ намудем: **Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Сух, Сурхон, Кешруд** ва ғайра.

– Дар бораи ғазал, пайдоиш ва инкишофи он муҳаққиқони зиёде фикру ақидаҳои мутааддиду мутазоде изҳор намудаанд, ки ин ҷо аз такрори онҳо худдорӣ намудем. Аз таҳқиқоти олимон бармеояд, ки ғазал дар луғат ба маънии ишқбозӣ ва сухан гуфтан бо занон аст ва дар истилоҳ яке аз қолабҳои шеъри суннатии форсӣ аст, ки маъмӯлан байни 5 то 14 байт дорад. Метавон дар тӯли беш аз ҳазор соли равнақу нумӯъи ин шакли шеърӣ ғазалҳоеро дарёфт намуд, ки ҳадди ақалли онҳо 3-4 байт ва аксари онҳо 26-27 байтро шомил аст. Дар як вазн, ки мисраи нахусти он аст, бо ҳамаи мисраъҳои завҷ ҳамқофия аст. Аз мушоҳидаҳо маълум мегардад, ки чунин қофиябандии ғазал ҳатмӣ набудааст. Дар охирин байт низ шоир номи шеърӣ ё тахаллуси худро меоварад. Беҳтарин байти онро байт-ул-ғазал ё "шоҳбайт" гӯянд. Абёти ғазали форсӣ аз лиҳози мазмун дорои истиқлоланд. Ақидаи машҳур он аст, ки баъд аз касоди қасида, бахши оғозини он, ки тағаззул ном дорад, мустақил шуд ва ба сурати ғазал даромад. Мавзӯи аслии ғазал баёни авотифу эҳсосот, зикри зебоиву камоли маъшӯқ ва шиква аз рӯзгор аст. Қадимтарин намунаи ғазали мустақилу комилро дар осори Шаҳиди Балхӣ, Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ва Дақиқӣ метавон ёфт. Дар авоили қарни дувоздаҳум қасида аз равнақ афтод ва ҷои худро ба ғазал дод. Анвоъи ғазали форсӣ-тоҷикиро ин гуна метавон табақабандӣ кард: **1. Ғазали ошиқона; 2. Ғазали орифона; 3. Ғазали талфиқӣ; 4. Ғазали қаландарӣ; 5. Ғазали мазмун; 6. Ғазали сиёсӣ-иҷтимоӣ (ватанӣ); 7. Ғазали тасвирӣ; 8. Ғазали ҳамосӣ.**

– Шакли шеърии ғазал аз қолабҳои писандидатарини лирикаи адабиёти тоҷик мебошад, ки дар ҳама давру замон дар мадди аввал меистод. Адабиёти тоҷик шоиреро дар ёд надорад, ки ғазалсароиро тамоман тарк карда бошад. Бигирем Лоҳутиро. Яъне ғазал дар ҳама давру замон ҳамчун оммавитарин шакли шеърӣ боқӣ монд. Вале мундариҷаи он вобаста ба давру замонҳо ба тағйироти ҷузъӣ гирифтор шуд. Ин шакли шеърӣ, ки дар ибтидо барои тараннуми лаҳазоти ошиқона, изҳори изҳороти эҳсосоти ирфонӣ ва баёни ақоиди фалсафӣ нигаронида шуда буд, дар худ лаҳазоти сиёсиву иҷтимоӣ ва торихиро низ дар як-ду байт таҷассум намудан гирифт. Рафта-рафта ғазалҳое офарида шуданд, ки миқдори байтҳои мавзӯъҳои сиёсиву иҷтимоӣ дошта бештар гардид.

. Дар баробари ғазалҳои хубу сара ҳатто шоироне чун Лоҳутиву Турсунзода ва шогирдони онҳо ғазалҳои заифе навиштанд, ки аз лутфи сухан холӣ буда, агарчи дар қолаб ғазали равону пухта буданд, вале ба маънӣ публитсистикаро мемонданд. Ҳатто баъзе аз муҳаққиқон ин қабил шоиронро шоирони публитсист меномиданд. Ҳол он ки ҳама гуна ғазал, ҳатто публитсистика, новобаста ба мавзӯъ ва мундариҷа бояд аз лутфи сухан бархурдор бошад.

– Адабиётшинос Ҷумъақул Ҳамроев дар хусуси ашъори Лоиқ Шералӣ баҳс намуда дар боби “Лутфи сухан” мефармояд: “... назокат ва балоғати сухан дар лутфи он будааст ва баракс, сухане, ки саршор аз лутфу назокат аст, низ сухани бадеъ ва болиғ аст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин гуна осор бояд расо, рехта, бе бисёргӯӣ ва дар ҳадди талаботи маънӣ бошад. Ин гуна осор, ки саршор аз назокат ва балоғат аст, се навъ мешавад.

1. Эъзоз, ки дар он лафз андак, вале маънӣ фаровон;
2. Баробар будани лафзу маънӣ;
3. Шарҳи маънӣ ба воситаи алфоз, ки онро баст мегӯянд”.

– Ғазал шакли шеъриест, ки мисли қасида ба тарзи **аа, ба, ва...** қофиябандӣ шуда, қариб дар тамоми вазнҳои арӯз навишта мешавад. Байти якуми ғазал фавран дохили қофия меояд. Чунин қофиябандии ғазал қоидаи умумист. Ғазалҳое ҳастанд, ки мисраъи аввали байти якуми он аз қофия берун аст, мисли **ба, ва, га, ...** Чунин ғазалҳоро ғазали қитъа меноманд. Ғазалҳои зиёдеро метавон дарёфт, ки мисраъҳои аввали ду байти аввали он ҳамқофия шудаанд, яъне: **аа,аа,ба,ва, ...** ин гуна ғазалҳоро дар адабиётшиносӣ **ғазали ҳусни матлаъ** ё **ғазали зеби матлаъ** меноманд. Гоҳо

метавонад, бино ба  талаботи мазмун ва оҳанги ғазал, мисраъҳои якуми байтҳои минбаъда низ дохили қофия ояд ва аҳён-аҳён тамоми мисраъҳо дохили қофия оянд, мисли ғазали Рӯдакӣ “Биёр он май, ки пиндорӣ, равон ёқути ноб астӣ, ки ба сурати **аа, аа, аа,аа, ...** ҳамқофия шудааст. Ин гуна ғазалҳоро дар адабиётшиносӣ **“ғазали зеби қофия”** мегӯянд. Ин порчаи шеъриро Абдулғанӣ Мирзоев ва Аълохон Афсаҳзод ғазал номидаанд. Вале Саъдоншо Имронов онро банде аз тарҷеъбанд ё таркиббанд меномад, ки фикри ӯ дар адабиётшиносӣ чандон дастгирӣ нашудааст. Чаро ки ин қабил ғазалҳо дар эҷоди Саноии Ғазнавӣ ва дигар шоирон низ ба назар мерасад. Дар адабиёти муосир низ ин ҳолат ба мушоҳида мерасад. Чунончи, дар ғазали “Надонистан” Ҷаъфар Муҳаммад, бо шикастани мисраъҳои ҷуфт ҳар байтро банд сохта, ғазали зебову тараннумие сурудааст.

Дар ашъори шоирони форсисаро беш аз 300 вазнҳои гуногун истифода шудаанд, ки машҳуртарин ва хушоҳангтарини онҳо дар дар ашъори Рӯдакиву Мавлавӣ ва Саъдиву Ҳофиз истифода шудааст.  Ҷуз вазни  фо(ъ)илоту, маф(ъ)ӯлун, фо(ъ)илоту, маф(ъ)ӯлун (муқтазиби мусаммани матвии мақтӯъ) -v-v/- - -/-v-v/- - -, ки Хоҷа Ҳофиз як ғазал (Вақтро ғанимат дон, он қадар, ки битвонӣ) ба он сурудааст, бақияи вазнҳои девони Ҳофиз дар девони Мавлавӣ низ ба чашм мехӯрад. Илова бар 21 вазни ғазалҳои Ҳофиз Мавлавӣ аз авзони дигар низ истифода намудааст ва миқдори навъи вазнро дар ғазалиёташ ба 30 расонидааст. Машҳуртарин вазнҳои ғазали дирӯзу имрӯз низ ҳамин вазнҳост. Илова бар мазнҳои номбаркардаамон ғазалҳоеро низ метавон дарёфт, ки дар дигар вазнҳо навишта шудаанд. Вале онҳо чандон машҳур нестанд.

– Чуноне ки машҳуд аст, ағлаби ғазалҳои адабиёти мумтоз ва шоирони ғазалсарои муосир дар шакли зиҳофҳои баҳрҳои солиму фаръӣ навишта шудаанд. Бештари ғазалҳои шоирони муосири тоҷик низ дар зиҳофоти баҳрҳои ҳазаҷу рамал навишта шудаанд. Дар интихоби вазн ғазал маҳдудият надорад.

– Донишмандон олитарин ғазалро ба Хоҷа Ҳофиз нисбат медиҳанд. Ҳофиз ва дигар ғазалсароёни номӣ аз тасвиру тафсири хушку холӣ худдорӣ намуда, кӯшиш ба харҷ додаанд, ки дар ҳар байти ғазалиёташон мазмунҳои хулосавию фалсафиро зиёдтар ба кор баранд. Ҳар байти ғазал агар дорои мазмунҳои алоҳидаи бикр ва дар навбати худ ба ҳам алоқаманд (чун ғазалиёти Ҳофиз, ки сохти махсуси композитсионӣ доранд) бошад, ғазал ба пояи баланд расида, мартабаи соҳиби он меафзояд.

– Бисёр аз муҳаққиқони ғазал бар фикри онанд, ки ғазал дорои сужет нест. Вале ин фикр хатост. Сужетнокии ғазал нахуст аз таъсири ғазалҳои ибтидоӣ бошад, сониян шоирон аз имкониятҳои жанрии ғазал дар қофияи маснавӣ, мадҳ ва дигар мавзӯъҳо истифода мекарданд, ки ғазалро хоҳ-нохоҳ ба сужетнокӣ мӯҳтоҷ мекард.

– Шеършиносон композитсияи ғазалро аз “қавл”, “ғазал”, “тарона” ва фурӯдошт иборат донистаанд. Шоирон дар “қавл” (матлаъ) аз ягон маънӣ ба ғазал ибтидо карда, дар “ғазал” ба тасвиру тавсиф мегузаштанд, дар “тарона” хусусияти фалсафиву ҳикмати рубоӣ мавқеъ дошт ва “фурӯдошт” (мақтаъ) оҳанги хулоса ва ҷамъбаст мегирифт. Ин усулро на ҳамаи ғазалсароён риоят мекарданд. Нахустин касе, ки ба чунин композитсияи ғазал комилан рахна зад, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ буд. Инислоҳоти Хоҷа Ҳофиз дар сохти мундариҷавии ғазал ҳанӯз дар замони зинда буданаш ва сипас дар садаҳои XIX – XX низ мавриди танқиди алоқамандон қарор гирифт. Аз ҷумла Аҳмади Касравӣ, Муҳаммад Иқбол, Рубен Ливи, Артур Ҷон Арберри, Ризои Бароҳонӣ, Ғаффор Мирзо, Абдусалом Деҳотӣ, М.Н.Османов ва чанд тани дигар Ҳофизро аз ҷиҳати ғоявӣ “гунаҳкор” эълон карда ғазалиёти ӯро зери тозиёна гирифта, онро “назми бидъат”, “назми бемақсад”, “назм барои назм”, “назми аз ҳақиқат ва ҳаёти иҷтимоӣ дур” донистаанд ва ҳатто Ғаффор Мирзо ғазалро жанри “нодаркор” эълон карда ба ҷавонон чунин насиҳат медиҳад: “Чунин ғазалсароӣ бисёр гуфтан ва ҳеҷ чиз нагуфтан аст. Агар шоири ҳақиқӣ, мусаввири ҳаёти имрӯзаи халқи худ шуданӣ бошед, донед, ки ғазал шуморо шоир намекунад”.

– Агар ба таърихи адабиёти ғании тоҷик назар афканем, маълум мешавад, ки ғазали тоҷикӣ дар ҳар як давраи муайян аз рӯйи тағйироти сиёсӣ-таърихӣ дар ҳаёти ҷамъиятии мардуми ин кишвар, ба воситаи устодони он низ тағйир ёфтааст. Вале риштаҳои асосии он тағйирот ҳеҷ гоҳ аз асли худ ҷудо нагардидаанд. Ҳар як шоир ва суханвари муқтадир ба мисли чашмаҳои нав оби зулоли худро ба дарёи равони хушкнашавандаи назми тоҷикӣ ҳамроҳ кардааст. Ҳар як ҷустуҷӯи нав, ҳар як кашфиёти нав дар эҷодиёти бадеӣ бо унсурҳои пешқадами адабиёти гузашта ҳамбастагӣ ва наздикӣ дорад.

– Вале бояд таъкид намуд, ки ин тағйирот дар давраи адабиёти солҳои 30-50-уми тоҷик дар баъзе риштаҳо, хоса ғазал, то ба дараҷаи ифрот расидааст. Чуноне ки дар боло зикр намудем, аксари шоирони ин давра,

ҳатто нависандагон (Ҷ.Икромӣ, Р.Ҷалил), дар ибтидои фаъолияти адабӣ ба ғазал мурочиат намудаанд. Ва ағлаби онҳо баъди ошкор намудани маҳорати шоирӣ ба мактаби шеъри Айниву Лоҳутӣ ва Пайраву Юсуфӣ дохил шудаанд.

– Нақди солҳои сиюму чилум ва панҷоҳум (то соли 1954), ки ба дараҷаи таҳқиқи хусусияти жанрии адабиёт нарасида буд, аз адабиёт ва адибон асосан жанрҳои калон – роману достон талаб мекард. Ин тақозои нақд на аз пиндорҳои эстетикӣ, балки аз гузоришоти иҷтимоии идеология сар зада буд. Ҳизби коммунист солҳои пас аз ҷангро давраи ниҳоят вусъат ёфтани сохмони сотсиализм, ҷӯшу хурӯши меҳнатӣ ва замони қадам ниҳодани шӯравиён ба остони коммунизм ҷилвагар мекард ва аз адабиёт тасвири ин ҳамаро талаб менамуд. Аз ин рӯ нақд ба жанрҳои калон – достону румон имтиёзҳои бузург дод, зеро маҳз дар жанрҳои калон имкони пурратар ба тасвир овардани он корномаҳои ҳизб ва халқи шӯравӣ имконпазир шумурда мешуд. Дар натиҷа дар нақди тоҷикӣ беэътиноии ошкоро нисбат ба жанрҳои хурд сурат гирифт. Нақд ҳатто ба жанрҳои анъанавӣ бо назари айбҷӯӣ нигоҳ мекард. Аз ҷумла ғазалро “ҳамчун жанри мурдаи бесуд” муаррифӣ менамуд. Дар натиҷа шоироне, ки дар ғазалсароӣ маҳорати баланд доштанд (Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Мирзо Турсунзода), ё мавзӯъ ва мундариҷаи ғазалро тағйир доданд ва ё ба жанрҳои нисбатан бузург – достон, либретто ва ғ. даст заданд.

– Дар адабиёти тоҷикии ибтидои садаи XX ва даврони Шӯравии Ӯзбекистон ғазал аз асолати ҳазорсолааш дур шуда маънии шартиву нисбӣ гирифт. Агарчи шакли ғазал барҷо монд, маънии он бакуллӣ дучори тағйирот шуд. Ҳам дар ғазалҳои маорифпарварону ҷадидон ва ҳам дар ғазалҳои солҳои сиюм то панҷоҳум бештари ғазалҳои иншошуда маънии иҷтимоӣ-сиёсӣ доранд. Ҳатто, гуфтем дар боло, ки як давраи муайян он аз равнақ ҳам афтод. Идеологияи коммунистӣ, реализми сотсиалистӣ ва замонасозиҳои номусоид то дараҷае шоирони ин давраро дар қайду банди худ кашид, ки табъи саршорашонро фидои суханони пучу ифодаи маъниҳои бебақо намуданд.

– Шакл ва мазмуни ғазал на ба ҳама мавзӯъҳои замон мусоидат мекардааст. Аз тарафи дигар, замона, ки дигар шуд, он ғазалҳо бо гӯшаи фаромӯшӣ мераванд. Агар ба пайдоиш ва рушду нумӯи ғазал назар андозем, дар ҳеҷ давру замоне то ба ин дараҷа пойбанди замон шудани ғазалро

мушоҳида намекунем, ки дар давраи шӯроҳо гирифтор шудааст. Дуруст аст, ки дар адабиёти кишварҳои ҳамсоя – Эрону Афғонистон низ ғазалҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳамосӣ мақоми боризе доранд. Вале дар усули нигориш он муаллифон назокату нафосат ва отифаи ғазалсароиро риоят намудаанд. Вале солҳои 30–50-уми садаи гузашта агарчи бештари шаклҳои шеърӣ барҷо монд, маънӣ қурбони сиёсат гардид. Бисёр аз шоирони ин давра комилан ба тараннуми сохти сотсиалистӣ ва одамони хушбахти даврони худ пардохтанд. Шеъру ғазали ин давраро бисёре аз адабиётшиносон “шеъри сарнавишт” номидаанд. Ва метавон ин давраи адабиётро давраи сарнавиштсозӣ дар раванди ҷараёнҳои адабии шеъри тоҷикӣ номид. Идеологияи ҳукмрони давр дар қатори Лоҳутиву Ҳабиб Юсуфӣ Мирзо Турсунзодаву Боқӣ Раҳимзода, Саидали Вализодаву Муҳаммадҷон Раҳимӣ табъи бисёр шоирони дигарро низ саркӯб кардааст.

– Аз поёни даҳаи панҷоҳум сар карда гурӯҳе аз адибони ҷавон ба майдони шеъри тоҷик омаданд, ки ҳам аз имкониятҳои навини миллатҳои дигар ва ҳам аз суннатҳои устувори адибони пешқадам истифода намуда дар шеъри тоҷикӣ таҳаввулоте ба амал оварданд. Ин таҳаввулот нахуст дар Тоҷикистон ба амал омада шоирони пешқадамеро, чун Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Гулназар, Аскар Ҳаким, Қутби Кином ва монанди инҳо, парвариш намуд, ки шеърашонро ҳам дар қолабҳои суннатӣ ва ҳам нав менавиштанд. Дар ин давра шеъру ғазал аз қайди сиёсат то андозае раҳоиш ёфта, баъзан ба шеъри ҷаҳонӣ баробарӣ мекард. Дар Ӯзбекистон ин таҳаввулот каме дертар ба амал омада, чанд тан аз шоирони суннатипардоз ва намсуннатиро, аз қабили Ҷонибеки Қувноқ, Сулаймон Хоҷаназар, Абдулло Раҳмон, Ҳамроқул Даврон, Акбар Пирӯзӣ, Салим Кенҷа, Ҳаёт Неъмат, Иззатулло Кенҷа, Нодир Нодирӣ, Паймон, Абдулло Субҳон, Равшани Эҳсон ва чанде дигаронро рӯи кор овард, ки агарчи шеърашон бо тақозои сиёсат ва маҳдудиятҳои забонӣ ба шоирони ҳамзабони Тоҷикистону Эрон ва Афғонистон баробарӣ накард, вале дар қолабҳои суннатӣ, хоса ғазал, ба дастовардҳои хубе ноил гардиданд.

– Ҷонибек Қувноқ аз шоирони форсисарои Ӯзбекистон буда, дар садри ин таҳаввулоти нав қарор дошт ва шоироне чун Паймон ва Абдулло Субҳонро дар домани меҳри худ парвариш дод. Ғазалҳои Ҷонибеки Қувноқ чун Лоиқ Шералӣ бештар дар пайравӣ ва бо таъсири сабки Мирзо Турсунзода

суруда шудааст. Ҷонибек аз нахустин шоирони форсисарои Ўзбекистон аст, ки дар давраи нав мактаби хоси шеъри худро ташаккул дод. Дар шаклҳои гуногуни шеъри ў мавзўъҳои васфи модар, ватан, худҷўиву худогоҳӣ, худшиносии миллӣ ва монанди инҳо хубу наку садо додаанд. Шеър дар ин давра вориди маҷрои нав гардид. Дар муддати хеле кӯтоҳ шеъри нави форсӣ-тоҷикӣ аз шеъри даҳсолу бист сол пеш фосила гирифт ва ин фосилагирӣ ҳам дар мазмуну мӯҳтаво ва ҳам дар шаклу қолиби шеъри ин давра намудор гардид. Дар натиҷа адабиёти форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон, ки дар даврони шӯравӣ шӯъбае аз адабиёти муосири Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт, ба унвони адабиёти мустақил зуҳур намуд.

– Шеъри Нав (шеъри суннатии дорои мазмун ва маонии нав ва шеъри ғайрисуннатии дорои мазомин ва маъонии комилан нав), чӣ дар шакли «озод» (вазндор ва то ҳадде қофиядор) ва чӣ дар шакли «сапед» (бевазну қофия) истилоҳоти назарии адабиёти ғарбро низ ба осонӣ қабул намуд ва шоирони пешқадами Ирону Тоҷикистону Ӯзбекистон бо равишҳои романтизму сентиментализм, реализм ва ғайраҳо ба сурудани ашъори дархури замони худ пардохтанд. Албатта, дар фикри он нестем, ки адабиёти суннатии мо холӣ аз ин равишҳои адабӣ будааст, ҳаргиз ин тавр нест!

– Адабиёти давраи истиқлол маҳсули адабиёти давраи нави тоҷик аст, ки ин қисмат аз се фасли зерин иборат аст:

1. Давраи таҳаввул ва татаввури шеъри муосири форсӣ-тоҷикӣ (солҳои 1924-1970);

2. Давраи оғози худшиносӣ ва бозсозӣ дар шеър (солҳои 1970-1990);

3. Давраи Истиқлоли Ӯзбекистон (аз соли 1990 то кунун).

– Дигар аз бурдҳои муҳими ин қисмати ошноӣ бо адабиёти имрузи форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон, ба фикри мо, аз лиҳози муҳтаво ба панҷ қисмат тақсимбандӣ шудани шеъри давраи истиқлол **(худшиносӣ, иҷтимоӣ, ирфонӣ, ишқӣ, тасвиргароӣ)** мебошад. Албатта, рӯи ин масъала баҳсе зиёде мешавад кард, чун ҳар назар боз назар металабад, ҳар кас аз дид ва писанди худ сухан мегӯяд. Чун адабиёти давраи истиқлол сол ба сол дар таҳаввул ва рушду такомул аст, бинобар ин адабиёти форсии Ӯзбекистон нақд ва баррасии комилу доманадорро мехоҳад.

– Давраи истиқлоли Ӯзбекистон дар шаклгирии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ нақши аразандае дорад. Қобили ёдоварист, ки пас аз соли 1991 ба ибтикори

сарони равшанзамири кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷумҳуриҳои ин минтақа ба озодӣ даст ёфтанд ва раванди эҳёи суннатҳои миллӣ шурӯъ гардид. Дар ин давра адабиёти форсии тоҷикӣ аз назари шаклу мазмун ва мавзӯъ бисёр ғаниву рангин буда бадеиятҳои васеъи тасвиру ифодаро фаро мегирад. Таҳаввулоти куллӣ дар сохтори ҳукуматӣ, сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодӣ, милливу ақидавӣ ва фарҳангии кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Ӯзбекистону Тоҷикистон таъсири куллӣ бар шеъри муосири ин минтақаҳо низ гузоштааст.

– Шоироне чун Ҷаъфар Муҳаммад, Паймон, Абдулло Субҳон, Нормурод Каримзода, Фозил Шукурзод, Зебо Тоҳириён, Шоҳид, Озармеҳр, Хоҷа, Парисо, Саидаи Синавӣ, Асадуллоҳ, Шаҳзода, Дилшоди Фарҳодзод, Олим Панҷизода, Садриддин Ҳушёрӣ, Солеҳ Муҳаммад, Одил Комил, Файз Маҳмуд, Хусрави Саъдуллоҳ ва дигарҳо бо ашъори шоёни худ ба арсаи адабиёти давраи истиқлол қадам ниҳоданд. Шоирони номбурда бо шеъри баланду дарки масъулият по ба арсаи адабиёт ниҳоданд. Шоирони ин давраро метавон аз рӯи мӯҳтаво ва шакли ашъорашон ба се гурӯҳ ҷудо намуд: **шоироне, ки майл ба шеъри суннатӣ доранд; шоироне, ки майл ба шеъри модерн доранд ва шоироне, ки ҳам шеъри модерн ва ҳам шеъри суннатӣ мегӯянд.** Ғазалҳои индавраинаро аз лиҳози мавзӯъ ва мӯҳтаво ба чаҳор гурӯҳ тақсимбандӣ намуд: **1.Ғазалҳои худшиносӣ; 2.Ғазалҳои иҷтимоӣ; 3.Ғазалҳои ирфонӣ; 4.Ғазалҳои ишқӣ.**

– Бамаврид аст дар ҷодаи ғазал шоирони доираҳои адабии Сух ва Ангренро низ ёдовар шуд, ки дар идомаи ашъори суннатӣ саҳми босазо доранд. Бино ба нишондодҳои сарвари кишварамон ва ҳукумати Ўзбекистон идомаи тасаннунҳои мардумӣ ва баррасии осори ниёгон яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи адабиёт ва ҳунар низ мебошад. Ҳавзаи адабии Ангренро шоироне фаро гирифтаанд, ки соҳиби касбу кори гуногун буда, сари чанд вақт дар маҳфили адабии “Сапедадам” гирд меоянд ва дар он таллилу нақди ашъори ҳамдигарро баррасӣ менамоянд. Сарварии ин маҳфилро адабиётшинос Фарҳод Исомиддинов ба ўда дорад. Ба маврид аст қайд намоем, ки ҳар яке аз ин шоирон дар ғазал илова бар мавзўъоти умум ривиши хоси худро доранд. Агар Абдулқаюми Ҳасанзод ва Қутбиддин Мирзоматов ғазалҳои содаи ишқӣ гўяду дар иншои ғазал сабки хуросониро воситаи баён қарор диҳанд, мавзўъи марказии ғазалҳои Нуруллоҳ Каримзода ва Икромали Шермуҳаммадовро тасаввуф ва ирфон ташкил медиҳанд. Вале забони

ғазалҳои ин дуи охир аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунад. Икромалӣ бештар майл ба сабки ироқӣ дорад. Аммо Нуруллоҳ ғазали маънӣ дар сабки ҳиндӣ мегӯяд.

– Шоирони замони мо дар ҷодаи ғазалсароӣ ба навовариҳои зиёде мушарраф шудаанд. Аз як тараф сабку услуби нигориши шоирони мумтоз, аз тарафи дигар саъйу кӯшиш ва дарки шеъру шоирӣ ба онҳо имконият додаанд, ки вай дар пайравӣ аз шоирони мотақаддам ба дастовардҳои зиёде мушарраф шавад.

## ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ, МАНОБЕЪ ВА ОСОР

### I

1.1. Каримов, Ислом Абдуғаниевич. Оллоҳ қалбимизда, юрагимизда. – Т.: Ӯзбекистон, 1999.

1.2. Каримов, Ислом Абдуғаниевич. Маънавияти воло – неруи мағлубнопазир. – Т.: Маънавият, 2008.

1.3. Каримов, Ислом Абдуғаниевич. Тарихий хотирасиз келажак йўқ. – Т.: Шарқ,1998.

1.4. Каримов, Ислом Абдуғаниевич. Жамиятимиз мафкураси халқни – халқ, миллатни – миллат қилишга хизмат этсин. Дар китоби “Баркамол авлод орзуси. – Т.: Шарқ, 1999.

**II**

2.1. Абдулло Субҳон. Гарди анҷум. – Тошкент: O’zbekiston, 2007, 72 саҳ.

2.2. Абдулло Субҳон. Мушки субҳ. – Душанбе: Адиб, 1988.

2.3. Абдулло Субҳон. Уфуқи пиндор. – Т.: Меҳнат, 2000.

2.4. Абдулҷаббор Кокӣ. Овозҳои насли сурх. – Теҳрон: Уруҷ, 1386 ҳ.ш., 178 саҳ.

2.5. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Ошноӣ бо нақди адабӣ. – Теҳрон: Сухан, 1384 ҳ.ш., 508 саҳ.

2.6. Абдулғанӣ Мирзоев. Сездаҳ мақола. – Душанбе: Ирфон, 1977, 288 саҳ.

2.7. Абдулғанӣ Мирзоев. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X – XV. Дар китоби “Сездаҳ Мақола”. – Душанбе: Ирфон, 1977, саҳ. 5 – 52.

2.8. Абулқосим Лоҳутӣ. Куллиёт, иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷилди 2. – Душанбе: Адиб, 2010, 352 саҳ.

2.9. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Р.Ҳодизода ва Алии Муҳаммади Хуросонӣ. – Душанбе: Адиб, 2007, 416 саҳ.

2.10. Аз Самарқанди чу қанд. – Теҳрон: 1384 ҳ.ш.

2.11. Акбаров Ю. Меҳри Ватан. – Душанбе: Маориф, 1989, 188 саҳ.

2.12. Армуғони Самарқанд (Баёзи эҷодкорон). Мураттибон: Дилшоди Фарҳодзод, Баҳодури Убайдуллоҳ. – Т.: Муҳаррир, 2011, 148 саҳ.

2.13. Асад Гулзода. Насими Бухоро. – Бухоро: “Бухоро”, 2001.

2.14. Аскар Ҳаким. Дар қаламрави сухан. – Душанбе: 1982, 223 саҳ.

2.15. Асозода. Адабиёти тоҷик дар қарни бистум. – Душанбе; 1999, саҳ.

2.16. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз Х.Шарипов ва А.Абдусатторов. – Душанбе: Адиб, 2007, 480 саҳ.

2.17. Аълохон Афсаҳзод. Одамушшуаро Рӯдакӣ. – Душанбе: Адиб, 2008, 312 саҳ.

2.18. Бертельс Е.Э. Суфизм и суфийская литература. – М.: Наука, 1965, 524 саҳ.

2.19. Боғи бисёрдарахт. – Теҳрон: 2004

2.20. Брагинский И.С. 12 миниатур. – М.: Художественная литература, 1976, саҳ. 243.

21. Воҳидов А. ва дигарон. Дурдонаҳои Самарқанд. – Самарқанд: 1997.

2.22. Гулдастаи Самарқанд. Баёзи назму наср. Мураттиб Аслиддин Қамаров. – Т.: Нашриёти адабиёт ва санъати ба номи Ғафур Ғулом; Душанбе: Адиб, 1989, 144 саҳ.

2.23. Девони Сайфи Фарғонӣ. Ба тасҳеҳи Дуктур Забеҳулло Сафо. Ҷ. 1. – Теҳрон: 1361; Ҷ. 2. – Теҳрон: 1361 ҳ.ш., саҳ 116 – 117.

2.24. Давронов С. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф, 1992, 176 саҳ.

2.25. Дорюш Сабур. Офоқи ғазали форсӣ. – Теҳрон: Завор.

2.26. Донишномаи забон ва адабиёти форсии Ӯзбекистон (Қарни бистум то кунун). Гурӯҳи нависандагон ба сарпарастии дуктур Аббосалӣ Вафоӣ. – Теҳрон: Ал-Ҳудо, 1385 ҳ.ш.; Тошканд: 2005,

2.27. Жаъфар Муҳаммад. Кўзгу ҳайрати. Шеърлар. – Т.: “Tamaddun”, 2010, 80 саҳ.

2.28. Зайнулобидин Мўътаман. Таҳаввули шеъри форсӣ. – Теҳрон: Таҳурӣ.

2.29. Қамарзода А. ва дигарон. Адабиёт. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 11-уми мактабҳои таълими умумӣ. – Т.: Ўзбекистон, 2005, 368 саҳ.

2.30. Қамарзода А. Гулистони адаб: Васоити таълимӣ барои омӯзгорон ва донишомӯзон. – Т.: Шарқ, 2007, 688 саҳ.

2.31. Каҳкашони орзу. – Т.: 2000

2.32. Қирқ чироқ. Замонавий Эрон шеърияти. Форс тилидан Ҷаъфар Муҳаммад таржималари. Т.: 2012, “Yangi nashr”, 208 саҳ.

2.33. Қурбониён Р. Вазни шеъри Ҳофиз. – Ховар, № 3, 1-15 феврали соли 2013, саҳ. 10.

2.34. Лоиқ Шералӣ. Куллиёти ашъор. Мураттибон: н.и.ф. Баҳриддин Ализода (Алавӣ), Ромиш Шералӣ. – Душанбе: 2001, саҳифаҳо тағйир мехурад. Баргирифта аз сайти “Андеша”.

2.35. Луғати мухтасари осори адабӣ. Тартибдиҳанда: Ҳалимов Солеҳ.. – Самарқанд: 1998, 134 саҳ.

2.36. Маъруф Раҷабӣ. Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ. – Душанбе: Адиб, 1997, 208 саҳ.;

2.37. Маҳмуд Давлатов. Ғазал ва анъанаи он дар эҷодиёти Абулқосим Лоҳутӣ. – Душанбе: Дониш, 1973, 192 саҳ.

2.38. Мусулмониён Р. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар. – Душанбе: 1984, 213 саҳ.

2.39. Муҳаммад Азимӣ. Аз панҷараҳои зиндагонӣ. – Теҳрон: Огоҳ.

2.40. Мусулмониён Р. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар. – Душанбе: 1984.

2.41. Мусулмонқулов Р. Асрори сухан. – Душанбе: Ирфон, 1980, 152 саҳ.

2.42. Мусулмонқулов Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ. – Душанбе: Маориф, 1987, 88 саҳ.

2.43. Муртазо Кохӣ. Қадри маҷмуъаи "Гул". – Теҳрон: Фарзонрӯз.

2.44. Муҳаммадризо Рӯзбеҳ. Ҳозирги замон эрон адабиёти. Форс тилидан А.Қуронбеков ва бошқ. Таржималари. – Т.: "Yangi nashr", 2012, 300 саҳ.

2.45. Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ. Чун сабӯи ташна (адабиёти муосири форсӣ). – Теҳрон: Ҷом, 1375 ҳ.ш. 384 саҳ.

2.46. Мушоира. Бо алифбои арабиасос. Гирдоварандагон: Раҳим Ҳошим ва Шавкат Ниёзӣ. – М.: Прогресс, 1968, 283 саҳ.

2.47. Муҳаммад Ансор. Шарҳи 42 ғазали Ҳофиз. – Душанбе: 1994, 128 саҳ.

2.48. Наргис Шоалиева. Суҳроб Сипеҳрий шеърятида инсон ва ирфон. – Т.: 2012, 144 саҳ.

2.49. Неъматзода, Маҳбуба. Бонуи бобо. – Самарқанд: Зарафшон, 2000.

2.50. Нодираи Маъруф. Қиссаи Аваз. – Хуҷанд: Ношир, 2003.

2.51. Нормурод Каримзода. Авроқи дил. – Т.: Ўзбекистон Ёзувчилар уюшмаси Адабиёт жамғармаси нашриёти, 2004.

2.52. Нормурод Каримзода. Равзаи роз. – Тошкент.: "Yangi nashr", 2013, 160 саҳ.

2.53. Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт: Иборат аз 5 ҷилд. Ҷилди V. – Душанбе: Ирфон, 1984, саҳ.

2.54. Паймон. Шабоҳанг. – Т.: Ёзувчи, 2000, 240 саҳ.

2.55. Паймон. Шабоҳанг. – Т.: "Sharq", 2012, 272 саҳ.

2.56. Пайрав Сулаймонӣ. Маҷмӯъаи шеърҳо. – Сталинобод: 1941, саҳ.

2.57. Раҳим Ҳошим. Солҳо дар саҳифаҳо. Мақолаҳо ва Ёддоштҳо. – Душанбе: Адиб, 1988, 320 саҳ.

2.58. Раҳмонов Шоҳзамон. Таҳаввули воҳидҳои лирикӣ. – Душанбе: Адиб, 1988, 144 саҳ.

2.59. Сабақи Рӯдакӣ. Китоби 2. Муқаддима, таҳияи матн ва луғату тавзеҳот ба қалами Аҳмад Абдуллоев. – Душанбе: Адиб, 1991, 368 саҳ.

2.60. Салаев В., Қурбониёзов Г. Адабиётшунослик атамаларнинг изоҳли сўзлиги. – Т.: Янги аср авлоди, 2010, 332 бет.

2.61. Сафарзода, Ҳабиб. Форсисароёни Ӯзбекистон. Теҳрон: Ал-Ҳудо, 1388 ҳ.ш. 232 саҳ.

2.62. Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. – М.: 1926.

2.63. Сайидалӣ Маъмур. Сухан аз дӯстон ва устодон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007, 176 саҳ.

2.64. Саййид Ҷаъфари Саҷҷодӣ. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ. – Теҳрон: 1383 ҳ.ш., 814 саҳ.

2.65. Сайфуллоев, Атахон. Аркони сухан. – Душанбе: Маориф, 1985, 272 саҳ.

2.66. Саъдиев С., Самадов А. Адабиёт. Китоби дарсӣ барои синфи 10-уми мактабҳои таҳсили ҳамагонӣ. – Т.: ХЭТН “O’ZBEKISTON”, 2005, саҳ. 171 – 183.

2.67. Сапедадам. Баёзи назму насри адибони ш.Ангрен. – 2014, 72 саҳ.

2.68. Сарводаи Сурхон (Намунаи ашъори шоирони ҳавзаи адабии Сурхондарё). Таҳия ва тадвин аз Олимҷон Давлатов, Хусрав Саъдуллоҳ. – Т.: Тамаддун, 2011, 224 саҳ.

2.69. Сипандии Самарқандӣ. Маҷмӯъаи шеърҳо. Ҷамъоваранда, тартибдиҳанда ва муаллифи сарсухан Шавкат Воҳидов. – Т.: Фан, 1995, 96 саҳ.

2.70. Сирус Шамисо. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ. – Теҳрон: Фирдавс.

2.71. Сирус Шамисо. Анвои адабӣ. – Теҳрон, 1383, 385 саҳ.

2.72. Соид Боқирӣ, Муҳаммадризо Некӯ. Шеъри имрӯз. – Теҳрон: Ал-ҳудо, 1372, 590 саҳ.

2.73. Соҳиб Табаров. Мунзим. – Душанбе: Ирфон, 1991, 152 саҳ.

2.74. Сӯҳроби Сипеҳрӣ. Рози гули сурх. – Теҳрон: Интишороти нигоҳ, 1379, 240 саҳ.

2.75. Тамҳиди Самарқандӣ. Маҷмӯъаи ашъор. Ҷамъоваранда, тартибдиҳанда ва муаллифони сарсухан Камол Воҳидов, Шавкат Воҳидов. – Т.: Фан, 1995, 108 саҳ.

2.76. Фарзона. Саду як ғазал. – Душанбе: Ирфон, 2011, 104 саҳ.

2.77. Холмўминов Ж., Ҳазратқулов Ж. Форсий адабиётининг жаҳон адабиётидаги ўрни. – Т.: Yangi nashr, 2012? 240 саҳ.

2.78. Хоҷа. (Норхоҷа Чориев). Паёме аз жарфои сукут. – Самарқанд: Суғдиён, 1997.

2.79. Хӯҷақулов Сироҷиддин. Ташаккули жанрҳои адабиёти маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ. – Т.: Фан, 2008, 152 саҳ.

2.80. Ҳалимов Солеҳ. Маърифати адабиёт (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). – Самарқанд: 2004, 146 саҳ.

2.81. Ҳамроев Ҷ. Адабиёт. Барои синфи 9. – Т.: “O’ZBEKISTON”, 2006, 256 саҳ.

2.82. Ҳамроев Ҷ. Асрори нақди адабӣ. – Душанбе: Деваштич, 2005, 128 саҳ.

2.83. Ҷалолиддин Ҳумоӣ. Фунуни балоғат ва саноъоти адабӣ. – Теҳрон: Ситораи Қум, 1378, 424 саҳ.

2.84. Ҷаъфар Муҳаммад. Чашми борон. – Термиз: Ҷайҳун, 1997.  саҳ.

2.85. Ҷаъфар Муҳаммад. Мижгони офтоб. – Душанбе: Оли Сомон, 1999.

2.86. Ҷаъфар Муҳаммад. Тулӯъи сабзи ранг. Т.: Нашриёти мероси халқи ба номи А.Қодирӣ, 2003.

2.87. Ҷаъфар Муҳаммад, Р.Қурбониён. Ёдат ба хайр Ҷонибек. – Ховар. № 20 (60), 16–31 декабри соли 2011, саҳ. 8–9

2.88. Ҷаъфари Муайиди Шерозӣ. Шеъри форсӣ аз машрутият то имрӯз. – Теҳрон: 1357.

2.89. Ҷаъфар Муҳаммад. Таҷаллӣ. – Т.: Доиратулмаорифи миллии Ўзбекистон, 2008, 288 саҳ.

2.90. Ҷаъфар Муҳаммад. Ошиқи ишқ. Маҷмӯаи шеър. – Т.: “Yangi nashr”, 2011, 288 саҳ.

2.91. Ҷаъфар Муҳаммад. Таҷаллӣ, саҳ. 145.

2.92. Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ. Ҳанӯз ишқ... (Маҷмӯъаи шеър). – Теҳрон: Суханварон – рушдоварон, 1390 (2011), 268 саҳ.

2.93. Ҷаъфари Муайиди Шерозӣ. Шеъри форсӣ аз машрутият то имрӯз. – Теҳрон: 1357, 340 саҳ.

2.94. Ҷилои ахтарони Сӯх. Т.: Нашриёти “Адабиёт ва санъат”-и ба номи Ғафур Ғулом, 2002, 240 саҳ.

2.95. Ҷонибек. Саховат. Бо сарсуни Лоиқ Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 1998.

2.96. Ҷонибек. Чароғи сухан. Мураттиб Давлати Даврон. – Душанбе: Адиб, 2010, 112 саҳ.

2.97. Ҷумъаназар Эшонзода. Рози дил. – Бухоро: “Бухоро”, 1998.

2.98. Шарифов Х. Каломи бадеъ. – Душанбе: Маориф, 1991, 160 саҳ.

2.99. Шарифов Х. Суннатҳои адабӣ. – Душанбе: 2007, 259 саҳ.

2.100. Шаҳриёр. Баргузидаи ашъор. Гирдоварандагон: Ғ.Қодиров, М.Муллоаҳмадов. – Душанбе: Дониш, 1983, 212 саҳ.

2.101. Шеър оини ӯст (мақолаи тадқиқотии Нуралӣ Раҷаб). – Ховар, 1–15 апрели соли 2012, саҳ. 9.

2.102. Шарифов Х. Суннатҳои адабӣ. – Душанбе: 2007.

2.103. Рӯзномаҳои “Овози тоҷик”, “Овози Самарқанд” ва “Ховар”.

2.104. Китобҳои дарсии Адабиёт (барои мактабҳои тоҷикӣ) ва барномаҳои таълимӣ.

2.105. Як дарича осмон. Гулчине аз шеър ва насри форсӣ (аз дирӯз то имрӯз). Ба кӯшиши Баҳодур Боқирӣ. – Теҳрон: Баҳори дониш, 1377, 216 саҳ.

III

**Саҳифаҳои интернетӣ**

1. lip.ucoz.com/index/khusravi_de_lav/0-51
2. literatura.tarena.tj/
3. omuzgor.my1.ru›load…tochiki/adabijoti_tochik…pdf…